АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЧОРВОДОРӢ ВА ЧАРОГОҲ

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ 636.22+636.082.22(575.34)
ТКБ 46.0+45.3 (тоҷик)
С-33

САФАРЗОДА Зайнудин

# СИФАТҲОИ ГӮШТИИ ЧОРВОИ ПОПУЛЯТСИЯИ МАҲАЛЛӢ ДАР АСОСИ ДУРАГАКУНӢ БО ЗОТИ САРСАФЕДИ ҚАЗОҚӢ ДАР ШАРОИТИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ
аз рӯи ихтисоси 4.2.2. Зотпарварӣ, селексия ва
генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои биологӣ,
дотсент Амиршозода Ф.С.

Душанбе –2026

## МУНДАРИЧА


Номгӯи ихтисорҳо, аломатҳои шартӣ ........................................ 4

**МУҚАДДИМА**.......................................................................... 5

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ**......................................... 8

**Боби 1. ШАРҲИ АДАБИЁТҲО**.................................................. 14

1.1. Таърихи инкишофи чорвои гӯштӣ дар ҷаҳон.............................. 12

1.2. Парвариши чорвои гӯштӣ ва пешрафти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................... 17

1.3. Таъсири омилҳои гуногун, ба гирифтани зоту типҳои нав ва истеҳсоли гӯшти чорвои калони шохдор дар самтҳои гуногун... 25

1.4. Таъсири омилҳои технологӣ ба хусусиятҳои хоҷагидорию биологии зоту типҳои чорвои гӯштӣ.......................................... 28

1.5. Омилҳое, ки ба сифати пусти буққаҳо ва ашёи хоми пуст таъсир мерасонад....................................................................... 38

1.6. Таъсири омилҳои физиологию гематологӣ дар хуни чорвоҳои тадқиқшаванда..................................................................... 42

**БОБИ 2. МАВОДҲО ВА МЕТОДИКАИ ТАДҚИҚОТ**............ 47

2.1. Шароитҳои табиию иқлимии минтақаҳои кӯҳию наздикӯҳӣ ва хоҷагидории ноҳияи Темурмалик.............................................. 47

2.2. Шароит, маводҳо ва методикаи тадқиқот.................................. 50

**БОБИ 3. НАТИҶАИ ТАДҚИҚОТҲО**........................................ 53

3.1. Парвариш ва нигоҳубини чорвоҳои таҷрибавӣ дар хоҷагӣ........ 53

3.2. Пурбаҳо хуронидани буққачаҳои таҷрибавӣ дар хоҷагӣ........... 55

3.3. Вазнафзуншавии шабонарӯзӣ ва мутлақи буққачаҳои тачрибавӣ дар давраи парвариш................................................. 58

3.4. Ченакҳои асосии бӯққачаҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ..................... 62

3.5. Баҳодиҳии селексионии буққаҳои самти гӯштӣ аз рӯи вазнафзуншавии шабонарӯзӣ ва маҳсулнокӣ............................. 67

3.6. Баҳодиҳии муқоисавии нишондодҳои забҳи буққаҳои дурага

| | | |
|---|---|---|
| | ва маҳалии беҳтаркардашуда ва сифати гушти онҳо.................. | 74 |
| 3.7. | Ба навъҳо ҷудо кардани гӯшти заҳбшудаи буққаҳои таҷрибавӣ........................................................................... | 78 |
| 3.7.1. | Таркиби морфологии гӯшти заҳбшудаи буққачаҳои таҷрибавӣ........................................................................... | 80 |
| 3.8. | Нишондодҳои клиникӣ, таркиби морфологию биохимиявии хуни буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) ва буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда........... | 82 |
| 3.8.1. | Нишондодҳои клиникии организми буққачаҳо........................... | 83 |
| 3.8.2. | Тағъирёбии нишондиҳандаҳои гематологӣ ва биохимиявӣ дар организми буққачаҳои таҷрибавӣ............................................... | 87 |
| 3.9. | Таркиби хусусиятҳои пӯст, мӯй ва ҳаҷми он дар буққачаҳои таҷрибавӣ........................................................................... | 90 |
| 3.9.1. | Хусусиятҳои пӯсти буққачаҳои таҷрибавӣ................................. | 91 |
| 3.9.2. | Таркиб, дарозӣ ва зичии мӯй дар пӯсти буққачаҳои таҷрибавӣ. | 92 |
| 3.10. | Самаранокии иқтисодии парвариши буккахои дурага ва маҳалии беҳтаркардашуда........................................................... | 95 |
| | **БОБИ 4. БАРРАСИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.................... | 98 |
| | **ХУЛОСАҲО**......................................................................... | 127 |
| | **ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ**....................................................... | 129 |
| | **РУЙХАТИ АДАБИЁТ**................................................................ | 131 |

## Номгӯи ихтисорҳо, аломатҳои шартӣ

**АИКТ** – Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

**ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур** –Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур

**ДМ**– Давлатҳои муштарокулманофеъ

**АУХҚЛ** – Академияи умумииттифоқии хоҷагии қишлоқ ба номи Ленин

**ИУЧ ба номи Л.Н.Эрнст** – Институти умумирусиягии ба номи Л.К. Эрнст

**ДДАР -** –Донишгоҳи давлатии аграрии Русия

**АКМ**– Академияи кишоварзии Москва

**ИУИТСГ (ВИИМПа)** – Институти умумииттифоқии илмӣ-тадқиқотии саноати гӯшт

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи тадқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳӣ мебошад. Қариб 93% қаламрави ҷумҳуриро минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ фаро гирифтааст. Табиист, ки амалӣ истифодаи оқилона бурдани чунин минтақаҳо, ба монанди минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ, танҳо тавассути парвариши чорвои калон ва хурд ба роҳ монда мешавад.

Барои ташаккули соҳаи чорвои гӯштӣ ба хоҷагиҳои минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ ворид кардани чорвои зоти тозаи махсуси гӯштӣ дар солҳои панҷоҳуми асри гузашта оғоз ёфт.

Бояд қайд намуд, ки дар миқёси ҷаҳон қариб 40% истеҳсоли гӯштро барои таъмини аҳолӣ аз чорвои калони шохдор истеҳсол карда мешавад.

Олим С.А. Данкверт ва дигарон овардааст, ки "... дар 208 кишвари ҷаҳон чорвои калони шохдор парвариш карда мешавад ва аз ин шумора 204 кишвар гӯшт истеҳсол мекунанд. Дар қитъаҳои ҷаҳон саршумори чорвои калони шохдор бештар аст, аз ҷумла дар қитъаи Осиё 520538,9 ҳазор сар, қитъаи Амрикои Ҷанубӣ 347668,8 ҳазор, қитъаи Африқо 297763,4 ҳазор, қитъаи Амрикои Шимолӣ 158372,0 ҳазор, қитъаи Аврупо 121524,1 ҳазор ва Океания 39344,6 ҳазор сар парвариш карда мешавад" [41, С.495].

Олим А.Н. Норов қайд менамояд, ки "... барои тақвият бахшидани ба соҳаи чорводорӣ ва алалхусус чорвои гӯштӣ ва таъмини аҳолӣ ба гӯшти хушсифати аз ҷиҳати экологӣ тоза дар солҳои 50-уми асри гузашта 13 намуди зотҳои махсусгардонидашудаи самти гӯштӣ ба кишвар оварда шуданд.

Инчунин А.Н. Норов қайд менамояд, ки "... зотҳои чорвои гӯштии овардашуда (қазоқии сарсафед, қалмиқӣ, абердин-ангусӣ) ҳангоми мутобиқшавӣ ва парвариш дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ бо зудрасӣ, тобоварӣ бо маҳсулнокии баланди гӯштӣ, сарфаи ками хӯрок, зуд фарбеҳ

шудан ва нигоҳубин, бо истифодаи самараноки чарогоҳҳои табиии кӯҳӣ ба натиҷаҳои хуб ноил гардидаанд” [104, С. 1-3] .

Тадқиқотҳои илмӣ ба ташаккули минтақаҳои чорводории гӯштӣ, афзоиши шумораи чорво, баланд бардоштани наслнокӣ ва истеҳсолӣ имконияти хубе доданд.

Олимон дар соҳаи чорводорӣ, самтҳои гӯштӣ ва ширӣ дурагакунии байни зотҳоро амалӣ намуда, сифатҳои хоҷагидорию биологӣ ва маҳсулнокии ҷавонаҳои дурагаи омехтаи чорвои гӯштиро омӯхтанд. Зиёд кардани саршумори чорвои дурага ва ҳамзамон афзоиши саршумори чорвои сермаҳсули чорвои гӯштӣ, ки ба шароити кӯҳӣ хуб мутобиқ карда шудаанд, ба афзоиши истеҳсоли гӯшти гов дар кишвар мусоидат намуд.

Истифодаи пурраи потенсиали генетикии чорво ҳангоми ҷойгиркунии оқилона ва парвариш аз нуқтаи илмӣ асосноки зотҳо имконпазир аст.

Олим А.Н. Норов қайд менамояд, ки “... дар минтақаҳои баландкӯҳи ҷумҳурӣ дар баробари қутосҳо, сифатҳои хоҷагидорӣ зоти қалмиқӣ, ва дар минтақаҳои миёнаи кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ зоти қазоқии сарсафед хуб зоҳир мешаванд [104, С. 1-3] .

Ҳамзамон ба ақидаи А.Б. Қарақулов “... зоти сарсафеди қазоқии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуда дар ин давом дар шароит ва муҳити минтақаҳои куҳию наздикуҳӣ хуб мутобиқ шуда, дар гирифтани дурагаҳои хушсифат бо чорвои маҳалӣ истифодашаванда мавқеъи хоси худро ёфтааст.” [76, С. 125-128].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ–тадқиқоти селексионӣ оид ба баровардани типу зотҳои нави чорвои кишоварзӣ ва таҳкими фонди миллии генетики чорводории кишвар диққати махсус медиҳад.

Академик А.Б. Қарақулов қайд менамояд, ки "... дар таркиби подаҳои хоҷагиҳои чорводорӣ дар самти парвариши чорводории гӯштӣ чорвои популятсияи маҳаллӣ, ки бо сифатҳои пасти маҳсулнокӣ хос мебошанд, мавқеи хоси худро ишғол менамоянд [76, С. 125-128] .

Аз рӯи таҷрибаҳои А.Н. Норов "... вазни зиндаи модаговҳои калонсоли популятсияи маҳалӣ аз 350 кг зиёд набуда баққаҳои калонсол аз 400 то 450кг вазн доранд. Ранги бадани онҳо гуногун буда, рангҳои сиёҳ, сурх, бурранг ва ғайраро дидан мумки наст. Вазнафзуншавии шабонарузии ҷавонаҳо дар мавсими чарогоҳи аз 400 то 450 граммро ташкил менамояд. Чорвои маҳалиро дар сини то 3 солагӣ бо вазни зиндаи аз 270 то 300 кг барои истеҳсоли маҳсулоти гӯшт месупоранд." [104, С.14-15].

Бояд қайд намуд, ки асоснокии илмии мақсаднокии парвариш ва дурагакунии ин ё он зот ва типи чорвои гӯштӣ ба таври кофӣ вуҷуд надошта, масъалаҳои селексияи онҳо ба таври кофӣ ҳал нашудаанд ва истифодаи чорвои сарсафеди қазоқӣ ва дурага намудани он бо чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси селексия дурагаҳои нави чорвои гӯштӣ ба роҳ монда мешавад. Дар навбати дигар доир ба ҳалли чунин мушкилотҳо олимону мутахассисонро водор месозад, ки барои баланд бардоштани сифати истеҳсоли гӯшт ва кам намудани арзиши аслии воҳиди маҳсулот типу намудҳои нави маҳалӣ баровардa шавад.

Дар байни зотҳои гӯштии махсусгардонидашуда барои баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва сифати чорвои маҳалӣ дурагакунии байни зотҳои гӯштӣ ва чорвоҳои маҳалӣ тадқиқотҳо гузаронида шуданд.

Ҳамин тариқ, гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ҷиҳати хусусиятҳои биологию хоҷагидорӣ ва зотнокии зотҳои чорвои гӯштӣ, аз ҷумла зоти сарсафеди қазоқӣ ва чорвои популятсияи маҳалӣ, байни ҳам дурагакунии онҳо ва гирифтани насли дилхоҳи барои истеҳсоли гӯшти

босифат ва ба такрористеҳсолкунии зоту типҳо дар оянда аҳамияти илмию хоҷагидориро дар бар мегирад.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.** Дараҷаи омӯзиши проблемаи мазкур аз давраҳои ворид шудани зоти сарсафеди қазоқӣ ва парваришу мутобиқшавии он дар минтақахои куҳии Тоҷикистон аз тарафи як қатор олимони ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш ва истифодаи зоти номбаршуда дар истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ дар ҷумҳурӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар таҳияи чунин масъалаҳо, аз ҷумла давраҳои парвариши зоти сарсафеди қазоқӣ, сифатҳои хоҷагидорию биологӣ, маҳсулнокӣ, ва истифодаи онҳо барои гирифтани маҳсулоти гӯштии хушсифати аз ҷиҳати биологӣ тоза саҳми олимони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла А.Б. Қарақулов [73, С. 56- 59; 76, С. 125 – 128]; В.И. Косилов [82, С.91]; А.Н. Норов [104, С. 143]; А.А. Салихов [114, С. 16-19]; Х.А. Амерханов [5, С.33-35]; А.А. Арбобов [9, С. 34 - 36]; Э.Н. Доротюк [43, С. 10-13]; И.П. Заднепрянский [54, С.41-44]; Т.А. Иргашев [63, С. 155 -156]; А.В. Харламов [122, С. 13-14] ва дигар селексионерҳо назаррас аст.

Кори илмӣ оид ба истифодаи буққаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ва дурагаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ бо чорвои популятсияи маҳаллӣ ҷиҳати гирифтани дурагаҳо, афзоиш ва рушди онҳо, нишондиҳандаҳои физиологӣ, химиявӣ, гематологӣ, параметрҳои генетикӣ, сифати гӯшт ва равғани дохилӣ бори аввал муфассал омӯхта шудааст.

**Робитаи тадқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Кори илмӣ дар доираи лоиҳаи илмии ҷумҳуриявӣ "Беҳтар кардани хусусиятҳои генетикӣ ва маҳсулнокии чорвои калони шохдор, қутосҳо ва асп дар хоҷагиҳои моликияташон гуногун" давраи солҳои 2021-2025 (ГР № 0121TJ1155) дар назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ:

**Мақсади тадқиқот.** Истифодаи дурагакунии чорвои зоти қазоқии сарсафед бо чорвои популятсияи маҳаллӣ ва парвариши насли гирифташуда барои зиёд намудани истеҳсоли гӯшт.

**Вазифаҳои тадқиқот:**

1. Дурагакунии буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ ва буққаи беҳтар–кардашудаи маҳаллӣ бо говҳои популятсияи маҳаллӣ.

2. Омӯзиши давомнокии давраи инкишофи ҷанин, вазни зинда, шаклҳои бадан, намуди зоҳирӣ, сифатҳои забҳ ва сифати пӯст.

3. Омӯзиши афзоиш, рушд, шароити нигоҳдорӣ ва ғизодиҳии чорвои таҳқиқшаванда ҳангоми парвариш.

4. Омӯзиши вазни зинда бо баркашии индувидуалии ҳар як чорвои таҳқиқшаванда.

5. Муайян намудани андозагирии берунаи чорвоҳои таҳкиқшаванда дар синни 3,6,9,12,15,18,21,24 моҳагӣ.

6. Омӯзиши таркиби морфологию химиявии сифати гӯшт ва равғани дохилӣ.

7. Арзёбии самаранокии иқтисодии чорвоҳои таҳқиқшаванда.

**Объекти тадқиқот.** Буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ, зоти сарсафеди қазоқӣ, ва говҳои популятсияи маҳаллӣ мебошанд. Истифодаи буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ (3 сар) ва буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳалӣ (5 сар) бо говҳои популятсияи маҳаллӣ 45 сар, ки ба гурӯҳи якум бо буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ 25 сар ва ба бӯққаҳои беҳтаркардашудаи маҳалӣ 20 сар истифода бурда шуданд.

**Мавзӯи (предмет) тадқиқот.** Мавзӯи тадқиқот дурагакунии буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ ва буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ бо говҳои популятсияи маҳаллӣ барои парвариши минбаъдаро дар бар гирифт.

**Навгонии илмии тадқиқот.** Яке аз роҳҳои баланд бардоштани маҳсулнокии чорвои гўштӣ ва сифати ирсии онҳо гузаронидани корҳои дурагакунони ба шумор меравад. Бинобар ин сабаб асоси навгонии илмии кори мазкурро омўхтани нишондиҳандаҳои маҳсулнокии байни дурагаҳои гирифташуда ва чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ, афзоиш ва рушди онҳо, такрористеҳсолкунӣ, самаранокии парвариши буққачаҳо сифати гўшт ва равғани дохилӣ ташкил менамояд. Натиҷаи ин тадқиқотҳо дар кор карда баромадани системаи парвариш ва мукаммалгардонидани маҳсулнокии гўштии чорвои дар кишвар парваришёбанда истифода мешаванд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот.** Аҳамияти назариявии натиҷаҳои илмӣ оид ба дурага намудани буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ бо чорвои популятсияи маҳаллӣ малакаи донишро оид ба усулҳои селексионӣ баланд бардоштани маҳсулнокии чорворо ғани мегардонад ва аз ҷиҳати амалӣ афзоиши истеҳсоли гўшт нисбатан арзон, баландсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин менамояд.

Маводҳои корҳои илмӣ ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз рўи фанҳои тахассусии донишгоҳҳо оид ба зоотехнияи ҷузъӣ, селексия, генетика ва парвариши кишоварзӣ истифода мешаванд.

**Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд.**

1. Омўхтани хусусиятҳои маҳсулнокии гўштии буққачаҳои генотипашон гуногун;

2. Афзоиш ва рушд, хусусиятҳои экстерерӣ, вазни зиндаи буққачаҳои ба воситаи дурагакунӣ ба даст овардашуда омўхта шуд.

3. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада самаранокии иқтисодии маҳсулнокии буққачаҳои ба воситаи дурагакунӣ гирифташуда муайян карда шуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Дараҷаи эътимоднокӣ дар асоси маълумотҳои назариявӣ ва гузаронидани корҳои илмӣ – тадқиқотӣ, ки

ба баланд бардоштани маҳсулнокии гӯшт равона шудааст, корҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба ташаккули маҳсулнокии чорво, вазни зинда, ирсияти генетикӣ, нишондиҳандаҳои морфологӣ ва химиявӣ, дар буққаҳои дурага гирифташуда байни зоти сарсафеди қазоқӣ ва чорвои популятсияи маҳаллӣ бо коркарди статистикӣ тасдиқ карда мешаванд.

Корҳои тадқиқотӣ бо истифода аз усулҳои умумии қабулшуда, ҳамчун усулҳои зоотехникӣ, генетикӣ, технологӣ, химиявӣ ва иқтисодӣ гузаронида шудаанд. Инчунин барои баланд бардоштани маҳсулнокии гӯшт ва сифати гӯшти буққаҳо усулҳои дурагакунӣ равона карда шуда, натиҷаҳо бо коркарди оморӣ аз рӯи методикаи Стюдент коркард карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори диссертатсионӣ ба талаботҳо ва шиносномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси: 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ мувофиқат мекунад.

б.1. Беҳтар намудани зотҳо, намудҳо, навъҳо, зотҳо ва зотҳои мавҷудаи ҳайвоноти кишоварзӣ;

б.2. Такмили усулҳои мавҷуда ва кор карда баромадани усулҳои нави селексия, баҳодиҳии зотпарварӣ ва сифатҳои маҳсулнокии ҳайвоноти кишоварзӣ;

б.3. Самаранокии усулҳои гуногуни селексия барои зотпарварӣ ва зотӣ;

б.5. Баҳодиҳии хусусиятҳои берунӣ-конститутсионӣ ва ботинии ҳайвонот ва истифодаи нишондиҳандаҳои онҳо дар кори зотпарварӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тадқиқот.** Довталаб бо роҳбари илмӣ самт, мақсад ва методикаи тадқиқотро таҳия намудааст. Шахсан ва мустақилона дар мавзӯъи интихобшуда ҷустуҷӯи манбаъҳои адабиётҳоро гузаронида, дар хоҷагӣ гурӯҳҳои буққаҳои гӯштии насли сарсафеди қазоқӣ ва чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ

ташкил намудааст. Таҷрибаҳо оид ба омӯзиши вазни зинда, баҳодиҳии намуди беруна (экстерьер), конститутсия, маҳсулнокӣ, нишондиҳандаҳои морфологӣ ва хусусиятҳои хоҷагидорӣ, самаранокии иқтисодӣ, тарҳрезии диссертатсия ва автореферат гузаронидааст.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Маводҳои асосии кори илмӣ дар:

- ҷаласаҳои солонаи шуъбаи "Селексия ва технологияи чорвои гӯштӣ, қутоспарварӣ ва аспарварӣ" –и Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (Душанбе 2021-2023);

- конференсияи илмию амалии байналмилалии Институти иқтисодиёт ва таҳлили системавии рушди кишоварзӣ дар мавзӯи “Рақамикунонӣ дар соҳаи кишоварзӣ омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ”, (Душанбе – 2024);

- конференсияи илмӣ байналмилалии Донишгоҳи давлатии Фағона дар мавзӯи “Технологияи инноватсионии рушди кишоварзӣ дар Узбекистони ҳозира” Ҷумҳурии Узбекистон (ДДФ – 2025);

- конференсияи илмию амалии байналмилалии Институти тибби ветеринарӣ дар мавзӯи “Усулҳои инноватсионӣ ва муосири ташхис, пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ дар парандапарварӣ ва чорводории саноатӣ” (Душанбе, – 2025);

- ҷаласаи васеи шуъбаи "Селексия ва технологияи чорвои гӯштӣ, қутоспарварӣ ва аспарварӣ" бо иштироки дигар шӯъбаҳои Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар соли 2025 арзёбӣ карда шуд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯи маводҳои иҷрошудаи кори диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ нашр шудааст, ки аз он 4 мақола ба рӯйхати маҷаллаҳои ба қайд гирифташудаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, шарҳи адабиёт, маводҳо ва методикаи тадқиқот, натиҷаҳои тадқиқот, муҳокима, хулосаҳо, пешниҳодҳо ба истеҳсолот ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат аст. Кор бо ҳуруфи компютерӣ дар ҳаҷми 145 саҳифа навишта шудааст ва аз 29 ҷадвал ва 17 расм иборат аст. Рӯйхати адабиётҳо 145 номгӯй, аз ҷумла 11 манбаъ бо забонҳои хориҷиро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ШАРҲИ АДАБИЁТҲО

## 1.1. Таърихи инкишофи чорвои гӯштӣ дар ҷаҳон

Соҳаи чорводорӣ яке аз соҳаҳои асосии комплекси агросаноатӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини маҳсулотҳои аз чорво, паранда ва дигар намудҳо гирифташуда аҳолиро таъмин менамояд. Дар асоси гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ зиёд намудани саршумори чорвои зотӣ ва дар ин асос ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти чорво [1, С.10-12], махсусан ворид намудани чорвои сермаҳсули гӯштӣ ва ба роҳ мондани парвариши чорвои зотҳои махсусгардонидашудаи гӯштӣ дар шароити Тоҷикистон [9, С. 34 -36; 11, 237 С.], эътибор додан ба сифати гӯшти чорво [34, С.79-81], гирифтани дурагаҳои сермаҳсуле, ки нисбат ба волидайни худ бартарӣ дошта [68, С. 131 - 136] ва ҷори намудани системаи ягонаи чорводорӣ [72, С. 45-59] ва дар навбати худ саноатро бо ашёи хоми боқимондаҳои чорво таъмин намояд [104, С. 143].

Ба самтҳои асосии чорводорӣ барои парвариш ва таъмини аҳоли бо маҳсулотҳои хушсифати чорво - говпарварӣ (раванди маҳсулкокиаш ширӣ, ширию гӯштӣ ва гӯштию ширӣ), бузу гӯсфандпарварӣ, қӯтоспарварӣ, аспparварӣ, моҳипарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва ғайра дохил мешаванд [13, С. 11 -23; 14, С.180; 25, С.2-3].

Олимон қайд намуданд, ки дар тули ҳазорсолаҳо аз 50 000 намуди ҳайвоноти ширхур 36 намуди онро, ки ба мардум маҳсулотҳои серғизо медиҳанд, барои истифода хонагӣ карда шудаанд. Аз ин шумора 18 намуди он ба чорво ва 18 намуди дигар ба парандаҳо мансуб мебошанд.

А.М. Холманов тадқиқ намудааст, ки “... аз 18 намуди чорво, ки ҳам чорвои калони шохдор ва ҳам чорвои майдаи шохдоро ташкил менамояд, мавқеъи асосиро чорвои майдаи шохдор ишғол менамояд. Аз

саршумор ва зотҳои чорвоҳои ба дастовардашудаи олимон ва мутахассисон дар ҷаҳон 25%, яъне 1229 зотро зотҳои гӯсфандон ташкил менамоянд” [128, С. 15-20].

Дар самти чорвои калони шохдор бошад, дар ин давра аз тарафи олимону мутахассисон 1102 зоту типҳо бароварда шудааст, ки аз шумораи зоту типҳои чорво баъди гӯсфандон ҷои дувумро ишғол менамояд ва 22%-ро ташкил менамоянд [125, С. 2-5; 126, С. 124; 127, С. 61-66; 129, С. 5-8].

Дигар намуди чорвоҳо бошад - аспҳо 699 зоту типҳо (14%), хукҳо 599 зоту типҳо (12%) ва бузҳо 599 зоту типҳо (12%) –ро ташкил менамоянд. [128, С. 15-20; 130, С. 45-47].

Самти дигаре, ки аҳолиро бо маҳсулоти гӯштии серсафедаю парҳезии зудҳазм ва тухм таъмин менамояд, ин парандапарварӣ мебошад. Вобаста ба синфи парандаҳо, мурғон 63%-и парандаҳоро ташкил намуда аз 1233 зоту типҳо иборатанд. Боқимонда 11% - ро харгӯшҳо ва 9% -ро мурғобиҳо ташкил менамоянд. [41, С. 495].

Дар миқёси ҷаҳон мурғҳо 21867 млн. сар, чорвои калони шохдор 1485 млн. сар, гӯсфандон 1169 млн. сар, бузҳо 996 млн. сар, хукҳо 966 млн. сар, буйволҳо 199 млн. сар, аспҳо 59 млн. сар ва харгушҳо 918 млн. сар парвариш меёбанд [39, С.506; 40, С. 554].

Хулоса он типу зотҳо, парандагон ва намудҳои дигари чорвою паранда, ки дар тулии ҳазорсолаҳо аз тарафи мутахассисону олимон бароварда шудаанд, дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои серғизою серсафеда, ки ба организми инсон зарур аст саҳм мегузоранд.

Яке аз масъалаҳои асосӣ ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо ғизои хушсифат ин истеҳсоли маҳсулоти гӯшти мебошад.

Дар натиҷаи хонагӣ намудани чорвоҳои ба самти истеҳсоли маҳсулот (ширу гӯшт ва ғ.) равона карда чорвоҳои хонагӣ кардашуда

маҳсулотҳои на он қадар қонеъкунанда медоданд. Дар натиҷаи зиёд шудани аҳолӣ ва талабот ба маҳсулотҳои аз чорво гирифташуда зиёд шудан, олимону мутахассисонро водор намуд, ки ба баровардани типу зотҳои чорвою паранда, ки нисбат ба ҳамавлодони худ маҳсулотҳои баланд медиҳанд камар банданд. Дар натиҷа барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулотҳои чорводорӣ типу зотҳои нави сермаҳсул офаридаанд.

Олим И. Дунин дар натиҷаи таҳлил овардааст, ки "... яке аз давлатҳои истеҳсоли баланди гӯшт Хитой ба ҳисоб меравад, ки зиёда аз 81123,1 ҳазор тонна гӯшт дар соли 2012 истеҳсол намудааст, ки дар истеҳсоли гӯшти ҷаҳон 26,8%-ро ташкил менамояд. Баъди давлати Хитой, Америка бо истеҳсоли 42548,4 ҳазор тонна (14,1%) ва Бразилия 24961,3 ҳазор тонна (8,3%) истеҳсол намудаанд. Давлати Русия бошад дар ҷои панҷум меистад, ки истеҳсоли 8137,3 ҳазор тонна (2,7%)-ро дар бар мегирад" [51, С. 2-5].

Олимон бар он ақидаанд, ки натанҳо чорвои гӯштӣ барои истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ истифода мешаванд [2, С 149; 50, С.2-5], махсусан дар Федератсияи Русия, ки қисми зиёди истеҳсоли маҳсулоти гӯштиро дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди шуравӣ ташкил медод [50, С.2-5; 51, С. 2-5; 96, с. 478;], балки баровардани зоту типҳои сермаҳсули чорвоҳои генотипашон гуногун низ дар истеҳсоли гӯшт саҳми худро мегузоранд [101, С. 57; 103, С. 195]. Лекин олимон дар он ақидаанд, ки ҳиссаи чорвои гӯштӣ дар истеҳсоли гӯшт бояд аз 45 то 85%-ро ташкил диҳад [135, С. 198-204; 136, С. 4; 137, С. 53-58; 139, С.102-180].

А.М. Холманов ва дигарон қайд менамоянд, ки "... дар байни кишварҳои ҷаҳон давлатҳое, ки аз ҳамма зиёд саршумори чорворо парвариш менамоянд ва истеҳсоли маҳсулоти чорворо низ барои таъмини аҳолии кураи замин бар уҳда доранд зиёд ҳастанд. Дар байни чунин кишварҳо аз рӯи саршумори чорвои калони шохдор аз ҳамма

пешсаф ин давлати Ҳиндустон мебошад, ки 218 000,0 ҳазор сар дорад, ки 14,7% саршумори чорвои калони шохдори ҷаҳонро ташкил медиҳад. Баъди он Бразилия 211279,1 ҳазор, (14,2%); Чин 115139,6 ҳазор, (7,8%); ИМА 90768,5 ҳазор, (6,1%); Эфиопия 53990,1 ҳазор, (3,6%); Аргентина 47500,0 ҳазор, (3,2%); Судон 41917,0 ҳазор, (2,8%); Покистон 36900,0 ҳазор, (2,5%); Мексика 31925,2 ҳазор, (2,1%); Австралия 28418,4 ҳазор, (1,9%) ва Русия 20133,8 ҳазор сар (1,4%) – ро дар бар мегирад” [127, С. 61-66].

## 1.2. Парвариши чорвои гӯштӣ ва пешрафти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қаторкуҳҳо иборат буда, ҳудуди 93%-и онро ташкил менамояд. Зиёда 3 млн. га ба чарогоҳ мансуб буда барои нигоҳубин ва парвариши чорвоҳои гӯштӣ мувофиқ мебошад.

Парвариши чорвои гӯштӣ асосан дар чарогоҳҳои куҳию наздикуҳии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ба роҳ монда шуда дар давоми сол ба чарогоҳҳои тобистона ба дигар минтақаҳои чарогоҳии ҷумҳурӣ интиқол дода мешаванд.

Дар натиҷаи тадқиқотҳои бисёрсолаи олимон аз 13 зоти махсусгардонидашудаи самти гӯштӣ дар шароити куҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон фақат зотҳои сарсафеди қазоқӣ, абердин ангусс ва қалмиқӣ дар чунин шароит мутобиқ шудаанд ва ҳамроҳи зотҳои маҳалӣ ҳамчун зотҳои мувофиқ ба шароити гуногуни куҳистон дониста шудаанд.” [104, С. 40].

Дар ин давом дар натиҷаи тадқиқотҳои олимон чорвоҳои махсусгардонидашуда дар шароити чарогоҳҳои куҳию наздикуҳи хуб мутобиқ шуда, ба якдигар ва чорвоҳои маҳалӣ дурага намуда наслҳои ба шароити ҷумҳурӣ мувофиқ ба даст оварда шуданд [14, С.180; 52, С. 18-20; 63, С. 155 -156; 73, С. 56- 59; 76, С. 125 – 128].

Дар натиҷаи омӯзиш ва гузаронидани тадкиқотҳо дар чорвоҳои гӯштии мазкур бо истифодаи интихоби дурусти чорвои сермаҳсул ва ҷудо намудани чорвоҳои зотӣ барои гузаронидани корҳои селексинӣ олимони ҷумҳурӣ ва берун аз он барои дар оянда парвариш ва ба роҳ мондани самти чорвои гӯштӣ типу дурагаҳои нави мутобиқ ба шароити чарогоҳҳо ва иқлими Тоҷикистон баровардаанд [43, С. 10-13; 64, С. 154-155; 70, С.3-8; 90, С. 48-53; С. 105,С. 95; 106, С.43-44; 120, С. 2-6].

Дар қайди омор оварда шудааст, ки "... дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 саршумори чорвои калони шохдор 2 млн. 544 ҳазор сар расидааст, ки қариб 1 млн. 322 ҳазорашро модаговҳо ташкил менамоянд. Аз ин шумора қариб 0,3% - ро чорвои гӯшти ташкил менамояд. Истеҳсоли гӯшт бошад дар соли 2023 ба 300 ҳазор тонна расидааст, ки ба ҳар як сари аҳолии мамлакат дар давоми сол то 30 кг бо вазни зиндаро дар бар мегирад" [116, С. 100-111].

**Зоти сарсафеди қазоқӣ.** Аз соли 1958 сар карда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зоти сарсафеди қазоқӣ ҷиҳати беҳтар намудани сифатҳои гӯштии чорвоҳои маҳаллӣ ворид карда шудааст. То ба ин давра, зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити баландкӯҳҳои ҷумҳурӣ хуб мутобиқ шуд (расми 1).



**Расми 1. - Зоти махсусгардонидашудаи сарсафеди қазоқӣ**

Насли сарсафеди қазоқӣ дар ин давом истеҳсоли баланди маҳсулнокии гӯштии аз ҷиҳати экологи тозаро нишон дода ба шароити нигоҳубин дар минтақаҳои кӯҳию наздикуҳии ҷумҳурӣ ба хунукӣ ва гармӣ хуб мутобиқ шудааст [4, С.29 -32; 7, С.50; 26, С. 185-244; 54, С.41-44; 59, С. 214; 82, С.91].

Олимони соҳаи чорводорӣ дар мақолаю асарҳои илмии худ қайд менамоянд, ки зоти қазоқии сарсафед худро ҳамчун чорвои мутобиқшудаи зудрас дар шароити куҳию наздикуҳӣ нишон дода аз рӯи хусусиятҳои генетикӣ гӯсолаҳо бо модарашон хеле хуб инкишоф меёбанд ва дар синни 8-моҳагӣ вазни онҳо ба 220-250 кг мерасад (Расми 2).



**Расми 2. Буққачаи то 8 моҳаи зоти сарсафеди қазоқӣ**

Дар сини якунимсолагӣ бошад бо вазни зиндаи 450-480 кг барои истеҳсоли гӯшт равона карда мешавад [84, С. 45-47; 114, С. 16-19].

Асосан аз рӯи ақидаи А.Н. Норов "... чорвои калони шохдор аз рӯи вазни зинда ва калонҷуссагӣ ба аз ҳамма калонҷусса, калонҷусса ва миёна тақсим мешавад. Зоти сарсафеди қазоқӣ ба зотҳои калонҷусса дохил мешавад. Дар қатори ин зот дигар зотҳо низ аз қабили зотҳои сиёҳ-ало, голштинофризӣ, курганӣ, бестужевӣ, герефордӣ ва дурагаҳои он, санта-гертруда ва дурагаҳои он, шортгорнӣ ва дуругаҳои он ва зоти қалмиқӣ дохил мешаванд." [104, С. 99].

Дар натиҷаи заҳматҳои олимони тоҷик дар тули зиёда аз 50 сол зоти қазоқии сарсафед, ки ба Тоҷикистон ворид карда шуда буд, ба шароти куҳию наздикуҳии ҷумҳурӣ бо хуби мутобиқ шуда дар натиҷа чандин наслҳо гирифта шуд ва дар солҳои охир аз тарафи Вазорати кишоварзии Тоҷикистон дар натиҷаи селексияи байни чорвои зоти сарсафеди қазоқӣ ва чорвои беҳтаркардашудаи популятсияи маҳалӣ ҳамчун типи дохилизотии чорвои сергӯшти тоҷикӣ шинохта шуд.

**Зоти махсусгардонидашудаи қалмиқӣ.** Зоти мазкур дар давраҳои солҳои 70-уми асри гузашта барои истифодаи чарогоҳҳои кӯҳию наздикуҳии ҷумҳурӣ ва беҳтар намудани самти чорводории гӯштӣ ва дар оянда истифода бурдани он дар дурагакунии чорвоҳои маҳалӣ ба ҷумҳурӣ ворид карда шудааст (Расми 3).



**Расми 3. - Зоти махсусгардонидашудаи қалмиқӣ**

Олим А.Б. Қарақулов овардааст, ки “... дар назар дошта шудааст, ки чорвои қалмиқӣ, ҳамчун чорвои на он қадар калонҷусса, ба шароити куҳсор хуб мутобиқшуда ва майдонҳои чарогоҳро вайрон намекунад, бо мақсади ташкил намудани фермаи зотии чунин зот ва коркарди технологияи чорвои гӯштӣ аз рӯи системаи пода “гов-гӯсола” ба минтақаҳои куҳии Тоҷикистон оварда шудааст Дар натиҷаи парвариш ва мутобиқгардонии зоти қалмиқӣ дар шароити минтақаи ҷануби Тоҷикистон, ин зот ба шароити муҳит ва чарогоҳҳо хуб мутобиқ шуда дар гирифтани наслҳои зотӣ ва беҳтар шудаи чорвои маҳалӣ мукаммал истифода бурда шудааст.

Дар натиҷаи парвариш ва нигоҳубини дуруст ва гузаронидани корҳои селексионӣ аз тарафи як қатор олимон вазни зиндаи зоти

қалмиқӣ то 780 кг беҳтаринашон 850-1000 кг, ва баромади гӯшти холис бошад то 58-60% мерасад.

Вазни зиндаи модаговҳо бошад аз 450 то 650 кг ва аз ин ҳам зиёд мешавад. Ғуноҷинҳо бошад дар синни ҳаштмоҳагӣ аз 180 то 250 кг ва синни 18 моҳагӣ ба 380 кг мерасад. Дар заводҳои парвариш бошад ба 450-500 кг вазни зиндаашон мерасад" [75, С. 23].

Олимони соҳаи чорводорӣ дар ҷумҳурӣ корҳои селексиониро барои беҳтар кардани наслҳои гирифташудаи чорвоҳои беҳтаркардашудаи маҳалӣ ба воситаи зоти қалмиқӣ (беҳтар кардани шакли беруна яъне экстерер, конститутсия) ва баланд бардоштани маҳсулнокии гӯштии онҳо давом дода истодаанд [12, С.122-131; 17, с. 272; 42, С.198-199; 77, с. 360; 78, С. 3- 10].

Аз тарафи олим А.Б. Карақулов "... дар шароити чарогоҳии ҷумҳурӣ мутобиқатшавии ин зот, бо зудрасӣ, вазни зинда ва маҳсулоти гӯштӣ аз дигар зотҳои воридшуда фарқ мекунад ва дар натиҷаи дурага намудани зоти мазкур бо қутосҳо насли дурагаи онҳо гирифта шудааст." [75, С.11-12.].

Олимони дигар низ дар истифодаи зоти қалмиқӣ бо дигар зоту намудҳои чорво корҳои илмию селексиониро давом дода истодаанд [47, С.202; 48, С. 71-84; 49, с. 311; 55, С. 108 -116].

**Зоти махсусгардонидашудаи абердин - ангусӣ.** Дар қатори дигар зотҳои гӯштие, ки ба Тоҷикистон оварда шудаанд, зоти абердин-ангуссӣ низ ворид карда шудааст.

Зоти мазкур дар шароити наздикӯҳии қисми шимоли Шотландия дар охирҳои асри нуздаҳ офарида шудааст.

Зоти абердин – ангусс дар шароити куҳии Тоҷикистон нағз мутобиқ шуда аз дигар зотҳои гӯштии парваришёбанда бо зудрасӣ фарқ мекунад (Расми 4).



**Расми 4. - Зоти махсусгардонидашудаи Абердин - ангуссӣ**

Дар таҷрибаҳои худ А.Н. Норов овардааст, ки “... дар натиҷаи қасобии буққачаҳои генотипашон гуногун дар синни 17 – моҳагӣ гӯшти зиёд аз зоти абердин –ангусс 215 кг гирифта шуд, чорвои маҳаллӣ бо чунин нишондод 52 кг, ва ҳамҷинсони худ сарсафеди қазоқӣ ба миқдори 8 кг ва зоти қалмиқӣ ба миқдори 15 кг кам нишон дода шудааст. Баромади гӯшт дар гурӯҳи I – ум 56,5%; II – юм 60.6% (абердин – ангусс); III – юм 56,4% ва гурӯҳи IV – ум 57,5% -ро ташкил намудааст.” [104, С. 124].

Ба ақидаи олимони дигар [19, С. 67-87; 20, С. 15-16; 21, с. 50; 22, с. 624; 23, С.56-57; 24, с. 156] зоти абердин-ангусс дар чарогоҳҳои зимистонаи куҳӣ мутобиқати хуб дошта, зудрас ва дар муқоиса зотҳои дигари гӯштӣ нисбатан хурд буда, вазни зиндаи буққаҳо аз 600 то 700 кг, ва вазни зиндаи модаговҳо бошад аз 400 то 450 кг мерасад.

Гӯсолаҳои навзод дар вақти таввалуд аз 19 то 25 кг-ро ташкил менамояд. Зоти мазкур дар таҷрибаҳои илмию селексионии бисёри олимон аз рӯи маҳсулнокии назарраси босифати гӯштӣ ва зудрасии

ҷавонаҳо дар корҳои илмии онҳо бо гирифтани натиҷаҳои хуб тавсиф карда шудааст [5, С.33-35; 6, С.9-10; 18, с.126; 79, С. 38-41; 107, С. 24-28].

Дар хулосаҳои А.Н. Норов оварда шудааст, ки "... асосан аз рӯи ақидаи олимону мутахассисон зоти абердин-ангуссӣ аз ҷиҳати вазн ва калонӣ ба зотҳои миёна дохил мешавад. Дар қатори ин зот дигар зотҳо низ аз қабили зотҳои сурхи даштӣ, сурхи горбатовӣ, холмогорӣ, ярославӣ, айширӣ, галовейӣ ба зотҳои миёна дохил мешаванд." [104, С. 99].

**Чорвои популятсияи маҳаллӣ.** Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон давлатҳое мебошанд, ки дар онҳо чорвои маҳалии зебушакл парвариш карда мешаванд. Дар давлатҳои мазкур ҳаво одатан гарму хушк ва боришоти кам ба қайд гирифта шудааст.

Ба ақидаи А.Б. Қарақулов "... миқдори зиёди саршумори чорвои калони шохдорро дар минтақаҳои куҳии Тоҷикистон чорвои маҳалӣ ташкил менамояд, ки пештар дар шароити номусоидии ҳам дар ҳамвориҳо ва ҳам дар ноҳияҳои куҳсори ҷумҳурӣ парвариш карда шудаанд. Лекин маълумотҳои назаррас нисбати таърихи чорвои маҳалӣ маълум нест." [75, С. 17].

Хамин тариқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чорвои популятсияи маҳалӣ фисади зиёди саршумори чорворо ташкил менамояд. Чорвои маҳалӣ ба шароити номусодии боду ҳаво ва тағъирёбии иқлими минтақаҳои ҷумҳурӣ хуб мутобиқ буда, ба касалиҳои инвазионӣ ва

паразитии чорво нисбат ба чорвоҳои маданӣ тобоваранд.

Академик А.Б. Қароқулов қайд менамояд, ки "... чорвои маҳалӣ гарчанде аз ҷиҳати маҳсулнокӣ ва зудрасӣ аз чорвоҳои маданӣ пастаранд, лекин аз ҷиҳати тобоварӣ ва хусусиятҳои каммасрафии хӯрок ва мутобиқатии онҳо ба шароиту касалиҳо бартарӣ доранд ва барои истифодаи дурагакунонӣ бо дигар зотҳои маданӣ ба мақсад мувофиқ мебошанд" [78, С. 3-10].

Аз ин лиҳоз аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ барои дурага намудани чорвои маҳалӣ бо зотҳои махсусгардонидашудаи гӯштӣ ва ба воситаи онҳо гирифтани насли дурага барои давом додани корҳои селексионӣ ва истеҳсоли гӯшт корҳои илмию таҳқиқотӣ гузаронида истодаанд [9, С. 34 -36; 72, С. 45-59].

Бо вуҷуди ин, зотҳои махсусгардонидашудаи сермаҳсули гӯштӣ, ки ба шароити муҳити баландкӯҳҳо хуб мутобиқ карда шудаанд, ҳанӯз вуҷуд надоранд ва парвариши чорвои маҳаллӣ ва қутосҳо дар чунин минтақаҳо бо маҳсулотҳои паст самаранок нест [106, С.43-44].

Олимон бисёртар барои беҳтар намудани маҳсулнокӣ чорвои популятсияи маҳалиро бо дигар зотҳои мувофиқи баландмаҳсул дурага намуда, ба ин восита маҳсулнокии онҳоро беҳтар менамоянд. Инчунин аз тарафи олимон типи сиёҳ-алои тоҷикӣ [13, С. 11 -23; 14, с.180; 68, С. 131 -136], типи чорвои сергӯшти тоҷикӣ [64, С. 154-155] типи фархории зоти гӯсфанди ҳисорӣ ва экотипи зарафшонии қутосҳои помирӣ ба вуҷуд оварда шуданд. [9, С. 34 -36; 73, С. 56- 59; 76, С. 125 – 128; 77, с. 360; 78, С. 3- 10; 104, с. 143; 105, С. 95].

Барои таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо гӯшти аз ҷиҳати экологӣ тоза, сифати мармарӣ дошта ва дорои сафедаи баланд парвариши зотҳои гӯштӣ бо буққаҳои маҳаллӣ ва зоти зебу индубразил дар шароити минтақаи кӯҳии Тоҷикистон корҳои дурагакунӣ бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии гӯшт ва пӯст гузаронида шудааст [85, С.4; 88, С.153-155; 108, С. 15-22].

Дар Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон олимон солҳои тулони дар саршумори чорвои кишоварзӣ таҳқиқотҳои илмӣ гузаронида дар натиҷа бо роҳи истифодаи чорвои зоти сарсафеди қазоқӣ ва чорвои популятсияи маҳалӣ типи нави чорвои сергӯшти тоҷикиро ба вуҷуд овардаанд, ки аз ҷиҳати маҳсулнокӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити чарогоҳҳои кӯҳию наздикуҳӣ мувофиқ буда

дар қатори чорвоҳои гӯштии махсусгардонидашуда бо маҳсулнокии миёна истифода бурда мешаванд.

## 1.3. Таъсири омилҳои гуногун, ба офаридани зоту типҳои нав ва истеҳсоли гӯшти чорвои калони шохдор дар самтҳои гуногун

Асосан дар самти чорводорӣ барои парвариш ва гирифтани зоту типҳои сермаҳсули дилхоҳ аз нуқтаи назари олимону мутахассисон ҷудо намудани чорвои беҳтарин, интихоби дурусти чорво барои такрористеҳсолкунӣ, ба зотнокӣ, ирсият, намуди беруна (экстерер), танумандӣ (конститутсия) ва ба касалиҳои инвазионию паразитӣ дучор набудани чорво диққати махсус дода мешавад.

Ба ақидаи А.Н. Норов "... дар самти парвариши чорвои гӯштӣ барои гирифтани насли дилхоҳи ба талаботҳои зоотехникӣ ҷавобгӯй аз усулҳои дурагакунии заводӣ, фурубарӣ, хундавонӣ, саноатӣ ва гибридкунонӣ истифода бурда мешаванд.

Аз ҷумла дар дурагакунии заводи бо истифодаи ду ва якчанд зот, зоти нави беҳтар аз дигар зотҳои истифодашаванда гирифта мешавад. Дар дурагакунии хундавонӣ ва фурубарӣ барои мукаммал ва беҳтар намудани сифати чорвоҳо, чорвоҳои беҳтаркардашуда ба даст оварда мешавад. Дар дурагакунии саноатӣ бошад истифодаи ду зот барои гирифтани дурагаи якум барои истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ гирифта мешавад.

Бо усули гибридкунонӣ ду намуди чорво истифода бурда мешавад, ки дар натиҷа байни ду намуд, намуди нави чорво гирифта мешавад" [104, С.36].

Дар натиҷаи дурагакуниҳо аз тарафи як қатор олимон байни чорвоҳои зотӣ дар зоти сарсафеди қазоқӣ [58, С.19-21; 87, с.304; 111, С. 20-24] зотҳои сиёҳ-ало, голштинофризӣ [86, с. 268; 100, С. 26-28], курганӣ, бестужевӣ, герефордӣ [140, С.54-63], санта-гертруда [113, С.62-

65], шортгорнӣ, зоти сурхи даштӣ [83, 425], сурхи горбатовӣ, холмогорӣ, ярославӣ, айширӣ, галовейӣ, абердин –ангуссӣ ва зоти қалмиқӣ бо чорвоҳои маҳалӣ [44, с. 144; 119, с. 116] ва дигар зотҳо усули дуракунониро [134, С. 73-79; 138, С.15-21;145, С.1111-1120] истифод бурда, дар натиҷа дуругаҳои онҳо гирифта шудаанд [118, С. 31 -32; 15, С. 88-91; 33, с. 103; 141, С. 38-42; 143, С.38-46; 144, С.11-20].

Бо назардошти хусусиятҳои зотӣ ва индувидуалии чорвои гӯштӣ дар давраи парвариш ва хӯронидан барои истеҳсоли гӯшт хусусиятҳои ирсӣ таъсири баланд мерасонад [71, С. 3-9; 112, с.163]. Ва синну сол [28, С. 68-74], ҷинс, мавсими бордоршавӣ, мӯҳлати парвариш ва фарбеҳшавӣ [45, С.35-42; 46, С. 10-15; 122, С. 13-14] ба омилҳои физиологӣ [80, с. 287; 102, с. 46] мансуб мебошанд [110, С. 61-64].

Дар асл, Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои махсус дорад, чунки зиёда аз 3 млн. га заминҳои чарогоҳи мавҷуд аст. Дар баъзан чарогоҳҳои баландкуҳ имконияти нигоҳ доштани чорвои гӯштӣ маҳдуд аст, ва фақат самти қутоспарварӣ имконияти истифодаи чунин чарогоҳҳоро дорад.

Аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ дар давоми чандин солҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мутобиқ гардонидани чорвоҳои зотии гӯштӣ қариб 13 зот дар корҳои илмии таҳқиқотӣ истифода бурда шудаанд. Танҳо се зоти асосӣ, зоти сарсафеди қазоқӣ, абердин-ангусс ва зоти қалмиқӣ дар натиҷаи мутобиқ шуданашон ба шароити иқлимии ҷумҳурӣ ва маҳсулнокии хуби гӯштӣ ба нақшаи парвариш дар оянда ва ҳамчун чорвоҳои махсусгардонидашуда ҳисобида шуда дар дурагакунии чорвоҳои маҳалӣ ва дигар зоту типҳо истифода бурда мешаванд [104, с. 143 107, С. 24-28].

Чунин натиҷаҳоро олимони дигар низ [61, с. 45; 74, с. 18; 94, с.458; 99, С. 86-78; 121, С.125-143; 131, С. 92-97] эътироф намуда овардаанд, ки дар натиҷаи таҳқиқотҳо маълум карда шуд, ки дар натиҷаи пурбаҳо хӯронидани чорво ба натиҷаҳои мусбат расидан мумкин аст.

Ф.М. Раҷабов қайд менамояд, ки “... новобаста аз ирсият, ҳолатҳои физиологӣ ва такрористеҳсолкунии чорвои гуштӣ, афзалияти пурбаҳо хӯронидани чорво ба маҳсулнокӣ ва сифати гӯшт таъсири мусбат мерасонад” [112, С. 3-4].

Бо чунин ақидаҳо олимони зерин низ қайд менамоянд, ки ба рушду нумуи ҷавонаҳо хӯронидани хӯрокаҳои хушсифату серғизо хусусан дар давраи баланд гаштани вазнафзуншавии шабонарӯзии ҷавонаҳо таъсири калон мерасонанд [27, С.205; 123, С.323-328; 124, С.57-63].

Олимон Т.А. Иргашев ва дигарон ба чунин хулосаанд, ки “... чорвои гӯштӣ дар синни ҷавонӣ ба шароити муҳит ва боду ҳаво ҳассостаранд нисбат ба дигар чорвои калони шохдор. Чун, ки дар шароити хуби нигоҳубини онҳо вобаста ба муҳит ва боду ҳаво ва пурбаҳо ҳуронидани ҷавонаҳо дар давраи афзоиши мусбати организм (ҷамъшави миқдори зиёди сафедаҳо) вазнафзуншавии шабонарӯзии ҷавона зиёда аз 1000 грамм мерасад” [64, С. 154-155].

Омили дигаре, ки ба афзоиш ва маҳсулнокии ҷавонаҳо таъсир мерасонад, ба ақидаи олимон [30, С.18-25; 91, С. 24-25; 92, с. 47; 93, с. 412; 36, С.6] ин таъсири омилҳои фенотипӣ (шароити муҳити беруна, нигоҳубин, хӯронидан, иқлим ва наботот) ғизонокӣ ва омилҳои гӯштро муайян менамоянд. Ба ақидаи олимон дар натиҷаи таҷрибаҳои гузаронида бояд омилҳои таъсиррасонандаи фенотипӣ ба организми ҷавонаҳо, махсусан ҳуронидан ва нигоҳубин диққати махсус додан

лозим аст.

Олим Т.А. Иргашев иброз медоранд, ки “... бо сабаби шароити боду ҳаво ва иқлим ва нарасидани об дар баъзан чарогоҳҳо, истифодаи чарогоҳҳои табии барои баъзе намудҳои чорво номувофиқ мебошанд. Танҳо ба воситаи чаронидани чорвои гӯштӣ метавонем истифодаи хуби чарогоҳҳо ва самаранокии баланди маҳсулоти хушсифати серсафедаро ба даст орем” [68, 163 С. 131-136].

Академик А.Б. Қарақулов қайд менамоянд, ки "... дар натиҷаи самаранок истифода бурдани чарогоҳҳо дар парвариши чорвои гӯштӣ ба паст намудани арзиши аслии маҳсулоти гӯштӣ ва зиёд намудани маҳсулоти аз чорво гирифта ба даст оварда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чарогоҳҳои табиӣ зиёда аз 70%-ро дар сохтори умумии заминҳои истифодашаванда ташкил менамояд, ки ин имкониятҳои хуби бештар саршумори чорвои гӯштиро парвариш намуда самаранокиро баланд бардошта арзиши аслии маҳсулоти гӯштиро баланд бардорем" [71, С. 56-59].

## 1.4. Таъсири омилҳои технологӣ ба хусусиятҳои хоҷагидорию биологии зоту типҳои чорвои гӯштӣ

Дар самти чорводорӣ, махсусан парвариши чорвои гӯштӣ, ки дар давоми сол пурра дар чарогоҳҳо нигоҳубин карда мешаванд ба равандҳои технологияи муосир диққати махсус дода мешавад.

Ба ақидаи олимон [104, с. 143; 107, С. 24-28] дар ҳаёти чорво ду давраи асосии инкишоф сурат мегирад. Дар давраи аввал гирифтани насли солим, хушзот ва ба равияи маҳсулнокиаш ҷавобгӯ (яъне дар самти чорвои ширӣ насли ба чорвои ширӣ мутаносиб ва дар самти чорвои гӯштӣ насли ба самти чорвои гӯштӣ мувофиқ) гирифта шавад.

Дар давраи дуюм бошад насли солими хушзоти гирифташуда барои гирифтани истеҳсоли маҳсулот равона карда мешавад.

Давраи авал дар батни модар мегузарад, ва он ба се марҳилаи асосӣ тақсим мешавад.

Марҳилаи аввал, ин баъди бордор намудани чорвои модина дар батни он пайвасташавии ду гамета сурат мегирад ва ба ҷанин мубаддал мегардад. То ташкилшавии ин марҳила аз тарафи мутахассисон бояд
аз бордоршавии чорвои модина, ба зот, маҳсулнокӣ ва равияи маҳсулнокии ҳам чорвои модина ва ҳам чорвои нарина диққати махсус

дода шавад. Агар мақсад гирифтани чорвои гӯштӣ бошад волидони насли ба нақша гирифташуда аз чорвоҳои зотии самти гӯштӣ ҷудо карда мешаванд.

Марҳилаи дуюм ин давраи инкишофи насл ва узвҳои он дар бачадони модар сурат мегирад. Дар ин давра, ки инкишофи узвҳои бадани насл ба амал меояд, аз тарафи мутахассисон ва чорводорон ба масъалаҳои нигоҳубини модар ва гӯсолаи дар батни он диққати махсус дода шавад, то ки насли солим гирифта шавад.

Марҳилаи сеюм ин ташаккулёбии пурраи насл ва таваллуди наслро дар бар мегирад. Дар ин давра бояд чорвои бордоршударо давоми як моҳ пеш аз таваллуд дар оғилҳои махсус нигоҳ дошта барои гирифтани насл тайёри дидан лозим аст [104, с. 143; 107, С. 24-28].

Баъди таввалуд гӯсолаи гирифташуда 5 марҳиларо аз сар мегузаронад.

Марҳилаи якум таввалуди гусола буда, 15 -20 рӯзро давом мекунад. Дар ин давра гӯсола бо шири модар, рӯзҳои аввал аз фалла ғизо мегирад. Баъди 20-рӯз ба хӯрдани алаф дар қатори шири модар ба хӯрдани алаф сар мекунад. Шири фалла яке аз ғизоҳои асосӣ барои навзод буда аҳамияти калон дорад. То 10 рӯз гӯсоларо аз фалла таъмин намудан лозим аст. Чунки дар таркиби фалла ҳаммаи микро ва макроэлементҳо, сафеда, равған ва витаминҳои ба организм зарур мавҷуд аст.

Марҳилаи дуюм, давраи ширхорагӣ буда то ҳашт моҳ давом мекунад. Дар ин давра дар қатори шири модар, гӯсола аз хӯрокаҳои серғизо таъмин карда мешавад. Дар самти чорвои гӯштӣ, гови гӯсола кардаро намедушанд. Аз сабабе, ки чорвои гӯштӣ шири кам дорад ва танҳо барои ғизои гӯсола мерасад дар давоми то ҳаштмоҳ гӯсоларо аз модар ҷудо намекунанд.

Марҳилаи сеюм ин расиш ва ба балоғат расидани гӯсола мебошад, ки то 14-16 моҳагӣ давом мекунад. Дар ин давра афзоиши бадани

гӯсолаҳо ба маротиб зиёд гашта узвҳои ҷинсии онҳо ташаккул меёбад. Гарчанде гӯсолаҳо ба балоғат мерасанд барои бордоршавӣ то сини ниҳоӣ ва вазни пурраи талабот ба бордоршавиро нагирад барои бордор намудан роҳ дода намешаванд. Агар гӯсолаҳое, ки ба сини 15 моҳагӣ мерасанд ва вазни зиндаи онҳо аз 320 кг зиёд мешавад, барои бордор намудан роҳ дода мешаванд.

Марҳилаи чорум, ин давраи маҳсулнокӣ ба ҳисоб меравад, ки то сатҳи ниҳои яъне пиршавӣ расидан истифода бурда мешаванд. Дар ин давра ҳамаи кушишҳо барои гирифтани маҳсулнокии баланд равона карда мешаванд [104, с. 143 109, С.28-31].

Олимон [104, с.143; 123, С. 323-328] ба он ақидаанд, ки дар давраи аввали таваллуд фаллаи шир аз ҳамма модаҳои ғизонок иборат буда, инчунин хусусияти муҳофизатӣ низ дорад. Меъёри шабонарӯзии фалла барои гӯсолаи навзод вобаста ба вазни он аз 4 то 7кг зарур аст ва кам ва тез - тез истеъмол карданаш тавсия дода мешавад. Умуман гӯсоларо дар даҳ рӯзи аввали ҳаёташ бо фалла таъмин кардан зарур аст.

Ба ақидаи А.Н. Норов "... аз ҳамма давраи асосӣ, ки ба афзоиши бадани гӯсола таъсир мерасонад ин давраи ширхорагӣ мебошад. Дар ин давра гӯсола ҳам шири модар ва ҳам алафи табииро истеъмол менамояд, афзоиши бадани он қариб 2 баробар меафзояд. Дар афзоиши бадани гӯсолаҳо аз ҳамма нақши асосиро ҷамъшавии сафедаҳо дар организм мебозанд.

Дар натиҷаи афзоиши мусбати организми гӯсолаҳо сафедаҳо дар як кг вазни зинда нисбат ба синни 15-18 моҳагӣ қариб ду баробар ҷамъ мешаванд. Барои ҳар як сад кг вазни зинда дар гӯсолаҳо ҳар рӯз ба ҳисоби як сар дар моҳҳои авали ҳаёт 250 - 300 г сафеда, дар давраи 6 моҳагӣ бошад 75 -100, ва дар давраи 12 моҳагӣ бошад 25 - 50 г сафеда дар бадан ҷамъ мешавад.

Дар натиҷаи хӯронидани хӯрокаҳои серғизои сафедадор, дар чорво ҷамъшавии сафедаро зиёд намуда афзоиши баданро метезонад. Дар ҳар як меъёри ҳурокаи гӯсолаҳо дар давраи то се моҳагӣ 125г., сафедаи ҳазмшаванда, аз се то шашмоҳагӣ 120г., аз 6 то 9 моҳагӣ 110г., ва дар синни аз 9 то 12 моҳагӣ то 100г., миқдори сафеда дар воҳиди хӯрока бошад.” [104, С.97-98].

Аз тарафи дигар олимон овардаанд, ки гӯсолаҳоро бошад дар хочагиҳо нигоҳубини алоҳида ташкил намуда, ба онҳо диққати махсус дода мешавад. Намуди берунаашонро (экстерер) ҳар як моҳ аз назар гузаронида, ченакҳои асосии баданашонро чен мекунанд, ва онҳоро барои ташкил намудани гуртҳои алоҳида барои гирифтани наслҳои оянда онҳоро ҷудо ва баҳодиҳӣ менамоянд. Баъди ҷудо намудан беҳтаринҳоро барои такрористеҳсолкунӣ гирифта, он гӯсолаҳое, ки нуқсонҳои экстерерӣ доранд барои гирифтани гӯшт истифода мебаранд [73, С. 56- 59; 78, С. 3- 10].

Олимон бо чунин ақидаанд, ки дар қатори ба роҳ мондани усулҳои зоотехникӣ, усулҳои дигари техникӣ ин ташкил намудани ҳуронидани пурбаҳо, парвариш ва нигоҳубини онҳо дар чарогоҳҳо мебошад. Ба ҳар яки онҳо рақамҳои ё нишонаҳои махсус гузошта мешавад. Аз рӯи рақамгузорӣ ба ҳар яки онҳо варақаҳои (карточкаҳои) махсус ташкил карда мешавад. Дар ҳар як варақаи онҳо номи падару модар, зотнокӣ, хусусиятҳои хоси падару модар, аз кадом хочагӣ оварда шудаанд ва маҳ -

сулнокии онҳо қайд карда мешавад [78, С. 3- 10; 79, С. 38-41 99, С. 86-78; 106, С.43-44; 107, С. 24-28].

Барои дар оянда парвариш намудани чорвои гӯштӣ ба роҳ мондани технологияҳои беҳтар намудани сифати маҳсулнокӣ ва ба ин васила гирифтани гӯшти серғизои аз ҷиҳати экологӣ тоза дар назар гирифта мешавад. Дар натиҷа тамоми иқтидори биологии чорвои гӯштиро ба назар гирифта технологияҳои гуногуни чаронидани онҳоро

дар чарогоҳҳо, ки имконияти гирифтани маҳсулоти хушсифати серсафеда бо хароҷоти камтарин ба роҳ монда мешавад [74, с.18; 76, С. 125 – 128].

Ба ақидаи олим С. И. Мироненко ва дигарон иброз доштаанд, ки “... барои парвариши буққачаҳои барои гӯшт равона карда шуда дар чарогоҳҳо ва самаранок истифодабарии буққачаҳоро дар синни 6-6,5 моҳагӣ ахта мекунанд. Дар мавриди ахта намудани буққачаҳои барои гӯшт парваришшаванда он ғизое, ки ба ташкилшавии узвҳои ҷинсӣ сафарбар мешаванд ба дигар тарафи ҷамъ шудани сафедаҳо ба организм равона мешаванд ва дар ин сурат маҳсулнокии гӯштӣ зиёд мешавад” [98, С. 76-78]

Аз тарафи дигар ҷавонаҳо ба шароити муҳит ҳассостар буда дар ҳар маврид метавонад ба талаф додани маҳсулоти гӯштӣ роҳ ёбад. Дар ин сурат ба чунин ҷавонаҳо диққати махсус дода мешавад ва ба хӯрокиҳои иловагӣ таъмин карда шавад. Дар ин маврид бо таъмини шароити хуб ва таъмини хӯрокиҳои серғизо иқтидори генетики чорвои гӯштӣ пурра истифода мешавад ва ҷавонаҳо метавонанд дар давоми шабонарӯз аз 800 то 1000 грамм вазн гиранд.

Ташкил намудани маъракаи хӯронидани чорво бо хӯрокиҳои серғизо асоси технологияи муосири зоотехникӣ буда, ба зиёд гирифтани маҳсулнокии баланд оварда мерасонад. Агар ғизонокии ҳурока ҳар қадар баланд бошад ва ба талаботи физиологии ҳайвон мувофиқат кунад, дар ин ҳолат аз чорво натиҷаи дилхоҳ гирифта мешавад [74, с.18; 76, С. 125 – 128; 104, с. 143;106, С.43-44].

Дар кишварҳое, ки захираи зиёди хӯрокиҳои ширадор ва алафҳои табии серғизо доранд, метавонанд системаи парвариши буққачаҳоро дар алоҳидагӣ ба роҳ монда бо истифодаи қарроргоҳҳои сояафкан дар давраҳои гарми офтобӣ ба гирифтани маҳсулоти мусбати гӯштӣ муяссар гарданд [3, С. 12 -14; 11, с. 237; 24, с. 156].

Академик А.Б. Қарақулов қайд намудааст, ки “... дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳудуди чарогоҳҳо қариб 70%-и заминро дар бар мегирад, ташкил намудани чарогоҳҳои алафдарав барои захира намудани алафҳои табиии камарзиш диққати бештар дода шавад. Чунки бо захираи зиёди алафҳои табиӣ ва истифодаи онҳо дар парвариши чорвои гӯштӣ ба фоиданокии хоҷагӣ, ки ба маҳсулнокӣ ва афзоиши мусбат оварда мерасонад.” [74, С. 18].

Олимони зерин ба он ақидаанд, ки яке аз омилҳои асосие, ба зиёд шудани маҳсулнокӣ ва парвариши дурусти ҷавонаҳо таъсири калон мерасонад ин хӯронидани пурбаҳо мебошад. Аз ҳамма муҳим меъёри хӯрокаи шабонарӯзиро бо хӯрокиҳои серғизо ташкил кардан лозим аст, ки ба маҳсулнокии гӯштӣ ва саломатии чорво таъсири мусбат мерасонад [8, С. 5 – 52; 29, С.26-27; 37, С.75-80; 52, С. 18-20; 71, С. 3-9].

Дар сурати пурбаҳо нахуронидани чорво ё бо хӯрокиҳои пастсифат таъмин кардан ба нуқсонҳои бадан ва организм, инчунин ба пайдошавии ҳар гуна касалиҳо оварда мерасонад. Хусусан дар давраи наврасии чорво, ки ташакккулёбии организм сурат мегирад бо норасоии хусусиятҳои физиологӣ, тану туш ва нуқсонҳои беруна оварда мерасонад

Олим И.Ф. Драганов чунин мешуморанд, ки “... миқдори муайяни хӯрокаҳои дурушт, ки ба меъёри хӯрока илова карда мешавад, аҳамияти физиологӣ дорад. Хӯрокаи дурушти илова карда шуда аз клетчатка бой буда натанҳо манбаи энергия мешавад, балки мубодилаи моддаҳоро дар бадан тезонида раванди кори ҳазмкуниро метезонад. Дар сурати кам шудани миқдори клетчатка, ҳазмшавии ҳамаи хӯрокҳо коҳиш меёбад” [48, С. 71-84].

Як қатор олимон бар он ақидаанд, ки ҳангоми парвариши гӯсолаҳо дар самти чорвои ширӣ, чорвои гӯсолакардаро ба монанди чорвои ширӣ намедушанд, ва шири чорвои гӯштӣ нисбат ба шири чорвои самти ширӣ аз ҷиҳати ғизонокӣ фарқ мекунад. Аз ин, лиҳоз шири чорвои гӯштиро ба

ғизои гӯсолаҳо илова намуда гӯсолаҳо то аз модар ҷудо намудан аз шири модар барои ҳуронидани гӯсолаҳо истифода мебаранд, ва шири хӯронидашуда ба организми гӯсолаҳо таъсири мусбат расонида маҳсулнокии самти гӯштиро баланд бардошта ба сифати ғизонокии гӯшти гирифташуда мусоидат менамояд [28, С.68-74; 49, с. 311; 112, с. 163; 123, С.323-328].

Маълум аст, ки инкишофи гӯсола бевосита аз шири говҳои модарӣ муайян карда мешавад ва арзиши парвариши навзодон хароҷоти гови ширдиҳанда барои таъмини шири гӯсола мебошад. Он хароҷотҳое, ки дар давоми парвариши гӯсола бо модараш сарф мешавад дар давраи парвариши буққачаҳо то ба гӯшт супоридан, хароҷотҳо аз ҳисоби буққачаҳо бояд ҷуброн карда шавад.

Пурбаҳо хӯронидани чорвои гӯштӣ дар фасли тобистон дар чарогоҳҳои мавсимӣ ва дар фасли зимистон бо иловаҳои хурокиҳои дурушти аз чарогоҳҳо даравида гирифта ва захира карда шуда самаранокии хоҷагиро зиёд гардонида арзиши аслии истеҳсоли маҳсулоти гӯштиро кам менамояд.

Аз руи натиҷаҳои корҳои илмӣ Норов А.Н. чунин хулоса менамояд, ки “... дар хоҷагиҳои парвариши чорвои гӯштӣ аз рӯи меъёре, ки муайян карда шуда яъне гардиши саршумори пода самаранокиро зиёд менамояд. Ҳангоме, ки дар пода то синни 16-18 моҳагӣ парвариш намуда пеш аз ба гӯшт истифода бурдан онҳоро боз дар дохили пода бо мақсади такрористеҳсолкунӣ истифода бурда баъдан ба гӯшт супорида мешаванд. Бо чунин меъёрҳо хоҷагӣ метавонад ҳам саршумори подаро аз ҳисоби чорвоҳои зотӣ пурра намояд ва ҳам истеҳсоли гӯштро таъмин менамояд.

Дар он минтақаҳое, ки аҳолиашон кам ва қувваи корӣ намерасад дар мисоли хоҷагиҳои Лахш, Бустон ва Қизилсуи ноҳияи Лахш бояд хоҷагиҳои репродукторӣ бо мақсади истифода дар такрористеҳсолкунии

чорвои гӯштӣ бо технологияҳои махсуси замонавӣ, ки бисёри корҳо бар ивази қувваи корӣ иҷро мешавад ташкил намудан лозим аст.” [106, С.43-44] .

Бо тавсияи олимони дигар  технологияи истеҳсоли гӯшти гов дар нуқтаҳои маҷмуавӣ ва хоҷагиҳо бояд истеҳсоли маҳсулоти баландсифати гӯштро таъмин кунад [72, С. 45-59; 74, с. 18; 82, С.91; 104, с. 143; 106, С.43-44].

Олимон иброз менамоянд, ки гӯшти босифат бояд таносуби оптималии сафеда ба равған дошта бошад (1,5-2,1), мулоим, хушбӯй, ширадор, бо тақсимоти баробари равған дар дохили мушакҳо ва байни мушакҳо, ки ба осонӣ ҳазм шаванд, ва сифати гӯшт аз таркиб ва ғизонокии сафеда вобастагии калон дошта, таъм ва арзиши ғизоии гӯштро зиёд менамояд [66, С. 83 -85; 67, С.112-114; 110, С. 61-64].

Бо тавсияи олим Т.А. Иргашев “... сифати гӯшт аз рӯи таркиби аминокислотаҳои ивазшаванда ва ивазнашаванда бояд муайян карда шавад. Аз шумораи кислотаҳои ивазшаванда дар мисоли триптофан ва аз шумораи кислотаҳои ивазнашаванда дар мисоли оксипролин ва миқдори онҳо муайян кардан мумкин аст. Аз ин рӯ дар таркиби гӯшт миқдори триптофан бо миқдори сафедаҳои пурра ва аз рӯи миқдори оксипролин миқдори сафедаҳои нопурра муайян карда мешаванд. Ҳамин тариқ аз рӯи таносуби аминокислотаҳои триптофан ва оксипролин нишондиҳандаҳои сифатии сафедаҳо муайян карда мешаванд. Ба ҳамин хотир миқдори мавҷуд будани триптофану оксипролин «нишонҳандаҳои сифатии сафеда» ном бурда мешавад [67, С.112-114].

Ба ақидаи дигар олимон ғизонокии гӯшти чорво асосан аз таносуби бофтаҳои гуногун ва хусусиятҳои хоси ғизонокии гӯшт, маза ва истифодаи он вобастагии калон дорад [110, С. 61-64; 113, С.62-65; 115, С. 268-272].

Ба ақидаи олимони машҳури самти чорводорӣ Н.П. Чирвинский ва А.А. Малигонов "... рушди бемайлони узвҳо ва бофтаҳо дар организми чорво ба бо афзоиши мутаносибии якдигар ва афзоиши онҳо алоқамандии хос дорад. Дар сурати норасоии ғизо дар узвҳо бо норасоии пурраи бофтаҳо норасоиҳо ва нуқсонҳо дар организм пайдо мешавад. Кадом узвҳое, ки дар вақти парвариш босуръат афзоиш меёбанд дар натиҷаи норасоии ғизо зарар дида нуқсонҳо пайдо мекунанд. Дар сурати таъмини пурраи организм ба ғизо узвҳо ва бофтаҳои организм инкишоф ёфта ва он узвҳо ва бофтаҳое, ки суръати афзоишашон зиёд аст бо расидани ғизо пурратар афзоиш ёфта ба нуқтаи баланди афзоиш мерасанд. Чунин амалиётҳо дар давраи афзоиши босуръати чорво то 1,5 солагӣ ба амал меояд, баъди ин дар организм бофтаҳои равғанӣ зиёд мешаванд. Чунин қонуниятро қонуни Чирвинский ва Малигонов меноманд" [94, С. 458; 121, С.125-143].

Чунин қонуниятҳоро ба назар гирифта Е.А. Богданов бо чунин ақидаанд, ки "... бо таъсири гуногуни шароити муҳити беруна ва тағйирёбии табии муҳит он узвҳо, бофтаҳо ва дигар узвҳои организм, ки нисбатан ба дигар узвҳо фаъолтаранд ё бисёртар инкишоф меёбанд бештар зарар мебинанд ва тағйир меёбанд" [23, С.56-57].

Ба ақидаи олимони дигар Р.Ш. Жарков ва диг., [52, С. 18-20] ва В. Калашников, В. Левахин [69, С. 2-4] дар натиҷаи нарасидани ғизои нокифоя узвҳои бадан, ва бофтаҳои организм тағйир ёфта омилҳои физиологию биохимиявӣ дар организми чорво вайрон мешаванд.

Сатҳу сифати маҳсулоти гӯштӣ, хусусан сифату ғизонокии он аз табиати организм ва омилҳои генетикию фенотипӣ вобастагӣ дорад.

Ба монанди он, ки чӣ гуна зотҳои чорвои сиёҳ-ало қодиранд ширро бо равғани нисбатан паст (3,5 - 3,7%) синтез кунанд ва симменталӣ бошад бо равғаннокии баланд (3,8-4,0%).

Дар парвариши чорвоҳои гӯштии зотҳои абердин – ангусс ва қалмиқӣ бо гирифтани миқдори зиёди равған муяссар шудан мумкин аст, лекин дар парвариши чорвоҳои гӯштии зотҳои шароле ва лимузин гӯшти нисбатан бе равған гирифта мешавад [4, С.29 -32; 20, С. 15-16; 44, с. 144; 66, С. 83 -85; 75, с.128].

Солҳои охир дар тамоми давлатҳое, ки ба парвариши чорвои гӯштӣ машғуланд ба типу зотҳои чорвое, ки дар синни наврасӣ ба пурбаҳо хуронидан бо афзоиши баланди бофтаи мушакҳо ва ҷамъшавии равған дар синни дертар ҷавоб медиҳанд, афзалият дода мешавад [16, С.1-40; 31, С.25-26; 32, С.10-12; 57, С. 38-41; 81, С. 47-52].

Олим Т.А. Иргашев дар таҷрибаҳои худ муқаррар намудаанд, ки “... аз рӯи таҳлили таркиби биохимиявӣ баҳодиҳии сифати гӯштро муайян мекунанд. Аз ин рӯ аз тарафи онҳо муайян карда шудааст, ки гӯшти буққачаҳои гурӯҳҳои 1,2,3 таркиби биохимиявии оптималӣ дошта дар гурӯҳи 4 бошад нисбат ба гурӯҳхои дигар 2,6 то 4,7% раған камтар дида мешавад. Дар мушакҳои дарозруяи ченаки пушт миқдори равған дар доираи 1% дида мешавад” [66, С. 83 -85]

Ҳамзамон дар таҷрибаҳои дигари худ олим Т.А. Иргашев овардааст, ки “... дар натиҷаи таҳлили намунаҳои гӯшт нисбати таркиби химиявии он ба монанди миқдори моддаҳои хушк дар чорвоҳои гурӯҳи 1-35,1%, гурӯҳи 2 – 32,7%, гурӯҳи 3 – 33,6% ва гурӯҳи 4 ба миқдори 31% мавҷуд буда, сафеда ва равған аз он шаҳодат медиҳад, ки дар таносуби дилхоҳи моддаҳои ғизоӣ дар гӯшти қутосҳо ин ба хусусиятҳои деррасии онҳо вобастагӣ дорад [67, С.112-114].

Бо ин мақсад корҳои илмӣ ва таҳқиқотии олимон низ ба равандҳои ошкор намудани таъсири омилҳои гуногун ба организми чорво ва типу зотҳо мутобиқ ба минтақаҳо ва гуногунии иқлими минтақаҳо байни зоту намудҳо дурагакунӣ ва гибридкунниро бо

мақсади гирифтани зоту типҳои ба ҳамон минтақа мувофиқ ва ҷавобгӯй равона карда мешаванд.

Дар ин равобит ба он зоту типҳое, ки бо парвариши интенсивии чорво ва бо мақсади гирифтани маҳсулотҳои зиёди гӯштӣ дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди шӯравӣ махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани дурагакунӣ ва гибридкунонии чорво бо мақсади мутобиқсозии чорвоҳои гӯштии овардашуда ва гирифтани маҳсулотҳои гӯштии тозаи парҳезии ватанӣ амалӣ мегардад.

Дар ин раванд гуфтан мумкин аст, ки парвариши чорвоҳои зотҳои махсусгардонидашудаи гӯштӣ на танҳо барои гирифтани гӯшти парҳезии хушсифати серғизо балки барои саноат гирифтани пусти босифат низ равона карда мешавад.

## 1.5. Омилҳое, ки ба сифати пӯсти буққаҳо ва ашёи хоми пӯст таъсир мерасонад

Дар қатори истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ дар самти чорводории гӯштӣ барои гирифтани пусти босифат низ аҳамияти авалиндараҷа дода мешавад.

Пас аз таввалуд бо зиёд шудани масоҳати бадани чорво сохти пуст, ҳаҷм ва таркиби муйҳои пуст тағйир меёбанд. Мутобиқ будани пусти бадани чорво аз хусусиятҳои тобоварӣ ба тағъирёбии ҳарорат ва касалиҳо муайян карда мешавад [35, С.60-64; 98, С. 58-60].

Олимон ба он ақидаанд, ки бо хусусиятҳои таркибии пуст, ғадудҳои он, муйи пуст, мутобиқатшавии чорво ба ҳарорати муҳит ва шароити он муайян карда мешавад [62, С. 118- 119; 132, с. 160; 142, С. 36-41; 144, С. 21-31].

Бояд қайд намуд, ки пуст ва таркиби он бо рушду нуму ва вазни чорво вобастагии калон дорад. Аз ин лиҳоз, бо афзудани вазни чорво афзоиш ва калоншавии пуст сурат мегирад.

Дар натиҷаи парвариши интенсивии чорво, махсусан чорвои гӯштӣ то синни 24 моҳагӣ имконияти гирифтани пусти дилхоҳи ба талабот ҷавобгӯ шавад [62, С. 118- 119].

Аз рӯи маълумотҳои ба дастовардаи олимон Т.А. Иргашев маълум гаштааст, ки пусти бадани буққаҳои зоти қалмиқӣ ва ҳамҷинсони онҳо, (гурӯҳҳои 1 ва 2) аз рӯи ҳаммаи нишондодҳои ба талаботи стандартии пуст, ки барои коркарди маҳсулоти хом зарур аст ҷавобгӯй буда, вобастагии вазн, баромади пуст, ғафсии пуст, паҳноии пуст дарозӣ ва майдони пустро аз рӯи генотип ва зотнокиашон муайян кардаанд.

Муайян кардаанд, ки аз буққачаҳои зоти қалмиқӣ пустҳои вазнинтар нисбат ба ҳамҷинсони худ гирифта шудааст. Фарқиятҳо дар муқоиса ба ҳамҷинсони худ дар гурӯҳи 1 - 24,0% (6,9 кг), гурӯҳи 3 – юм – 15,6% (4,9 кг) ва гурӯҳи 4-ум мутаносибан 71,4% (15,5 кг) – зиёдро ташкил додаст.

Бо зиёд шудани вазни баланди пӯсти буққачаҳои қалмиқӣ майдони пусти онҳо низ нисбат ба ҳамҷинсони худ зиёд нишон додаст. Масалан дар гурӯҳи 1 - 16,9% (54,8 дм2), гурӯҳи 2 - 9,5% (33,2 дм2) ва гурӯҳи 3 - 179,9% (105,8 дм2)-ро ташкил медод. Афзалияти назаррас ба буққаҳои калмикӣ ва дурагаҳои онҳо дида мешуд. Ҳамзамон аз рӯи паҳноӣ ва дарозии пуст, ки барои саноат зарур аст бартари нишон додаанд [68, С. 131 -136].

Дар бадани чорво дар баъзан минтақаҳои бадан ғафсии пуст нисбат ба дигар минтақаҳои бадан дида мешавад.

Аз рӯи натиҷаҳои илмии худ олим А.Б. Қарақулов овардааст, ки “... бо муайян намудани таркиби микроскопии сохти пӯсти чорво ва бо буридани таркибии пуст нишон медиҳад, ки тағъирёбии минтақаҳои пуст аз сину соли чорво вобастагӣ дорад. Ҳамин тавр, дар давраи аз 8 то 15 моҳагӣ афзоиши ғафсии он дар буққаҳои қалмиқӣ 1857,6 мм ё 65,5% ва гӯштӣ 1992,4 мм ё 69,3% - ро ташкил додааст. Дар ин ҳолат, афзоиши

пӯст асосан аз ҳисоби қабати ретикулярии он ба амал омад, ки дар қабати якум 609,2 мм ва (93,6%) ва дар дуюм 1934 мм (117,7%) буд. Дар навбати худ, афзоиши мутлақ ва нисбии қабатҳои эпидермалӣ ва пилярии пӯст дар ҷавонаҳои ҳарду гурӯҳ нисбат ба ретикулярӣ хеле камтар буд. Дар гурӯҳи охирини буққаҳои қалмиқӣ дар синни 8 моҳагӣ 60,6% ва дар якунимсолагӣ 70,9%-ро ташкил намуда ба ғафсии умумии пуст, нисбат ба ҳамҷинсони худ (чорвои маҳалӣ) чунин нишондодҳо ба 57,1 ва 73,0% баробар буд.” [75, С. 53].

Бо назардошти таҷрибаҳои як қатор олимон дар натиҷаи хӯронидани чорво бо ҳурокиҳои серғизои босифат, нигоҳубин ва таъсири мусоди боду ҳаво ба таркиби пусти чорво таъсири мусбат расонида, маҳсулоти босифати пуст гирифта мешавад [10, С.32 -35; 12, С.122-131; 27, С. 205; 56, С. 79-83; 60, С. 112; 62, С. 118- 119; 97, С. 93 – 95; 98, С. 58-60; 112, с. 163; 132, с.160].

Инчунин академик А.Б. Қарақулов қайд намудаанд, ки “... ҳангоми хуронидани чорво бо хӯрокиҳои серғизои босифат таркиби пуст хуб инкишоф ёфта, таркиби пуст зич ва чандир шуда ғафсии муайянро мегирад ва дар таркиби зери пуст, ки дорои равған мебошад ба муйҳо таъсири мусбат расонида таркиби муйҳоро ҷило медиҳад.

Баракси ҳол, агар чорво бо хӯрокиҳои серғизо таъмин нагардад, яъне бо норасоии хӯрока дар пусти чорво камбудиҳо, ба монанди тунукшавии қабати пуст, хушк ва ғафсшавии қабати пуст ва дигар намуди нуқсонҳо пайдо мешавад, инчунин қабати муйҳо суст мешаванд. Мӯйҳо дар тамоми дарозиашон тунук мешавад ва ба осонӣ ҷудо мешавад ва пӯст дурахши худро гум мекунад” [75, С. 52-56].

Барои беҳтар кардани сифати пӯст, ин дуруст нигоҳ доштан ва парвариши чорво нақши калон мебозад. Он ҷойгоҳе, ки чорворо парвариш ва нигоҳ мекунанд, ҳаматарафа аз ҳамма ҷиҳат бояд ба

талаботҳои зоотехникӣ ҷавобгӯй бошад, яъне тоза, ба равшани таъмин ва бо коҳи хушк ҷойгоҳи чорво ташкил шуда бошад [62, С. 118- 119].

Бо назардошти пешниҳоди олимону мутахассисон дар чарогоҳҳои мавсимӣ нигоҳубини чорво ташкил карда шавад. Дар давраи тобистон вақте, ки ҳаво гарм мешавад ҷойҳои махсус барои оббозии чорво ташкил карда ба қоидаҳои парвариши чорво ҳаматарафа диққат дода шавад. Дар фасли зимистон бошад барои саломатиии чорво ва зиёд намудани маҳсулнокии чорво гардиши пода яъне мотсион гузаронида мешавад. Агар чорво дар чарогоҳҳо нигоҳ дошта шавад, сари вақт тоза намудани оғилхонаҳо аз партовҳо ва тоза кардани пӯст ва мӯйи чорвоҳо ташкил карда шавад.

Барои баланд бардоштани маҳсулнокии чорво ва гирифтани пусти босифат чунин чорбиниҳои дар боло овардашударо гузаронида ба тоза нигоҳ доштани чорво аҳамияти авалиндараҷа додан лозим аст. Дар сурати нагузаронидани чорабиниҳо дар бадани чорво яъне дар пусти тозанакардаи чорво (пусти ахлотдошта) ҳар гунна касалиҳо пайдо шуда сифати пустро паст мегардонад [132, с. 160].

Ба ақидаи як қатор олимон ба сифати пӯсти чорво аломатҳои ҷинсӣ низ зарар мерасонад. Махсусан дар ҷавонаҳо, бо пайдошавии ҳолати ҷинсӣ дар гӯсолаҳо ғафсии пӯст дар минтақаҳои гардан ва пушт дида мешавад. Инчунин дар бадани гусолаҳо муйҳои пӯст баробар мешаванд.

Дар буққачаҳо бошад дар минтақаҳои гардан нисбат ба минтақаи пушт таркиби пӯст ғафстар шуда таркиби муйҳо дароз ва дағал мешаванд. Дар пӯсти гардани буққаҳо, ки ғафстар мешаванд қабатҳои дағал ба вуҷуд меояд, ки боиси нуқсонҳои пӯсти гардан мешавад. Дар мавриди дигар агар буққачаҳо ахта карда шаванд ғафсии пӯсти гардан ва ғафсии пӯсти минтақаи пушт баробар шуда барои истеҳсоли чарм боарзиш аст.

Мавсими сол низ ба сифати пӯст таъсир мерасонад. Пас аз чарогоҳ дар фасли тирамоҳ ё барои фарбеҳшавӣ равона карда шуда, буққаҳо сифати баландтарини пӯстро ба даст меоранд.

Дар фасли тобистон бошад аз сабаби пайдошавии нуқсонҳо дар пӯст, ки аз тарафи ҳашаротҳо дар чарогоҳҳо дар пӯст захми худро гузошта кирмакҳо пайдо мешавад, ки сифати пӯстро паст мегардонанд. Бо сабаби чунин захмҳо пӯст сифати худро гум мекунад [10, С.32 -35; 27, С.205; 56, С. 79-83; 62, С. 118- 119; 98, С. 58-60]

## 1.6. Таъсири омилҳои физиологию гематологӣ дар хуни чорвоҳои таҳқиқшаванда

Тадқиқотҳои В.И. Косилов нишон медиҳад, ки "... нишондиҳандаҳои гематологӣ дар чорвоҳои гурӯҳҳои синну солашон гуногуни зоти чорвои қалмиқӣ ва маҳаллӣ дар танзими меъёри физиологӣ қарор доштанд. Мушоҳида карда шуд, ки бо вуҷуди гусолаҳои зоти қалмиқӣ аз дигар минтақа оварда шуда нишондиҳандаи хуни онҳо мутобиқ буданд.

Дар рӯзҳои авали дохил намудани чунин чорвоҳо дар шароити чарогоҳии нав дар хунашон 5,33 млн. эритроситҳо дар 1мм$^3$, лейкоситҳо бошад 5,77 ҳазор ва гемоглобинҳо 10,42 г% фаъолият доштанд.

Баъдан пас аз як ҳафта то баланди 2000 метр аз сатҳи баҳр чорвоҳо ронда шуданд. Дар натиҷаи таҳлилҳо бо зиёд шудани баландии то 2000 метр аз сатҳи баҳр миқдори эритроситҳо ба 7,83 млн., лейкоситҳо ба 5,02 ҳазор, ва гемоглобинашон ба 11,8 мг% баробар шуд.

Аз ин пас дар натиҷаи парвариши чорво ва афзоиши бадани онҳо аз ҷиҳати ҷамъшавии сафедаҳо зиёдшавии вазни зинда нисбат ба чорвоҳои маҳалӣ баъди шаш моҳи парвариши чорво дар хуни онҳо тағъиротҳо ба назар мерасид. Дар говҳои зоиши аввал миқдори эритросиҳо 5,8 млн. дар 1мм$^3$, 4,6 ҳазор лейкоситҳо, ва гемоглобинҳо

бошад 11,8г%-ро ташкил дод. Чунин нишондодҳо дар говҳои маҳалӣ ба тариқи зайл нишон доданд: эритроситҳо - 5,68 млн., лейкоситҳо – 5,25 ҳазор ва гемоглобинҳо – 10,57г%-ро ташкил дод.

Дар натиҷаи таҳлилҳо, ба хулосае омаданд, ки бо муҳлатҳои дароз парвариш намудани чорвои зоти қалмиқӣ ва мутобиқшавии онҳо ба шароити муҳити нав ва нарасидани миқдори оксиген дар баландиҳо дар таркиби хуни онҳо тағъирёбии миқдори эритроситҳо ва гемоглобинҳо мушоҳида шуд.

Инчунин дар таркиби сафедаҳои хун бошад таҳлилҳо нишон доданд, ки дар таркиби хуни чорвои зоти қалмиқӣ миқдори сафедаҳо дар натиҷаи кучонидани онҳо ба шароити муҳити баланкӯҳ то 6,29% нисбат ба 7,65% коҳиш ёфтааст. Дар натиҷа ба хулосае омадааст, ки на танҳо коҳишёбии миқдори сафедаҳои хун ба нарасидани миқдори оксиген дар баландиҳо, балки ба чаронидани онҳо дар чарогоҳҳои баландкуҳ ҳангоми интиқоли онҳо вобастагӣ дорад.” [88, С.153-155].

Таҷрибаҳои гузаронидаи олим А.Б. Каракулов нишон додаст, ки “... миқдори умумии сафеда дар хуни буққачаҳои зоти қалмиқӣ 7,84%-ро ташкил додааст. Дар давраҳои минбаъда дар синни ҳашт моҳагӣ 7,98, 12 моҳагӣ 8,04; синни 15 моҳагӣ 7,85 ва синни 18 моҳагӣ 7,66%-ро дар бар гирифтааст. Чунин нишондодҳо дар хуни ҳамсолони маҳалии худ мутаносибан ба 8,06; 8,34; 8,0; 7,63 ва 7,78% баробар буд.” [75, С. 48]

Як қатор олимони дигар [18, с. 126; 53, с. 110; 65, С.78-80; 89, с. 397; 117, с. 256] ба он ақидаанд, ки чунин тағъиротҳои миқдори сафедаҳоро дар хуни чорвоҳои гӯштии аз як минтақа ба як минтақаи дигар гузаронидаро дар давраҳои синну сол ва давраи мтобиқшавии онҳо, нарасидани миқдори оксиген дар хуни чорво дар минтақаҳои баланкуҳҳо комилан тарафдорӣ менамоянд.

Бо назардошти таҳлилҳои гузаронидаи олимони дигар

тағъирёбии баъзе нишондиҳандаҳои аломатҳои сафедаи хуни чорво ба мисли албуминҳо ва глобулинҳо байни гурӯҳҳои таҷрибавӣ фарқиятҳои на он қадар назаррас дида нашудааст [53, с. 110;73, С. 56- 59; 76, С. 125 – 128; 117, с. 256].

Аз тарафи олимон миқдори зиёдшавии сафеда аз ҳисоби албумин ва глобулин ба назар мерасид. Лекин вобаста ба синну соли чорво зиёдшавии албумин нисбат ба глобулин зиёд дида мешуд. Афзоиши глобулин гарчанде аз ҳисоби ҳамаи таркибиаш ба амал омада бошад, ҳам лекин аз ҳамма бештар глобулинҳо ба назар мерасад, ки ин дар бадани чорво аз рӯи хусусиятҳои муҳофизатӣ алоқаманди калон дорад. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои илмӣ муайян карда шудааст, ки дар ҷавонаҳои то синни дувоздаҳмоҳагӣ нисбат ба хуни буққачаҳои то 18 моҳагӣ бартарии алфа ва бета глобулинҳо дида шуд [73, С. 56 - 59; 76, С. 125 – 128].

Натиҷаи омӯзиши зардоби хуни чорво аз рӯи хусусиятҳои биохимиявӣ нишон додаст, ки миқдори калсий аз 9мг% то 13мг% ва фосфор бошад аз 5,54мг% то 7,57мг% фарқият дорад.

Дар фаслҳои сол бошад, масалан дар фасли зимистон миқдори калсий камтар буд 1,2:1ва 1:1. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бо сабаби норасоии витамини Д дар хуни чорво мебошад, ки мувофиқи маълумотҳои дар китобҳо овардашуда тасдиқи худро меёбад [73, С. 56- 59; 76, С. 125 – 128].

Дар натиҷаи омӯзиши миқдори каротин дар хуни чорво, аз тарафи олимон муайян карда шуд, ки дар хуни чорвоҳои гӯштӣ то 0,187мг%, ва дар гӯсолаҳояшон бошад ҳам дар чорвои зоти қалмиқӣ ва ҳам маҳалӣ 0,249мг% таҳқиқ карда шуд, ки дар гӯсолаҳо фарқият дида нашуд. Яъне дар чорвои синашон калон фарқият дида шудааст [73, С. 56- 59; 76, С. 125 – 128].

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии физиологӣ ин тавсифи умумии клиникии чорворо муайян мекунад. Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқотҳо муайян карда шудааст, ки дар гӯсолаҳои гирифташуда аз зоти қалмиқӣ меъёрии клиникии онҳо ба талаботҳои физиологӣ ҷавобгӯ буд.

Олимон бар он ақидаанд, ки дар шароити чарогоҳхои кӯҳӣ ё баландкӯҳ дар баландии зиёда аз 3000 метр аз сатҳи баҳр байни чорвоҳои зотии овардашуда ва чорвои маҳалӣ ба нишондодҳои клиникӣ бояд таъсир расад [73, С. 56- 59; 76, С. 125 – 128].

Академик А.Б. Қарақулов овардааст, ки "... дар давраи тобистон (моҳи июл), ки ҳарорати ҳавои атроф аз + 15,6$^0$С боло нарафта бошад ҳам дар давоми рӯз намии нисбӣ аз 41 то 65% буда фишори атмосферӣ 520 мм –ро ташкил медод, дар натиҷаи таҳқиқоти ношондодҳои клиникӣ дар чорвоҳои таҷрибавии ҳар ду гурӯҳ фарқият дида нашуд, вобаста ба оне, ки ҳарорат ва намӣ дар ҳолати муқаррарӣ ва фишори атмосферӣ хело паст буд" [75, С. 51-52]

Ҳамзамон А.Б. Қарақулов қайд намудааст, ки "... дар масъалаи суръати нафаскашӣ бошад, дар чорвои зоти қалмиқӣ 10,9 маротиба дар давоми 1 дақиқа ва дар чорвои маҳалӣ бошад 12 маротиба дида шуд. Дар натиҷа тапиши дили онҳо 8,4 ва 8,2 зарба нисбат ба вақти саҳар зиёд шуд. Аз нуқтаи назари илмии олимон ин аз он шаҳодат медиҳад, ки аз як тараф бо баланд шудани ҳарорати ҳаво миқдори оксиген дар минтақаҳои баландкӯҳ кам мешавад ва аз тарафи дигар мутобиқшавии организми чорво ба муҳити зист ва баландшавии ҳарорат мебошад. Дар натиҷаи баланд шудани ҳарорати ҳаво, баландшавии ҳарорати бадани чорво низ ба назар мерасид, чунки бо баландшавии ҳарорати ҳаво ва нурҳои офтобӣ дар вақти нисфирӯзӣ афзоиши кори мушакҳои бадани чорво дар вақти чронидан баён карда мешавад.

Дар натиҷа бо назардошти тағъирёбии иқлим ва ивазшавии ҳарорати ҳаво дар чарогоҳҳои баландкӯҳ чорвои зоти қалмиқӣ дар баробари чорвои маҳалӣ чаргоҳҳоро хуб истифода бурда вазни дилхоҳро гирифта ба ягон беморӣ бо таъсири нарасидани оксиген дар организм дар таҷрибаҳо дида нашуд. Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқотҳо дар гурӯҳҳои санчишии зоти чорвои қалмиқӣ ва маҳалӣ наслҳои аз онҳо гирифташуда низ омӯхта шуданд.

Ҳангоми парвариши гӯсолаҳои гирифташудаи зоти қалмиқӣ ва маҳалӣ дар шароити баландкӯҳ маълум карда шуд, ки дар фасли зимистон дар буққачаҳои қалмиқӣ суръати нафаскашӣ ба 17,3 ва суръати набзи он ба 76 зарба дар 1 дақиқа баробар буд. Дар буққачаҳои маҳалӣ бошад, мутаносибан ба 18,3, 75,3, ва 38,9 баробар дида шуд. Нисбати ҳарорати бадан бошад, дар букқачаҳои зоти қалмиқӣ 38,8$^0$С ва буққачаҳои маҳалӣ 38,9$^0$С баробар буд.

Бо нишондодҳои баланди ҳаво дар фасли тобистон чунин нишондиҳандаҳо каме аз якдигар фарқият доштанд, вале чунин тағъиротҳо бар ташак-кулёбии бадани букқачаҳо таъсири манфӣ нарасонидаанд” [75, С. 51-52].

# БОБИ 2. МАВОДҲО ВА МЕТОДИКАИ ТАДҚИҚОТ

## 2.1. Шароитҳои табиию иқлимии минтақаҳои кӯҳию наздикӯҳӣ ва хоҷагидории ноҳияи Темурмалик

Таҷрибаҳои илмӣ дар минтақаи чарогоҳии ноҳияи Темурмалик дар хоҷагии кооперативии «Файзобод» гузаронида шуданд.

Яке аз ноҳияҳои куҳии кишвар, ки ноҳияи ҷавон ба ҳисоб меравад, ин ноҳияи Темурмалик мебошад ва асоси иқтисодиёти онро самтҳои асосии хоҷагии қишлоқ дар бар мегирад.

Ноҳия аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ дар байни куҳҳои Илонтоғ, Хоҷаи Нур, ва куҳи Хоҷа Сартез ҷойгир шуда майдони заминҳои обиаш ҳамагӣ 960 га-ро дар бар мегирад. Иқлими муътадил дошта, аз сабабе, ки дар байни куҳҳо ҷойгир аст релефи куҳии минтақа ба рушди ҷангал ва чарогоҳ мусоидат менамояд.

Ноҳияи мазкур ба вилояти Хатлон (қисми шимолу шарқ), ба ноҳияи Балҷувон ва Ховалинг (шимол) ба ноҳияи Данғара (тарафи ғарб) ва ноҳияи Фархор (ҷануб) ҳаммарз аст.

Ноҳияи Темурмалик дар баландии 650 - 1770 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Шаҳраки Совет маркази ноҳия ба шумор рафта дар баландии 900 метр аз сатҳи баҳр дар соҳили дарёи Сурхоб (Қизилсу) ба масофаи аз 3 то 3,5 километр деҳаи Шибанай ва шаҳраки Бирдамро дар бар мегирад.

Аз маркази вилояти Хатлон ба масофаи 150 км ва аз маркази шаҳри Душанбе ба масофаи 207 км мавқеъ дошта 5,1% -и ҳудуди вилояти Хатлонро ташкил менамояд.

Масоҳати умумии ноҳия 1013 $км^2$ – ро ташкил намуда, қисми зиёди онро 89% куҳҳо ва теппаҳо ишғол менамояд.

Боду ҳаво ва иқлими ноҳияи Темурмалик субтропики хушк буда, тобистонаш гарм ва зимистонаш на он қадар хунук аст.

Дар фасли зимистон ҳарорати миёна аз -5$^0$С ва баъзан дар солҳои сардӣ аз -16 то -20$^0$С хунук мешавад, ки сабаби хунук задании дарахтони мевадиҳанда мегардад.

Дар фасли тобистон бошад ҳарорати ҳаво аз +35 то +40⁰С дар баъзан ҳолатҳо аз +42 то +45⁰С дар моҳҳои июн то моҳи август фарқ карда ҳарорати миёнаи солона +16,4⁰С-ро ташкил менамояд.

Дар фаслҳои сол ҳаҷми умумии боришот дар зимистон то 80 мм аст ва дар фаслҳои баҳору тирамоҳ то 25-30 мм коҳиш меёбад.

Дар ноҳия рӯзҳои офтобии гарм дар давоми сол то 300 рӯзро давом мекунад. Фасли баҳор бо боришот гузашта дар шимолу ғарби ноҳия боришоти бештар дида мешавад.

Ноҳия дар қисмати селгузар ҷойгир аст. Дар вақти боришоти зиёд эҳтимоли ба сел мубадал шудани бориши зиёд мегардад. Дар киштзорҳои ноҳия аз сабаби боришоти зиёд шусташавии замини киштзор ба назар расида сабаби эрозияи замин мегардад. Олами растаниҳои ноҳия хело бой буда зиёда аз 3000 намуди растаниҳо вуҷуд дорад. Дар қисмати куҳҳои Илонтоғ, Хоҷаи Нур, Зангибобо ва Хоҷа Сартез растаниҳои шифобахш мерӯянд.

Майдони умумии заминҳо 101355 гектарро ташкил медиҳад ва шумораи истифодабарандагони замини ба қайд гирифта шуда зиёда аз 800 нафарро ташкил медиҳад.

Асосан майдони заминҳои ба самти кишоварзӣ таалуқ дошта 12481 га-ро ташкил менамояд. Аз ин шумора қариб 85 фисади заминро кишти ғалладонагӣ ишғол менамояд. Ҳосилнокии ғалла ба ҳисоби миёна то 23 сентнерро ташкил менамояд.

Заминҳое, ки хоҷагиҳо истифода мебаранд, 80186 гектарро ташкил медиҳад (аз он 906 гектараш обёришаванда мебошад), аз он 12638 гектари дигар бевосита заминҳои кишоварзӣ, 2035 гектар қитъаҳои наздиҳавлигӣ (127 гектар обёришаванда), 1172 гектар заминҳои хусусии ёрирасон (24 гектар обёришаванда), 314 гектар фонди захиравӣ, ва заминҳои боқимонда (13682 га) заминҳои дигарро дар бар мегирад.

Берун аз ҳудуди ноҳия барои нигоҳубини чорво дар фаслҳои тобистону тирамоҳ дар ноҳияи Тавилдара 19554 гектар буда нисбат ба заминҳои ҳудуди ноҳияи Темурмалик 19,2%-ро ташкил менамояд.

Заминҳои зикршуда барои истифодаи дарозмуддат ба ноҳияи Темурмалик дода шудаанд ва ҳамчун чарогоҳҳои тобистона истифода мешаванд.

Дар баробари дигар соҳаҳо, чорводорӣ яке аз бахшҳои асосии кишоварзӣ мебошад, ки вазни хоси он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 22,4 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ноҳия 93,1% саршумори чорво ба аҳолӣ ва 6,9% ба хоҷагиҳои деҳқонӣ тааллуқ дорад. Дар ноҳияи Темурмалик 2 хоҷагии чорводории зотпарварӣ фаъолият мекунанд. Барои беҳтар ва баланд бардоштани маҳсулнокии чорво дар ҷамоатҳои деҳот 3 нуқтаи бордоркунии сунъӣ (шумораи умумии 5 адад) ташкил карда шудааст, ки бо ёрии онҳо 30 фоизи чорво ба таври сунъӣ бордор карда мешаванд.

Дар ноҳияи Темурмалик барои рушди чорводорӣ ва таъсиси пойгоҳи чаронидани чорво шароити хуб мавҷуд аст (67,8% яъне 64820 га майдони умумии заминҳои кишоварзӣ аз чарогоҳҳо иборат аст) ва ҳамаи хоҷагиҳои чорводории ноҳия бо чарогоҳҳои зимистона таъмин карда шудаанд.

Майдони чарогоҳҳои ноҳия, ки 64820 гектарро ташкил медиҳад, аз ин шумора 20881 гектар дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд. Дар ноҳия 93,1 фоизи саршумори чорво ба аҳолӣ, ва 6,9 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои геоботаникӣ дар ҳудуди ноҳияи Темурмалик олимон муайян намудаанд, ки бо мусоид омадани сол агар боришот ба таври мусбат таъмин гардад, ҳосилнокии чарогоҳҳо хеле ҳам баланд мешаванд. Дар ин маврид растаниҳо афзоиши хуб ёфта сатҳи

хокро то 100% пушонида баландии растаниҳо ба ҳисоби миёна 60-70 см-ро ташкил медиҳад.

Дар заминҳои барои дарави алаф барои захира намудани алафи табии (алафдаравҳо) намояндаи асосӣ ҷави пиёзакдор ба ҳисоб меравад, ки баландиаш ба 120-170 см мерасад ва хосилнокии умумии онҳо 44-50 с/га муайян карда шудааст.

Хулоса дар ноҳияи Темурмалик базаи хуби нигоҳубин ва нигоҳ доштани чорвои гӯштӣ дар чарогоҳҳо барои истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ ва дигар маҳсулотҳоро дорад.

## 2.2. Шароит, маводҳо ва методикаи тадқиқот

Корҳои таҷрибавӣ оид ба омӯзиши дурагакунӣ дар шароити хоҷагиҳои кооперативии чорвои гӯштии «Файзобод»-и ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2021-2023 гузаронида шуданд. Барои таҷриба 45 сар чорвои популятсияи маҳалӣ дар синни 7-9 солагӣ бо ҳисоби миёнаи зиёда аз 257 кг вазни зинда интихоб карда шуд.

Буққаҳои гӯштӣ, ки барои дурагакунӣ истифода шуданд, ба чорвоҳои аз Қазоқистон овардашуда тааллуқ дошта, ва буққаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда дар хоҷагии мазкур парваришёбандаро дар бар гирифт. Дар синни 4 - солагӣ, буққаи зоти сарсафеди қазоқӣ вазни зиндаи 790 кг дошта ба синфи элита дохил карда шуд. Буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ дар ҳамин синну сол 380 кг вазн доштанд. Говҳои популятсияи маҳаллӣ бо саршумори 45 сар (25 сар бо буққаҳои сарсафеди қазоқӣ ва 20 сар бо буққаҳои чорвои такмилёфтаи маҳаллӣ) вобаста карда шуд.

Барои гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ду гурӯҳи буққаҳои ҳамсол: яке аз дурагаҳо ва яке аз буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ ташкил карда шуд. Аз дурагаҳои бо зоти сарсафеди қазоқӣ 3, беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 5 сар ҷудо карда шуд. Давомнокии давраи ҷанинӣ,

калонҷуссагии насл, вазни зинда, шаклҳои бадан, ранги бадан, сифатҳои забҳ, сифати пӯст омӯхта шуд.

Вазни зиндаи буққачаҳо бо роҳи баркашидани фардии онҳо вақти субҳ пеш аз об додан ва хӯрока додан, баъди ҳар як 30 рӯз гузаронида шуд муайян карда шудааст.

Афзоиши рушди ва инкишофи танаи ҷавонаҳое, ки аз вариантҳои гуногуни таҷрибаҳо ба даст омадаанд, бо роҳи гирифтани чунин андозҳои асосии бадан: баландии кӯҳон, дарозии каҷи бадан, даври қафаси сина, паҳнии қафаси сина, чуқурии қафаси сина, даври устухони банди пой ҳангоми таваллуд, баъдан дар синни 3,6,9,12,15,18,21,24 моҳагӣ гирифта шуданд. Дар асоси маълумоти бадастомада вазнафзункунии мутлақ ва нисбии вазни зинда истифода бо формулаи Бродӣ, инчунин индексҳои дарозбаданӣ, қафаси сина, пуррагӣ ва серустухонӣ бо формулаҳои дар зоотехния қабул гардида ҳисоб карда шудаанд.

Инчунин, хӯронидан ва ҳазмкунии хӯрока, пардохти сарфи хӯрок (бо иловаи вазн) ба назар гирифта шуд. Самаранокии иқтисодии дурагакунӣ муайян карда шуд.

Забҳи чорвоҳои таҷрибавӣ, тақсим намудани гӯшти гирифташуда ва баҳисобгирии самаранокии он бо усули АУХҚЛ, ИИЧУ (ВАСХНИЛ, ВИЖ) ва ИУИТСГ (ВИИМПа) (1965) гузаронида шуд [95]. Таркиби химиявии гӯшт ва равғани дохилӣ дар озмоишгоҳи Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ гузаронида шуд. Ғизонокии гӯшт ва равғани он бо роҳи ҳисоб кардан муайян аз рӯи формулаи зерин муайян карда шуд.

$$X=C-(ж+З) \times 4{,}1-Ж \times 9{,}3 \times 4{,}1868$$

Бо назардошти хароҷот дар давраи парвариш, нигоҳдорӣ, хӯронидан ва ғайра самаранокии иқтисодиро бо усулҳои олимон Ю. И. Шмаков, А.В. Черекаев, 1984 муайян карда шуд.

Нишондиҳандаҳои морфологӣ ва гистологӣ, инчунин хосиятҳои технологии пӯст бо усулҳои гистологӣ ва технологӣ муайян карда шуданд.

Барои омӯхтани нишондиҳандаҳои морфологӣ ва биохимиявии хун, ҳолати физиологииорганизм, миқдори эритроситҳо ва лейкоситҳо бо роҳи ҳисоб кардан дар камераи Горяев, гемоглобин аз рӯи усули Салий, сафедаи умумии зардоби хун бо усули рефрактометрӣ муайян карда шуд.

Корҳои илмию таҳқиқотӣ аз рӯйи нақшаи мазкур гузаронида шудааст (расми 1).

Дурагакунии чорвоҳои гурӯҳи таҷрибавӣ аз рӯи нақшаи зерин гузаронида шуд:




**Расми 1. - Нақшаи гузаронидани тадқиқотҳо**

Ҳамаи маълумотҳо ва натиҷаҳои гирифташуда дар ҷараёни тадқиқот бо усули вариатсионӣ бо усули Стьюдент ва Н.А. Плохинский, 1972 бо истифодаи барномаи компютерии Microsoft Excel-10 коркард карда шуд.

# БОБИ 3. НАТИҶАИ ТАДҚИҚОТҲО

## 3.1. Парвариш ва нигоҳубини чорвоҳои таҷрибавӣ дар хоҷагӣ

Барои гузаронидани усули дурагакунии чорвои популятсияи маҳаллӣ бо буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ бо мақсади ба даст овардани дурагаҳо ва муқоисаи давомнокии давраи инкишофи ҷанинӣ, вазни зинда, ирсиятнокӣ, андозагирии қисмҳои берунӣ (экстерер), хусусиятҳои химиявию морфологии гӯшт, равғани дохилӣ ва самаранокии иқтисодӣ бо насли гирифташудаи буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ бо говҳои популятсияи маҳаллӣ дар хоҷагии кооперативии «Файзобод»-и ноҳияи Темурмалик гурӯҳҳои таҷрибавӣ ташкил карда шуд.

Ҳамин тариқ, ба буққаҳои зотии сарсафеди қазоқӣ 25 сар чорвои (гови) популятсияи маҳаллӣ ва ба буққаҳои чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 20 сар вобаста карда шуд. Ҳар гове, ки бо буққаҳои зотӣ вобасташуда зотнокӣ, вазни зинда, беҳдошти саломатӣ, синну сол, ҳолати зоиш ва маҳсулнокӣ ба назар гирифта шуд (Ҷадвали 3.1.1.).

**Ҷадвали 3.1.1. Вазни зиндаи буққаҳои зотӣ ва говҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ**

| № | Буққаҳои зотӣ | | Говҳои популятсияи маҳалӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Зот ва зотнокӣ | Вазни зинда | Шумора (n) | Вазни зинда (M±m, кг) |
| 1 | Сарсафеди қазоқӣ | 790 | 25 | 325±0,96 |
| 2 | Маҳаллии беҳтаркардашуда | 420 | 20 | 320±1,05 |

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.1.1. дида мешавад, ки модаговҳое, ки ба буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ вобаста шуда буданд вазни миёнаи онҳо 325 кг, ва модаговҳое, ки ба букқаҳои беҳтаркадашудаи маҳалӣ вобасташуда вазни миёнаашон мутаносибан ба ҳисоби миёна 320 кг-ро ташкил намуд.

Ба ақидаи олим А.В. Харламов ва дигарон “... яке аз омилҳои асосӣ ин такрористеҳсолкунии чорво аст, яъне дар давоми сол ҳатман аз модаговҳо як гӯсола гирифтан лозим аст. Агар дар сурати нагирифтани

гӯсола дар давоми сол аз ҷиҳати самаранокӣ ҳоҷгӣ зарар диданаш мумкин аст. Бояд дар самти чорвои гӯштӣ ҳаммаи талаботҳоро ба роҳ монда дар давоми сол гӯсола гирифтан зарур аст” [123, С.323-328].

Муайян карда шудааст, ки гӯсолаҳое, ки давраи нисбатан инкишофи кӯтоҳи эмбрионалӣ доранд, бо энергияи баланди афзоиш пас аз таваллуд дар муқоиса бо гӯсолаҳое, ки дар марҳилаҳои нисбатан дар давраи охири рушд таваллуд шудаанд, фарқ мекунанд.

Омӯзиши давомнокии бордоршавӣ ва инкишофи ҷанин дар давраи ҳомилагӣ вобаста ба зоти падарӣ нишон дод, ки он дар говҳои популятсияи маҳаллӣ, ки бо буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ бордор карда шудаанд, тӯлонитар буда нисбат ба инкишофи дохилибатнии насли бо зоти сарсафеди қазоқӣ, ки давраи кӯтоҳтарро ташкил намуд (ҷадвали 3.1.2.).

**Ҷадвали 3.1.2. - Давомнокии буғузии говҳои маҳаллии беҳтаркардашуда вобаста ба зотҳои буққаҳо**

| Зоти падарӣ | Шумораи чорво дар гурӯҳ | Сину соли миёнаи говҳо, дар вақти таваллуди гӯсола | Давомнокии буғузӣ бо рӯзҳо |
|---|---|---|---|
| Маҳаллии беҳтаркардашуда | 11 | 7,8 | 285,6 |
| Сарсафеди қазоқӣ | 10 | 5,4 | 283,1 |

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.1.2 дида мешавад, ки давомнокии буғузии чорвоҳои популятсияи маҳалӣ бо буққаҳои маҳалии беҳтаркардашуда дарозтараст (мутаносибан 2,5) рӯз нисбат ба чорвоҳое, ки бо буққаи зоти сарсафеди қазоқӣ бо чорвои популятсияи маҳалӣ.

Давомнокии инкишофи ҷанин дар давраи ҳомилагӣ на танҳо вобаста аз модар, балки аз тарафи падарӣ низ вобастагӣ дорад. Маълум аст, ки дар чунин зотҳо, ба монанди абердин – ангус, герефорд, сарсафеди қазоқӣ, ҷейсерӣ, давраи инкишофи ҷанинӣ дар аксари ҳолатҳо нисбат ба ҷинсҳои симменталӣ, швитсӣ ва гурӯҳҳои маҳаллии чорво кӯтоҳтар аст.

Муайян карда шудааст, ки байни вазни зиндаи гӯсолаҳо ҳангоми

таваллуд гирифта шуда ва вазни онҳо дар синни балоғат алоқамандии мусбӣ вуҷуд дорад. Ба чунин аломатҳо аҳамияти муайяни селексионӣ дода мешавад, ва байни вазни модар ва давраи ҳомилагӣ ва ҳангоми таваллуд вобастагӣ вуҷуд дорад.

### 3.2. Пурбаҳо хӯронидани буққачаҳои таҷрибавӣ дар хоҷагӣ

Дар раванди парвариши чорвои гӯштӣ яке аз омилҳои асосие, ба зиёд шудани маҳсулнокӣ ва парвариши дурусти ҷавонаҳо таъсири калон мерасонад ин хӯронидани пурбаҳо мебошад.

Ба ақидаи В.В. Калашников, "... дар натиҷаи таҳкиқотҳо муайян карда шудааст, ки дар парвариши чорвои гӯштӣ омилҳои асосӣ хуронидани чорво мебошад, ки 59% -ро дар доираи парвариши чорво ташкил менамояд, баъдан аз 17,5% - ро технологияи парвариш, нигоҳубин ва такрористеҳсолкунӣ ва 24%-и дигарро селексия ташкил менамояд." [70, С.3-8].

Инчунин бояд зикр намуд, ки самаранокии иқтисодии чорводорӣ аз тайёр кардани хӯрокҳои хушсифат, самаранок истифодабарии онҳо ва мувофиқи талабот хӯронидан вобастагии асосӣ дорад. Чунки аз хароҷотҳое, ки барои истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ сарф мешавад, қисми зиёди он ба хӯрокҳо рост меояд. Хӯрокҳо дар таркиби арзиши аслии ширу гӯшт 55-65%, -ро ташкил менамояд.

Бояд дар назар дошт, ки аз ҳамма муҳим меъёри хӯрокаи шабонарӯзиро бо хӯрокиҳои серғизо ташкил кардан лозим аст, ки ба маҳсулнокии гӯштӣ ва саломатии чорво таъсири мусбат расонад. Алалхусус дар давраи парвариши интенсивии чорвои гӯштӣ.

Чорвоҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ дар шароити якхелаи хӯрокдиҳӣ ва нигоҳубин қарор доштанд. Меъёри ҳурокаи кофӣ бо хӯрокиҳои босифати ғизонок истифода бурда шуд. Таркиби меъёри хӯрока ва ғизонокии онҳо дар ҳаммаи гурӯҳҳо якхела буд. Гӯсолаҳои гирифташуда аз синни 70 рӯзагӣ бо шир пурра, (аз 20 рӯз то 6 моҳагӣ) пурра таъмин

карда шуд. Онҳо аз синни 15-рӯзагӣ ба хӯроки растанӣ мутобиқ карда шуданд.

Дар таркиби умумии меъёри хӯрока то 18 моҳагӣ вазни хоси хӯроки сабз ва хӯрокиҳои сершира нисбат ба хурокаи умумӣ - 30,5-34,2%; хӯрокаҳои дурушт (коҳи юнучқа, боқимондаҳо ва пӯчоқи пахта) 28,7-31,3%; еми серғизо - 32,6-33,9; ширӣ - 8,2-9,4%-ро ташкил дод.

Дар синни 18 ва 24 моҳагӣ меъёрҳои хӯрокаҳои иловагӣ таъмин карда шуд (ҷадвали 3.2.1.).

**Ҷадвали 3.2.1. - Талаботи хӯрока дар давраи парвариши буққачаҳои таҷрибавӣ дар18 моҳагӣ ба ҳисоби миёна ба 1 сар буққача, кг**

| Хӯрока | Гуруҳҳо | |
|---|---|---|
| | Маҳаллии беҳтаркардашуда | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ х популятсияи маҳаллӣ) |
| Хӯрокиҳои ширадор | 592,5 | 739,3 |
| Хӯрокиҳои дурушт | 557,5 | 676,6 |
| Еми серғизо | 633,3 | 732,8 |
| Пучоқи чигити пахта | 159,3 | 203,2 |
| Воҳиди хӯрока, ҳамагӣ | 1942,6 | 2161,6 |
| Протеини ҳазм шуда | 260,0 | 295,2 |
| Протеини ҳазмшуда дар 1 воҳиди хӯрока, г | 133,8 | 136,5 |
| Мубодилаи энергия, МДж | 21373 | 23782 |
| Моддаи хушк, кг | 3580,9 | 3995 |

Аз натиҷаҳои ҷадвали 3.2.1., дар синни 18 моҳагӣ, ба ҳисоби миёна ба ҳар як сар чорвои маҳаллии беҳтаркардашуда - 1942,6 воҳиди хӯрока ва 280,0 кг протеини ҳазмшуда, ва дар дурагаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ - 2161,6 воҳиди хӯрока ва 295,2 кг протеини ҳазмшуда таъмин карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки синни ниҳои чорвоҳои парваришёбандае, ки барои маҳсулоти гӯштӣ равона карда мешаванд, ин давраи синни 24 моҳагии чорвои гӯштӣ мебошад, ки дар ин давра чорво ба давраи ниҳоии таркиби ҷамъшавии сафедаҳо дар бадан мерасад. Баъди давраи синни 24 моҳагӣ дар қисми бадани чорвои парваришёбанда миқдори равған зиёд мешавад.

Барои гирифтани маҳсулоти гӯшти босифат дар синни 24 моҳагӣ хӯрокаи серғизо аз рӯи меъёри шабонарӯзӣ таъмин карда шуд (ҷадвали 3.2.2.).

**Ҷадвали 3.2.2. - Талаботи хӯрока дар давраи парвариши буққачаҳои таҷрибавӣ дар 24 моҳагӣ ба ҳисоби миёна ба 1 сар буққача, кг**

| Хӯрока | Гуруҳҳо | |
|---|---|---|
| | Маҳаллии беҳтаркардашуда | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) |
| Хӯрокиҳои ширадор | 922,4 | 1110,8 |
| Хӯрокиҳои дурушт | 841,9 | 1015,8 |
| Еми серғизо | 928,1 | 1193,1 |
| Пучоқи чигити пахта | 166,7 | 215,2 |
| Воҳиди хӯрока, ҳамагӣ | 2873,5 | 3164,6 |
| Протеини ҳазмшуда, кг | 403,9 | 430,0 |
| Протеини ҳазмшуда дар 1 воҳиди хӯрока, г | 140,5 | 135,9 |
| Мубодилаи энергия, МДж | 31603 | 34815 |
| Моддаи хушк, кг | 5295,8 | 5848,9 |

Аз нишондодҳои ҷадвали 3.2.2. бармеояд, ки пурбаҳо хӯронидани чорвоҳои таҷрибавӣ аз рӯи нақша ва меъёре, ки барои чорвои гӯштӣ муқаррар карда шудааст ташкил карда шудааст, ки мубодилаи энергия, ба 31603 МДж дар буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ва 34815 МДж дар буққачаҳои дурагаро ташкил намудааст.

Хулоса дар давоми 24 моҳа 32,1-35,1% ҳурокиҳои ширадор, 29,3-32,1% хӯрокиҳои дурушт, еми серғизо -32,3-37,7: ширдорӣ - 5,8-6,8%. Хӯрокиҳои ширадор ва дурушт дар ҳар ду гурӯҳ 61,4 - 67,2% – ро ташкил дод, ва дар давоми 24 моҳ мутаносибан 2873, 5 ва 403,9 кг ва 3164,6 воҳиди хӯрока ва 430,0 кг протеини ҳазмшуда таъмин карда шуд.

Ҳамин тариқ, хӯронидани чорвоҳои таҳқиқшаванда бо назардошти зотнокӣ, синну сол, ҳолати физиологӣ, дараҷаи маҳсулнокӣ ва тартиб додани меъёри хӯрока (хӯрокиҳои ширадор, дурушт, серғизо) ҳамон тавре, ки барои чорвои гӯштӣ барои гирифтани маҳсулоти босифати гӯштӣ муқаррар карда мешавад, хос буд.

## 3.3. Вазнафзуншавии шабонарӯзӣ ва мутлақи буққачаҳои таҷрибавӣ дар давраи парвариш

Яке аз омилҳои асосии парвариш ва истеҳсоли чорвои гӯштӣ ин муайян намудани вазни зиндаи чорво дар натиҷаи хӯронидан ва гирифтани натиҷаи мутлақ барои истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ мебошад.

Олим А.Н. Норов қайд менамояд, ки “.. бо мақсади гирифтани гӯсолаҳои зотӣ ва дар дар оянда истифода будан барои истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ, гусолаҳоро бо модараш то сини 8 моҳагӣ нигоҳ медоранд. Дар ин давом гӯсолаҳо аз шири модар истеъмол намуда то сини ҳаштмоҳагӣ бардам, боқувват ва хусусиятҳои конститутсоинии онҳо ба талаботҳои зоотехникӣ, ки ба чорвоҳои самти гӯштӣ қабул шудаанд, ба худ мегирад. Агар чунин технология риоя нагардад, хоҷагидорон ба гирифтани маҳсулотҳои ниҳоӣ намерасанд.

Он буққачаҳое, ки бо модараш парвариш меёбанду дар ин давра бо танумандӣ ва хусусиятҳои биологию хоҷагидорӣ аз модар фарқ мекунанд, яъне аз рӯи нишондиҳандаҳои селексионӣ беҳтаранд дар оянда онҳоро метавонанд ҷудо намуда ба парвариши алоҳида сафарбар намуда барои беҳтар намудани саршумори чорво ба такрористеҳсолкунӣ равона намоянд.

Буққачаҳое, ки хусусиятҳои афзоишдиҳияшон миёна мебошанд, ба парвариши интенсивӣ сафарбар намуда барои истеҳсоли маҳсулоти гӯшт равона карда мешаванд.” [104, С. 103-104].

Бо таъсири дурагакунии чорвои маҳаллӣ бо зотҳои гӯштӣ, на танҳо вазни мутлақи гӯсолаҳо ҳангоми таваллуд, балки вазни нисбии модарон низ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Дар дурагаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ вазни зиндаи онҳо ҳангоми таваллуд нисбат ба вазни модар 7,3%, ва дар беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 6,9% – ро ташкил дод (ҷадвали 3.3.1.). Аз маълумотҳои ҷадвали 3.3.1. дида мешавад, ки таъсири дурагакунӣ дар давраи бошиддати афзоиши ҷанин аллакай дар давраи эмбриогенез

**Ҷадвали 3.3.1. - Ивазшавии вазни зиндаи ҷавонаҳои таҷрибавӣ вобаста ба сину сол (кг)**

| Синну сол (моҳ) | Маҳалии беҳтаркардашуда | | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳалӣ) | |
|---|---|---|---|---|
| | n | M ± m | n | M ± m |
| Дар вақти таваллуд | 9 | 19,0 ± 0,96 | 9 | 21,3 ±0,46 |
| 3 | 9 | 55,3±3,00 | 9 | 70,5±3,48 |
| 6 | 9 | 82,4±5,15 | 9 | 108,7±6,81 |
| 9 | 9 | 123,0±4,54 | 9 | 173,0±6,34 |
| 12 | 9 | 176,4±2,85 | 9 | 213,7±4,84 |
| 15 | 9 | 228,0±4,39 | 9 | 263,2±2,58 |
| 18 | 9 | 281,0±5,26 | 9 | 319,5±2,14 |
| 21 | 3 | 300,2±11,48 | 3 | 357,0±3,12 |
| 24 | 3 | 318,8±13,58 | 3 | 377,6±6,99 |

зоҳир шудааст. Дар вақти таваллуд дурагаҳои гирифташуда нисбат ба таваллуди ҳамҷинсони маҳаллӣ 21,0% вазнинтар буд. Пас аз таваллуд низ, дурагаҳо беҳтар инкишоф ёфтанд. Дар шаш моҳи аввали инкишоф вазни зиндаи буққачаҳои бертаркардашудаи маҳаллӣ 4,7 маротиба, ва вазни буққачаҳои сарсафеди қазоқӣ 5,1 маротиба афзудааст. Афзоиши зиёди вазни дурагаҳои сарсафеди қазоқӣ бо вазни баланди ин гӯсолаҳо ҳангоми таваллуд алоқамандӣ дорад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷаи дурагакунӣ байни зоти сарсафеди қазоқӣ бо чорвои популятсияи маҳалӣ, таъсири генетикии чорвои зотии сарсафеди қазоқӣ ба насли гирифташуда расидааст, ки нисбат ҳамҷинси худ 0,4 маротиба вазнии зиндааш нисбат буққачаҳои бертаркардашудаи маҳаллӣ бартарӣ доранд.

Дар ҷавонаҳои дурага (зоти қазоқии сарсафед х популятсияи маҳаллӣ) вазни зинда дар синни 12 моҳагӣ, мутаносибан аз буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 21,14% зиёдтар буд. Дар синни 1,5 солагӣ бошад, буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 281 кг вазн доштанд, ки барои чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ ин вазни хуб буд, чунки агар ба назар гирем, ки ҳангоми супоридани гӯшт вазни зиндаи чорвои калонсолони маҳаллӣ дар дигар хоҷагиҳо 220 кг мебошад.

Буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ х популятсияи маҳаллӣ)

то 1,5 солагӣ вазни зиндаашон 319,5 ва дар 24 моҳ мутаносибан - 377,6 кг-ро ташкил дод. Чунин ба назар мерасад, ки энергияи баланди афзоиш, ки ба чорвои насли сарсафеди қазоқӣ хос буда, дар шароити иқлими гарм пурра зоҳир шуда наметавонист. Бо вуҷуди ин дар ҳолати табиии афзоиши шиддатнок аз 18 то 24 моҳагӣ, ин чорвоҳо ҳамчун чорвоҳои зудрас, аз ҷиҳати афзоиш аз ҳамсолони маҳаллӣ 38,5-58,8 кг зиёдтар вазн доштанд.

Афзоиши мутлақ дар давраи парвариш (то 18 ва то 24 моҳагӣ) дар гурӯҳи дурагаҳои насли сарсафеди қазоқӣ 298,2 ва 356,3кг, ва дар гурӯҳи буққаҳои маҳаллӣ 263,4 ва 301,2кг-ро ташкил дод. Минбаъд аз маълумотҳои ҷадвали 3.3.1., вазнафзуншавии миёнаи шабонарӯзӣ дар ҳамаи давраи парвариши буққаҳо дар расми 3.3.1. оварда шудааст.




**Расми 3.3.1. - Вазнафзуншавии шабонарӯзии буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) дар синни аз 3 то 24 моҳагӣ**

Аз маълумотҳои расми 3.3.1 маълум карда мешавад, ки вазнафзуншавии миёнаи шабонарӯзӣ дар дурагаҳо нисбат ба буққаҳои

беҳтаркардашуда дар 18-моҳагӣ 6,5%, ва 24-моҳагӣ 11,2% зиёдтар ба назар мерасад. Вазнафзуншавии миёнаи шабонарӯзии баланд дар буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ дар синни 12, 15 ва 18 моҳагӣ мутаносибан 593; 573 ва 626 гр. - ро ташкил намудааст. Дар буққаҳои дурагаи гирифташуда вазнафзуншавии шабонарӯзӣ аз ҳамма баланд дар синни 9 моҳагӣ 714 гр мушоҳида карда шуд, ва дар синни 15 моҳагӣ ба 550 гр. паст шуда, боз дар синни 18 моҳагӣ мутаносибан ба 626 гр боло меравад. Вазнафзуншавии миёнаи шабонарӯзӣ дар дурагаҳо нисбат ба буққаҳои беҳтаркардашуда дар 18-моҳагӣ 6,5%, ва 24-моҳагӣ 11,2% зиёдтар ба назар мерасад.

Дар давраи тадқиқот суръати нисбии афзоиши ҷавонаҳоро аз оғози таваллуд то давраи 24 моҳагӣ муайян карда шуд (ҷадвали 3.3.2.).

**Ҷадвали 3.3.2. - Тағйироти синну сол ва зот дар суръати нисбии афзоиши ҷавонаҳои таҳқиқотӣ (бо %)**

| Давраи сину сол, (моҳ) | Суръати нисбии афзоиши ҷавонаҳо | |
|---|---|---|
| | Маҳаллии беҳтаркардашуда | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) |
| 0 - 6 | 433,7 | 510,3 |
| 0 -12 | 928,4 | 1003,3 |
| 0 - 18 | 1478,9 | 1500,0 |
| 0 - 24 | 1677,9 | 1772,7 |

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.3.2. бармеояд, ки суръати нисбии афзоиш дар давраи аз таваллуд то 24 моҳагӣ дар байни буққаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) нисбат ба буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ баландтар буд.

Ҳамин тариқ дар натиҷаи гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ дурагаҳое, ки байни говҳои маҳаллӣ бо буққаҳои зоти гӯштӣ ба даст оварда шудаанд, дар шароити хоҷагие, ки ба нигоҳубин ва хуронидани худ хоси минтақа ҳаст нисбат ба ҳамсолони маҳаллии худ беҳтар инкишоф ёфтаанд. Ҳама гӯсолаҳои дурагаи гирифташуда чолок ва пурқувват буданд. Ин далели он аст, ки нақши мусбати дурагакунӣ дар баланд бардоштани махсулнокии чорвои маҳаллӣ гузоштааст.

### 3.4. Ченакҳои асосии бӯққачаҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ

Яке аз корҳои асосии зотпарварӣ муайян намудани ченакҳои бадани чорво мебошад. Дар натиҷаи муайян намудани ченакҳои бадан, парвариши мусбати чорвоҳои парваришёбандаро дар оянда муайян менамояд.

Дар натиҷаи омӯзиши ченакҳои бадани буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) нишон дод, ки буққаҳои дурага аз рӯи ченакҳои асосии бадан аз чорвои маҳаллии беҳтаркардашуда афзалият доштанд. Дар ҳамаи давраҳои синну сол, дурагаҳо бо рушди баланди ченакҳои бадан, ки дар онҳо навъҳои беҳтари маҳсулнокии гӯшт ташкил мешавад, фарқ мекарданд: онҳо синаи васеътар, пушт, чорбанд ва қабатҳои зиёди ташкилёбии мушакҳо дар ин қисмҳо доштанд (расмҳои 3.4.1. ва 3.4.2.).




**Расми 3.4.1. - Ченаки бадани буққачаҳои таҷрибавӣ дар вақти таввалуд**

Аз маълумотҳои расми 3.4.1. бармеояд, ки ченакҳои бадани буққачаҳо баъди таввалуд дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) нисбат ба буққачаҳои беҳтаркардашуда фарқ мекунад. Буққачаҳои дурага нисбат ба ҳамсолони худ қариб дар

ҳаммаи ченакҳои бадан, аз ҷумла баланди то куҳон (ёл) – 2,6см, баланди то пушт –2,8, чуқурии қафаси сина – 2,4, паҳноии қафаси сина – 3,0, паҳноии камарбанд – 3,0, хати каҷи бадан – 5,1, ва гирди қафаси сина – 5,2см бартарӣ нишон додаанд.

Бояд қайд намуд, ки он ченакҳои бадане, ки ба афзоиши чорвои гӯштӣ мутаалиқанд ҳамчун чуқурии қафаси сина – 10,7%, паҳноии қафаси сина – 27,5%, паҳноии камарбанд - 21,6% дар буққачаҳои дурага нисбатан ба ҳамсолони худ бештар нишон дода шудааст.




**Расми 3.4.2. - Ченаки бадани буққачаҳои таҷрибавӣ дар 6 моҳагӣ**

Натиҷаҳои расми 3.4.2, оиди ченакҳои бадани буққачаҳои таҷрибавӣ дар 6 моҳагӣ нишон медиҳад, ки бартарӣ дар буққачаҳои дурага нисбат ба буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳалӣ дар ченакҳои баланди то куҳон (ёл) – 5,9 см, баланди то пушт – 5,0, чуқурии қафаси сина – 3,3, паҳноии қафаси сина – 3,6, паҳноии камарбанд – 2,9, хати каҷи бадан – 2,9, ва гирди қафаси сина – 4,8см бартарӣ нишон дода бошад ҳам, лекин дар ченакҳои мутаалиқба чорвои гӯштӣ, (паҳноии қафаси сина – 14,1, паҳноии камарбанд – 12,1%) 13,4% ва 9,5% нисбати давраи баъди таввалуд дар буққачаҳои дурага дар давраи 6 – моҳагӣ паст

шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳалӣ дида бароем дар муқоисаи давоми 6 – моҳ нисбат ба давраи таввалуд паҳноии қафаси сина – 94,5% ва паҳноии камарбанд – 71,9% нисбат ба дурагаҳо, ки дар давоми 6 – моҳ нисбат ба давраи таввалуд паҳноии қафаси сина – 78,4% ва паҳноии камарбанд – 56,2% нишонд дода шудааст, афзуншавии зиёд дида мешавад.

Хулоса дар муқоисаи ченакҳои асосӣ дар марҳилаҳои аввали инкишофи чорво ҳангоми таваллуд ва нимсолаи аввал ба даст овардашуда нишон медиҳад, ки дар байни дурагаҳо афзоиши баланд, алахусус дар чуқурии кафаси сина, нисбат ба чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ то 6 моҳагӣ 9,2%, инчунин паҳнои сина 17,0% зиёд шуда, фарогирии кафаси сина мутаносибан 4,9% зиёд шудааст. Бояд кайд намуд, ки дурагаи насли сарсафеди қазоқи бо беҳтаркардашудаи маҳаллӣ аз дигар буққачаҳо дар ченакҳои дигар низ бартари доштанд.

Дар синни 12 – моҳагӣ, ҳамаи хатти ченакҳои бадани дурагаҳои насли сарсафеди қазоқӣ аз нишондиҳандаҳои дахлдори буққаҳои беҳтаркарда-шудаи маҳаллӣ баландтар буданд (Расм. 3.4.3.).




**Расми 3.4.3. - Ченаки бадани буққачаҳои таҷрибавӣ дар сини 12 моҳагӣ**

Натиҷаҳои расми 3.4.3, ченаки бадани буққачаҳои таҷрибавӣ дар сини 12 моҳагӣ нишон медиҳад, ки бартарӣ дар буққачаҳои дурага нисбат ба буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ дар ченакҳои баланди то кухон (ёл) – 4,3%, баланди то пушт – 7,1%, чуқурии қафаси сина – 14,4, паҳноии қафаси сина – 14,0, паҳноии камарбанд – 18,4, хати каҷи бадан – 9,6, ва гирди қафаси сина – 4,8% бартарӣ нишон додааст.

Дар синни 18-моҳагӣ бошад аллакай, дурагаҳо ба ташаккули бадани муайян, ки барои чорвои гӯштӣ хос аст, табдил ёфтанд (расми 3.4.4.).




**Расми 3.4.4. - Ченаки бадани буққачаҳои таҷрибавӣ дар синни 18 моҳагӣ**

Натиҷаҳои расми 3.4.4, ченаки бадани буққачаҳои таҷрибавӣ дар синни 18 моҳагӣ нишон медиҳад, ки бартарӣ дар буққачаҳои дурага нисбат ба буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ ба назар мерасад. Лекин агар мо афзоиши бадани бӯққачаҳои ҳар ду гуруҳро ба сини 12 моҳагӣ нисбат диҳем, дар буққачаҳои дурага дар ченакҳои баланди то кухон (ёл) – 7,7%, баланди то пушт – 6,4%, чуқурии қафаси сина – 3,4, паҳноии қафаси сина – 9,8, паҳноии камарбанд – 9,2, хати каҷи бадан – 8,5, ва гирди қафаси сина – 13,5% - роташкил намуда, дар буққачаҳои

беҳтаркардашудаи маҳаллӣ бошад дар ченакҳои баланди то куҳон (ёл) – 5,8%, баланди то пушт – 5,7%, чуқурии қафаси сина – 11,5, паҳноии қафаси сина – 15,3, паҳноии камарбанд – 15,7, хати каҷи бадан – 6,8, ва гирди қафаси сина – 8,7% - ро ташкил додааст.

Дар ин ҷо дар муқоисаи синни 18 моҳа бо синни 6 моҳа, буққачаҳои дурага нисбат ба буққачаҳои беҳтаркардашуда дар ченакҳои баланди то куҳон (ёл) – 1,9%, баланди то пушт – 0,7%, хати каҷи бадан – 1,7, ва гирди қафаси сина – 4,8% бартарӣ нишон дода бошад, лекин дар ченакҳои чуқурии қафаси сина – 8,1, паҳноии қафаси сина – 5,5, паҳноии камарбанд – 6,5% зиёд бартарӣ ченакҳои бадани буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллиро нишон додааст.

Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки дар буққачаҳои беҳтаркардашуда афзоиши ченакҳои бадан дар сини аз 6 то 18 моҳагӣ пайдо мешавад.

Афзоиши ченакҳои бадан дар синни ниҳоии парвариши буққачаҳо, яъне 24 моҳагӣ дар расми 3.4.5., оварда шудааст.




**Расми 3.4.5. - Ченаки бадани буққачаҳои таҷрибавӣ дар синни 24 моҳагӣ**

Аз нишондодҳои дар расми 3.4.5. оварда шуда дар муқоиса ба ченакҳои бадани ҳар ду гурӯҳ аз давраи таввалуд то синни 24 моҳагӣ

нишон дод, ки афзоиши баланд дар байни дурагаҳо аз давраи таваллуд то дусолагӣ аз рӯи ченакҳое, ки асосан дар давраи пас аз инкишофи эмбрионалӣ меёбанд, мушоҳида карда шуда паҳноии кафаси сина аз кафои шонаҳо 3,6 ва 3,2 маротиба, паҳнои қафо дар васегии устухони чорбанд (маклокҳо) 3,1 ва 2,6 маротиба афзудааст. Ченакҳои баландӣ, ки дар давраи эмбрионалӣ ба андозаи баланд ба назар мерасад, камтар афзоиш ёфтанд. Афзоиши баланди ҳамаи ченакҳо дар ҳарду гурӯҳ бо гузашти сину сол бо мурури афзоиш каме коҳиш ёфтанд.

Хулоса ченакҳои муайяни ташаккулёбии бадан нишон дод, ки буққаҳои дурага ба худ нишондиҳандаҳои баландтари калонҷӯсагӣ, фурӯтани, паҳноии бадан, паҳноии қафоро доштанд, ки аломатҳои чорвои гӯштиро муайян менамуданд.

## 3.5. Баҳодиҳии селекционии буққаҳои самти гӯштӣ аз рӯи вазнафзуншавии шабонарӯзӣ ва маҳсулнокӣ

Дар корҳои зотпарварӣ бо зотҳои чорвои гӯштӣ баҳо додани сифати зотии буққаҳои наслдеҳ аҳамияти хоса дорад. Мо барои баҳо додани бӯққаҳои истифодашаванда ва наслҳои гирифташудаи онҳо омӯзиши сифати зотии бӯққаҳо аз рӯи наслашон ва ба насли гирифташуда баҳо додани сифатҳои маҳсулнокии онҳо таҷрибаҳо гузаронидем (Ҷадвали 3.5.1.).

**Ҷадвали 3.5.1. - Вазни зиндаи бакқаҳои зотӣ ва говҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ**

| № | Буққаҳо | | Классҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | Зот ва зотнокӣ | Вазни зинда | Элита-рекорд | Класси 1 |
| 1 | Сарсафеди зоқӣ | 790 | + | - |
| 2 | Маҳалии беҳтаркардашуда | 420 | - | + |

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.5.1. бармеояд, ки буққаҳои истифодашудаи зоти сарсафеди қазоқӣ ва буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳалӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии 100 балла ба класси элита рекорд (буққаи сарсафеди қазоқӣ) ва класси 1-ум (буққаҳои

беҳтаркардашудаи маҳалӣ) дохил мешаванд, ки ба талаботҳои зоотехникӣ ҷавобгӯ буда, барои истифодаи онҳо дар селексия ба роҳ монда мешавад.

Мувофиқи корҳои зотпарварӣ барои баҳо додани сифати насл, аз рӯи наслҳои додашудаи буққаҳои зотӣ ҳам нарина ва ҳам модина, ки хусусиятҳои хосӣ, ирсӣ, генетикию маҳсулнокиро доранд, барои дар оянда пеш бурдани корҳои селексионӣ истифода бурда мешаванд. Парвариши босуръати ҷавонаҳо аз 8 то 15 моҳагӣ гузаронида мешавад. Чунин бояд нақша гирифт, ки ҳаҷми умумии хуронидан бояд барои гирифтани вазни шабонарузии буққачаҳо то 1000 г. ва барои гусолаҳои модина то 750 г. суръат гирад.

Бо ин мақсад, мо барои муайян намудани иқтидори маҳсулнокии буққачаҳо барои дар оянда нигоҳ доштани буққачаҳо ҳамчун бӯққаҳои наслдиҳанда дар гирифтани насли зотӣ истифода бурда мешаванд.

Мувофиқи нақшаи илмӣ омӯзиши буккачаҳои ба дастовардаро аз давраи таввалуд то сини 24 моҳагӣ вазнафзуншавии шабонарӯзиашонро ба роҳ монда шуд.

Дар ҷадвали 3.5.2. вазнафзуншавии шабонарузии буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) ва буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда дар синни 8 моҳагӣ оварда шудааст.

Аз нишондодҳои ҷадвали 3.5.2. маълум карда шуд, ки вазнафзуншавии буккачаҳои ҷудокардашуда ба ҳисоби миёна дар буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда 463 г. ва дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳалӣ) ба ҳисоби миёна 700 граммро ташкил додааст.

Агар дар алоҳидагӣ дида бароем дар байни буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда буққачаҳои бо рақами 2124 ба нишондоди вазнафзуншавии шабонарӯзӣ 530 г., бо рақами 2128-540г. ва бо рақами 2140-550 грамм нисбат ба дигар буққачаҳои гурӯҳ баланд аст. Аз ҳамма

кам дар буққачаи рақами 2138-410 г. то 435 г. дар буққачаи рақами 2132 дида мешавад.

**Ҷадвали 3.5.2. - Вазнафзуншавии шабонарӯзии букқачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) ва буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда дар синни 8 моҳагӣ.**

| Маҳаллии беҳтаркардашуда | | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) | |
|---|---|---|---|
| Рақами чорво | Вазнафзуншавии шабонарӯзӣ | Рақами чорво | Вазнафзуншавии шабонарӯзӣ |
| 2124 | 530 | 4042 | 900 |
| 2126 | 435 | 4044 | 845 |
| 2128 | 540 | 4046 | 650 |
| 2130 | 430 | 4048 | 845 |
| 2132 | 425 | 4050 | 645 |
| 2134 | 420 | 4052 | 600 |
| 2136 | 425 | 4054 | 610 |
| 2138 | 410 | 4056 | 600 |
| 2140 | 550 | 4058 | 605 |
| Ба ҳисоби миёна | 463 | Ба ҳисоби миёна | 700 |

Аз нишондодҳои ҷадвали 3.5.2 бармеояд, ки дар гурӯҳи буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) вазнафзуншавии шабонарӯзӣ дар бӯққачаҳои рақами 4042-900 г., рақами 4044 - 845 г. ва рақами 4048-845г.-ро ташкил додаст. Аз ҳамма кам дар буққачаҳои рақами 4056 – 600 г. то 650 г. дар буққачаи рақами 4046 ба назар мерасад.

Бо мақсади муайян намудани вазнафзушавии буққачаҳо то синни 15 моҳагӣ таҷрибаҳоро гузаронидем, ва дар ҷадвали 3.5.3. вазнафзуншавии шабонарӯзӣ дар синни 15 моҳагӣ оварда шудааст.

Аз нишондодҳои ҷадвали 3.5.3. маълум карда шуд, ки вазнафзуншавии букқачаҳои ҷудокардашуда дар сини 15 моҳагӣ, ба ҳисоби миёна дар буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда 590г. ва дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) ба

ҳисоби миёна 650 граммро ташкил додааст.

**Ҷадвали 3.5.3. - Вазнафзуншавии шабонарӯзии буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) ва буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда дар синни 15 моҳагӣ.**

| Маҳаллии беҳтаркардашуда | | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳалӣ) | |
|---|---|---|---|
| Рақами чорво | Вазнафзуншавии шабонарӯзӣ | Рақами чорво | Вазнафзуншавии шабонарӯзӣ |
| 2124 | 680 | 4042 | 750 |
| 2126 | 550 | 4044 | 730 |
| 2128 | 670 | 4046 | 650 |
| 2130 | 550 | 4048 | 710 |
| 2132 | 540 | 4050 | 650 |
| 2134 | 550 | 4052 | 590 |
| 2136 | 560 | 4054 | 600 |
| 2138 | 550 | 4056 | 570 |
| 2140 | 660 | 4058 | 600 |
| Ба ҳисоби миёна | 590 | Ба ҳисоби миёна | 650 |

Маълум карда шуд, ки вазнафзуншавии шабонарӯзӣ дар синни 15 моҳагӣ нисбат ба синни 8 моҳагӣ дар буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда зиёдтар буда (590 г. муқобили 463г.), дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) мутаносибан вазнафзуншавии шабонарӯзӣ дар синни 15 моҳагӣ нисбат ба синни 8 моҳагӣ камтар (650 г. муқобили 700 г.) ба назар мерасад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда иқтидори ирсии маҳаллии худро нисбат ба муҳит гум накардаанд.

Дар алоҳидагӣ бошад дар байни буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда буққачаҳои бо рақами 2124 ба нишондоди вазнафзуншавии шабонарӯзӣ 680 г., бо рақами 2128-670г. ва бо рақами 2140-660 грамм иқтидори потенсиалии ирсиро гум накарда вазн гирифтаанд ва мутаносибан нисбат ба синни 8 моҳагӣ 150г. (2124), 130г. (2128), ва 110 г. (2140) вазнафзуншавӣ зиёд шудааст.

Дар гурӯҳи буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) бошад вазнафзуншавии шабонарӯзӣ дар бӯққачаҳои рақами 4042-900 г. 750г., рақами 4044 - 845 г. 730 г. ва рақами 4048 - 845г.- 710 г. – ро ташкил дода, мутаносибан нисбат ба синни 8 моҳагӣ 150г. (4042), 125 г. (4044), 110 г. (4048) вазнафзуншавии шабонарӯзӣ паст шудааст.

Бо мақсади равшан намудани вазнафзуншавии шабонарӯзии буққачаҳо вазнафзуншавии шабонарӯзии буққачаҳое, ки вазнафзуншавиашон нисбат ба ҳамсолони худ дар ҳарду гурӯҳ баланд аст, дар давоми аз 8 моҳа то 15 моҳагӣ дар расми 3.5.1. оварда шудааст.




**Расми 3.5.1. - Вазнафзуншавии шабонарӯзии буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) аз синни 8 то 15 моҳагӣ**

Аз нишондодҳои расми 3.5.1. бармеояд, ки вазнафзуншавии буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) дар давраи аз синни 8 то 15 моҳагӣ мутаносибан аз ҳамма баланд дар сини 10 моҳагӣ 970 г. (4042), 950 г. (4044), 910 г. (4048) ва то сини 15 моҳагӣ паст фуромада ба 750 г. (4042), 730 г. (4044), 710 г. (4048) расидааст. Аз ҳамма

вазафзуншавии баланд дар байни буққачаҳо дар буққачаи рақами 4042 дида мешавад.

Чунин нишондодҳо нисбати буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда дар расми 3.5.2. оварда шудааст.




**Расми 3.5.2. - Вазнафзуншавии шабонарӯзии буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда аз синни 8 то 15 моҳагӣ**

Аз нишондодҳои расми 3.5.2. бармеояд, ки вазнафзуншавии шабонарӯзии буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда дар давраи аз синни 8 то 15 моҳагӣ мутаносибан аз ҳамма баланд дар синни 12 моҳагӣ 720 г. (2124), 700 г. (2128), 690 г. (2140) ва то синни 15 моҳагӣ паст фуромада ба 680 г. (2124), 665 г. (2128), 660 г. (2140) расидааст. Аз ҳамма вазафзуншавии баланд дар байни буққачаҳо дар буққачаи рақами 2124 дида мешавад.

Дар натиҷаи омузиши вазнафзуншавии буққачаҳо дар давоми аз синни 8 моҳа то 15 моҳа ба ҳисоби миёна дар ҷадвали 3.5.4. оварда шудааст.

Аз нишондодҳои ҷадвали 3.5.4. бармеояд, ки дурагаҳои гирифташуда бо вазнафзуншавии шабонарузии ба ҳисоби миёнаи аз

синни 8 моҳа то 15 моҳа аз 808,1 то 860,6 нисбат вазафзуншавии миёнаи буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда 201,8 ва 163,1 г. зиёд аст.

**Ҷадвали 3.5.4. - Вазнафзуншавии буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) ва маҳаллии беҳтаркардашуда ба ҳисоби миёна дар давраи аз синни 8 то 15 моҳагӣ**

| Маҳалии беҳтаркардашуда | | | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳалӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|
| № | Лақаб ва рақами чорво | Вазнафзун-шавии шабонарӯзӣ | № | Лақаб ва рақами чорво | Вазнафзун-шавии шабонарӯзӣ |
| 1 | 2124 | 658,8 | 1 | 4042 | 860,6 |
| 9 | 2140 | 649,4 | 2 | 4044 | 823,8 |
| 3 | 2128 | 645,0 | 3 | 4048 | 808,1 |

Дар мачмуъ бо парвариши буққачаҳои ҷудокардашуда то синни 18 ва 24 моҳагӣ дар ҷадвали 3.5.5 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.5.5. - Вазни зиндаи буққачаҳои таҷрибавӣ дар синни 18 моҳагӣ**

| Маҳалии беҳтаркардашуда | | | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|
| № | Лақаб ва рақами чорво | Вазни зинда, кг | № | Лақаб ва рақами чорво | Вазни зинда, кг |
| 1 | 2124 | 302,0 | 1 | 4042 | 359,0 |
| 9 | 2140 | 300,4 | 2 | 4044 | 358,0 |
| 3 | 2128 | 298,4 | 3 | 4048 | 354,0 |
| Ба ҳисоби миёна | | 300,2 | Ба ҳисоби миёна | | 357,0 |

Аз нишондодҳои ҷадвали 3.5.5. маълум карда шуд, ки вазни зиндаи буққачаҳои ҷудокардашудаи маҳалии беҳтаркардашуда ба ҳисоби миёна 300,2 кг ва дурагаи (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) бо вазни миёнаи 357 кг дар синни 18 моҳагӣ муайян карда шуд, ки вазни миёнаи буққачаҳои дурага нисбат ба маҳалӣ 56,8 кг зиёд аст.

Дар синни 24 моҳагӣ бошад (ҷадвали 3.3.6.) вазни зиндаи миёнаи дурагаҳо нисбат ба маҳалии беҳтаркардашуда 58,6 кг зиёд аст.

**Ҷадвали 3.5.6. - Вазни зиндаи буққачаҳои таҷрибавӣ дар синни 24 моҳагӣ**

| Маҳаллии беҳтаркардашуда | | | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|
| № | Лақаб ва рақами чорво | Вазни зинда, кг | № | Лақаб ва рақами чорво | Вазни зинда, кг |
| 1 | 2124 | 320 | 1 | 4042 | 374 |
| 9 | 2140 | 319 | 2 | 4044 | 377,5 |
| 3 | 2128 | 317,5 | 3 | 4048 | 381 |
| Ба ҳисоби миёна | | 318,8 | Ба ҳисоби миёна | | 377,4 |

Аз нишондодҳои ҷадвали 3.5.6. дида мешавад, ки байни буққачаҳои дурага аз ҳамма вазни баланд рақами 4048 – 381 кг ва дар буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда рақами 2124 – 320 кг вазн гирифтаанд. Фарқияти байни буққачаи дурага нисбат ба буққачаи маҳаллии беҳтаркардашуда 61 кг-ро ташкил намудааст. Ба ҳисоби миёна бошад, дар умум дурагаҳо нисбат ба буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда 58,6 кг зиёд аст.

Бо мақсади ба роҳ мондани корҳои селексионӣ буққаҳои дурагаи рақами 4042 бо вазнафзуншавии шабонарузии аз 750 то 970г., рақами 4044 аз 730 то 950г. ва рақами 4048 аз 710 то 910г. барои дар оянда дар истифодаи корҳои селексионӣ барои гирифтани насли сермаҳсул пешниҳод шуданд.

Хулоса бояд қайд намуд, ки бо истифодаи буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ дурага намудани чорвои популятсияи маҳаллӣ ва ба воситаи онҳо гирифтани буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда бо гирифтани вазни миёнаи сермаҳсули гӯштӣ байни онҳо муясар мешавад. Дар натиҷа маҳсулоти гирифташуда аз дурагаҳо нисбат ба буққачаҳои маҳаллӣ ҳам дар вазн ва ҳам дар сатҳу сифати гӯшт бартарии калон дошта, барои истифодаи ояндаи зотпарварӣ мусоидат менамояд.

### 3.6. Баҳодиҳии муқоисавии нишондодҳои забҳи буққаҳои дурага ва маҳалии беҳтаркардашуда ва сифати гӯшти онҳо

Дар соҳаи чорвои гӯштӣ аз хамма нишондодҳои асосӣ, ин маҳсулнокии гӯштӣ мебошад, ки аз рӯи махсулнокӣ, таносуби гӯшти лаҳм ва устухон, инчунин баромади гӯшт, равған ва самаранокии забҳ муайян карда мешавад.

Бо мақсади омӯзиши сифатҳои гӯштии буққаҳои таҳқиқшаванда дар синни 18 ва 24 моҳагӣ забҳи назоратӣ гузаронида шуд (ҷадвалҳои 3.6.1. ва 3.6.2.).

Аз маълумотхои ҷадвали 3.6.1. маълум карда мешавад, ки дар синни 18 моҳагӣ вазни зиндаи буққачаҳои беҳтаркардашуда пеш аз забҳ

**Ҷадвали 3.6.1. - Маҳсулнокии гӯштии буққачаҳои таҷрибавӣ дар синни 18 моҳагӣ**

| Нишондодҳо | Маҳаллии беҳтар-кардашуда | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) |
|---|---|---|
| Саршумор | 7 | 5 |
| Вазни зинда дар вақти гурусна нигоҳ доштан, кг | 285,0 | 320,0 |
| Вазни зинда баъди нигоҳ доштан ба муддати 24 – соати нигоҳ доштан, кг | 262,4 | 296,4 |
| Вазни гӯшт, кг | 133,2 | 162,5 |
| Баромади гӯшт, % | 50,76 | 54,82 |
| Вазни равғани дохилӣ, кг | 5,53 | 7,23 |
| Баромади равғани дохилӣ, % | 2,11 | 2,45 |
| Вазни гӯшт бо равғани дохилӣ, кг | 138,73 | 169,8 |
| Баромади гӯшти кушташуда, % | 52,85 | 57,28 |

262,4 кг ва буққачаҳои дурага 296,4 вазн доштанд. Вазни гӯшт бошад 133,2 ва 162,5 кг-ро ташкил додаст, ки мутаносибан баромади гӯшт 50,76% ва 54,82%-ро дар бар мегирад. Дар натиҷа вазни гӯшти ҷуфти байни дурагаҳои сарсафеди қазоқӣ нисбат ба ҳамсолони беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 28,7 кг (22,0%) баландтар буд.

Чунин таносубият дар синни 24 моҳагӣ мутаносибан ба 28,5 кг (16,8%) расидааст (ҷадвали 3.6.2.).

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.6.2. бармеояд, ки вазни гушт дар буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳалӣ дар синни 24 моҳагӣ нисбат ба синни 18 моҳагӣ 36,8 кг (27,6%) ва дар дурагаҳо 36,0 кг (22,1%) зиёд шудааст. Дар муқоиса дар синни аз 18 то 24 моҳагӣ буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда нисбат ба дурагаҳо зиёдтар вазн гирифтаанд. Баромади гӯшт мутаносибан 55,88% ва 56,39%-ро ташкил додаст.

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.6.1. ва 3.6.2. маълум мешавад, ки ҳам дар синни 18 моҳагӣ ва ҳам дар синни 24 моҳагӣ буққаҳои ба воситаи дурага намудан гирифташуда аз ҳамсолони худ, яъне буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ нисбати маҳсулнокии гӯштӣ бартарият

нишон додаанд.

**Ҷадвали 3.6.2. Маҳсулнокии гӯштии буққачаҳои таҷрибавӣ дар 24 моҳагӣ.**

| Нишондиҳандаҳо | Маҳаллии беҳтар-кардашуда | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) |
|---|---|---|
| Саршумор | 4 | 5 |
| Вазни зинда дар вақти гурусна нигоҳ доштан, кг | 318,4 | 380,5 |
| Вазни зинда баъди нигоҳ доштан ба муддати 24 – соат, кг | 304,2 | 352,0 |
| Вазни гӯшт , кг | 170,0 | 198,5 |
| Баромади гӯшт, % | 55,88 | 56,39 |
| Вазни равғани дохилӣ, % | 8,38 | 14,54 |
| Баромади равғани дохилӣ, % | 2,76 | 4,22 |
| Вазни гӯшт бо равғани дохилӣ, кг | 178,38 | 212,74 |
| Баромади гӯшти кушташуда, % | 58,63 | 60,43 |

Аз ҷумла, баромади гӯшти холис ва равғани дохилиро агар муқоиса кунем (расмҳои 3.6.1. ва 3.6.2.) баромади гӯшти буққачаҳо дар синни 18 моҳагӣ, аз маҳаллии беҳтаркардашуда ба 50,76 ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) бошад ба 54,82% мерасад.




**Расми 3.6.1. - Баромади гӯшт ва ва равғани дохилӣ дар синни 18 моҳагӣ бо %**

Таносуби равғани дохили бошад, мутаносибан 2,11 ва 2,45%-ро ташкил мекунад.

Дар муқоисаи байни гуруҳҳо ҳам дар баромади гӯшти холис ва равғани дохилӣ дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) нисбат ба буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда бо 4,06 (баромади гӯшт) ва 0,34 % (равғани дохилӣ) зиёд аст.

Дар синни 24 моҳагӣ бошад (расми 3.6.2.) таносубияти баромади гӯшт дар буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда 55,88% (5,12% зиёд нисбат ба сини 18 моҳагӣ) ва дар буққачаҳои дурагаи (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) ба 56,39% (1,57% зиёд нисбат ба сини 18 моҳагӣ) мерасад.

Нисбати равғани дохили бошад мутаносибан дар синни 24 моҳагӣ бошад (расми 3.6.2.) таносубияти баромади равғани дохилӣ дар буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда 2,76% (0,65% зиёд нисбат ба синни 18 моҳагӣ) ва дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳалӣ) ба 4,22% (1,77% зиёд нисбат ба сини 18 моҳагӣ) мерасад.




**Расми 3.6.2. - Баромади гӯшт ва ва равғани дохилӣ дар синни 24 моҳагӣ бо %**

Агар мо натиҷаҳои баромади гӯшти холис ва равғани дохилиро бо нисбат ба баромади гӯшти кушташуда (ҷадвалҳои 3.6.1 ва 3.6.2.) дар буққачаҳои беҳтаркардашуда дида бароем, аз маълумотҳои бадастоварда маълум карда мешавад, ки дар синни 18 моҳагӣ вазни гӯшти ҷуфти байни дурагаҳои сарсафеди қазоқӣ нисбат ба ҳамсолони беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 28,7 кг (22,0%) ва дар синни 24 моҳагӣ мутаносибан 28,5 кг (16,8%) баландтар буд.

Ба ҳамин монанд, гӯшти гирифташуда аз рӯи баромади забҳ, ки дар байни дурагаҳо нисбат ба буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ баландтар буд.

## 3.7. Ба навъҳо ҷудо кардани гӯшти заҳбшудаи буққаҳои таҷрибавӣ

Дар самти чорводорӣ барои пешниҳоди гӯшти босифати серғизо гӯшти гирифташударо аз рӯи меъёрҳои давлатӣ ба категорияҳо ҷудо менамоянд.

Тақсими гӯшти чорвои таҳқиқшаванда тибқи Меъёри давлатии (ГОСТ) № 7595-55 «Тақсими гӯшти чорвои калони шохдор барои савдои чакана» ба роҳ монда шуд (чадвали 3.7.1.).

**Ҷадвали 3.7.1. - Тақсими гӯшти бадан аз рӯи навъҳо дар синни 18 моҳагӣ**

| Нишондодҳо | Маҳаллии беҳтаркардашуда | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) |
|---|---|---|
| Маҳсулот ҳамагӣ, кг | 133,2 | 162,5 |
| Гӯшти навъи 1, % | 93,5 | 97,5 |
| Гӯшти навъи 2, % | 5,9 | 2,1 |
| Талафот дар вақти тақсим, % | 0,60 | 0,4 |

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.7.1. бармеояд, ки аз 133,2 кг гӯшти ҷудокардашудаи буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда, ба гӯшти навъи 1-ум 93,5% яъне 124,5 кг, навъи 2-юм 5,9% (7,76 кг) рост омадааст.

Фарқияти байни буққачаҳои дурага ва маҳаллии беҳтаркардашуда дар истеҳсоли гӯшти навъи 1-м 4,3%, 2-юм 3,8 % дар буққачаҳои дурага

нисбат ба ҳамҷинсони худ баланд аст.

Чунин тақсимот дар синни 24 моҳагӣ баъди парвариш гузаронида шуд (ҷадвали 3.7.2.)

**Ҷадвали 3.7.2. - Тақсими гӯшти бадан аз рӯи навъҳо дар синни 24 моҳагӣ**

| Нишондодҳо | Буққачаҳо дар сини 24 моҳагӣ | |
|---|---|---|
| | Маҳалии беҳтаркардашуда | Сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ |
| Маҳсулот ҳамагӣ, кг | 133,2 | 196 |
| Гӯшти навъи 1, % | 96,2 | 96,0 |
| Гӯшти навъи 2, % | 3,33 | 3,8 |
| Талафот дар вақти тақсим, % | 0,5 | 0,2 |

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.7.2. бармеояд, ки дар синни 24 моҳагӣ баъди парвариш ва баъди забҳи буққачаҳои таҷрибавӣ аз 170 кг гӯшти ҷудокардашудаи буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда, ба гӯшти навъи 1-ум 96,2 % яъне 163,5 кг, навъи 2-юм 3,33% (5,7 кг) ва дар дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) мутаносибан 96,0 % (156,0 кг), 3% ва 3,8% рост омадааст.

Фарқияти байни буққачаҳои дурага ва маҳаллии беҳтаркардашуда дар синни 24 моҳагӣ, истеҳсоли гӯшти навъи 1-м 4,3% (10,3 кг), дар буққачаҳои дурага нисбат ҳамҷинсони худ зиёд аст. Дар гӯшти навъҳои 2 ва сеюм ба миқдори фоизи байни гӯшти лаҳм дар чорвои дурага нисбат ба ҳамҷинсони худ паст ҳам бошад лекин дар миқдори гӯшт зиёд аст.

Барои муайян кардани маззаи гӯшт, таъми гӯшти пухтаи буққаҳо дар шӯрбо мушоҳида гузаронида шуд. Баҳодиҳии хӯрокҳо аз рӯи системаи 5 – балла дар комбинати гӯшт гузаронида шуд.

Беҳтарин гӯшт дар синни 18 ва 24 моҳагӣ дар насли дурагаҳои сарсафеди қазоқӣ (4,5 ва 4,5 балл) дониста шуд. Он боллазату шаҳдбор, мулоим, хушбӯй бо бӯи махсуси гӯштӣ буд. Гӯшти пухтаи қайлаи дурагаҳои насли сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ (4,3 ва 4,3 балл) аъло буд. Гӯшти буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ, ҳам дар шакли пухта ва ҳам дар шакли қайла, инчунин шӯрбо дар доираи 3,7-3,7 балл арзёбӣ карда шуд.

Хулоса дар натиҷаи баҳодиҳии муқоисавии нишондодҳои забҳи буққаҳои дурага ва маҳаллии беҳтаркардашуда ва сифати гушти бадани онҳо муайян карда шуд, ки бо усули дурагакунии байни зоти сарсафеди қазоқӣ ва чорвои популятсияи маҳаллӣ, буққачаҳои гирифташуда нишондоҳои беҳтарро нисбати буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ҳам дар вазни зинда, маҳсулнокӣ ва тақсими гӯшти лаҳми онҳо бо навъҳои мувофиқ нишон додаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки зоти махсусгардонидашудаи сарсафеди қазоқӣ дар беҳтар намудани сифати чорвои маҳалии беҳтаршуда саҳми худро гузоштааст.

### 3.7.1. Таркиби морфологии гӯшти заҳбшудаи буққачаҳои таҷрибавӣ

Аз нуқтаи назари таҳқиқотҳои морфологӣ, таркиби гӯшти чорво аз ҷумла бофтаҳои мушакӣ, равғанӣ, пайвасткунанда ва устухонӣ, ки хусусиятҳо ва сифатҳои равғаннокии гӯшт, лаҳми гӯшт ва қиммати гӯштро ифода менамоянд, омӯхта мешаванд.

Баъди забҳи буққачаҳои таҷрибавӣ таркиби морфологии гӯшти буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ва дурагаҳои онҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) дар синни 18 моҳагӣ таҳлил ва муайян карда шуд (ҷадвали 3.7.1.1.)

**Ҷадвали 3.7.1.1. - Таркиби морфологии гӯшти буққачаҳои тачрибавӣ аз рӯи стандарт дар синни 18 моҳагӣ.**

| Нишондодҳо | Стандарт категорияи якум | Буққачаҳо | |
|---|---|---|---|
| | | Маҳалии беҳтар-кардашуда | Сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ |
| Нимтанаи хунук кардашуда, кг | 100,0 | 66,6 | 81,25 |
| Миқдор, бо % | | | |
| гӯшт ва равған | 74,0 | 74,7 | 78,7 |
| устухонҳо | 22,7 | 20,5 | 17,2 |
| Тағояк | 3,0 | 4,2 | 3,80 |
| Талафот | 0,3 | 0,61 | 0,34 |

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.7.1.1. маълум карда мешавад, ки миқдори гӯшту равған дар нимтанаи хунуккардашудаи буққачаҳои

маҳаллии беҳтаркардашуда 74,7% (49,7 кг), устухонҳо бошад 20,5% (13,6 кг) ва тағояк 4,2 % (2,8 кг)-ро ташкил менамояд.

Дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) бошад миқдори гӯшту равған 78,7 % (63,9 кг), устухонҳо 17,2 % (13,5 кг) ва тағояк 3,8% (3,0 кг) – ро ташкил намуд.

Дар байни буққачаҳо бошад, дурагаҳо аз ҳисоби гӯшту равған нисбат ба буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда 4,0% (14,2 кг) бартарӣ дошта, аз ҳисоби устухонҳо 3,3% кам аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда аз сифати танумандӣ ба конститутсияи нимдағал дохил мешаванд ва устухонҳои вазнин доранд.

Чунин таҳлил ва муайян намудани таркиби морфологии гӯшти буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) дар синни 24 моҳагӣ баъди забҳ ба роҳ монда шуд (ҷадвали 3.7.1.2.).

**Ҷадвали 3.7.1.2. - Таркиби морфологии гӯшти буққачаҳои таҷрибавӣ аз рӯи стандарт дар синни 24 моҳагӣ**

| Нишондодҳо | Стандарт категорияи якум | Буққачаҳо | |
|---|---|---|---|
| | | Маҳаллии беҳтар-кардашуда | Дарагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) |
| Нимтанаи хунук кардашуда, кг | 100,0 | 85,0 | 99,25 |
| Миқдор, бо % | | | |
| гӯшт ва равған | 74,0 | 76,40 | 79,11 |
| устухонҳо | 22,7 | 19,3 | 17,7 |
| Тағояк | 3,0 | 3,87 | 3,0 |
| Талафот | 0,3 | 0,43 | 0,19 |

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.6.1.2. маълум карда мешавад, ки миқдори гӯшту равған дар нимтанаи хунуккардашудаи буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда дар давраи синни 24 моҳагӣ 76,40% (65,0 кг), устухонҳо бошад 19,3% (16,4 кг) ва тағояк 3,87 % (3,3 кг)-ро ташкил менамояд.

Дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи

маҳаллӣ) бошад миқдори гӯшту равған 79,11 % (78,5 кг), устухонҳо 17,7 % (17,5 кг) ва тағояк 3,0% (2,9 кг) – ро ташкил намуд. Дар байни буққачаҳо бошад, дурагаҳо аз ҳисоби гӯшту равған нисбат ба буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда 2,7% (13,5 кг) бартарӣ дошта, аз ҳисоби устухонҳо қариб, ки баробаранд.

Буккаҳои дурага дар муқоиса бо буккаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ, баромади баланди истеҳсоли гӯшт ва равған дар 1 кг устухон дар 18 моҳагӣ 4,57 ва дар 24 моҳагӣ -4,47 кг мутаносибан ба 3,71 ва 3,96 кг беҳтар ба назар расидааст.

## 1.8. Нишондодҳои клиникӣ, таркиби морфологию биохимиявии хуни буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) ва буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда

Дар натиҷаи баҳодиҳии комлексии усулҳои ба шароити муҳит ва иқлим мутобиқшавии чорвои гӯштӣ яке аз омилҳои асосиро омӯзиши нишондиҳандаҳои морфологӣ ва биохимиявии хунӣ чорвои гӯштӣ дар бар мегирад.

Маълум аст, ки мутобиқшавии организм ба паст шудани миқдори фишори атмосферӣ (нарасидани оксиген) дар шароити куҳсор , ба фишор овардани фаъолияти физиологии организми чорво, ки тағйирёбии хунро нишон медиҳад оварда мерасонад.

Вобаста ба ин таркиби морфологию биохимиявии хуни буққачаҳои дурага ва буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда аз ҷумла нишондиҳандаҳои ҳарорати бадан, тапиши дил ва нафаскашӣ дар давраи се моҳи фасли тобистон (июл, август, сентябр) вақти саҳар, рӯзона, шабона, таркиби зардоби хуни буққачаҳо (ҳучайраҳои эритроситҳо, лейкоситҳо ва тромбоситҳо), шумораи сафедаҳои умумӣ, глобулинҳо ва албуминҳо дар давраи фаслҳои зимистону тобистон вобаста ба синну соли буққачаҳои ҳар ду гурӯҳ вобаста ба таъсири муҳит ва шароити минтақҳои кӯҳию наздикӯҳӣ омӯхта шуданд.

### 3.8.1. Нишондодҳои клиникии организми буққачаҳо

Олимон бар он ақидаанд, ки нишондиҳандаҳои клиникӣ дар чорво аз қабили ҳарорати бадан, набз ва нафаскашӣ дар мубодилаи моддаҳои организм аҳамияти басо муҳим доранд.

Дар ҳолатҳои муқаррарӣ ҳарорати бадани чорвои калони шохдор $39^0C$ бо тағъирёбии $37{,}5\text{-}39{,}5^0C$ ва тапиши дили чорво дар давоми 1 дақиқа аз 65 то 75 зарба муайян карда шудааст. Шумораи нафаскашӣ дар 1 дақиқа дар чорвои муқаррарӣ аз 15 то 20 ва дар чорвоҳои сермаҳсул то 30 маротиба нафаскаширо нишон медиҳад.

Дар давраи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ нишондиҳандаҳои клиникии буққачаҳои таҷрибавиро бо назардошти таъсири муҳит, чаронидан, таъсири ҳарорат, хӯронидан, суръати нафаскашӣ ва тапиши дил омӯхта шуд. Нишондиҳандаҳои ҳарорати бадан, тапиши дил ва нафаскашӣ дар буққачаҳои таҷрибавӣ дар вақти субҳ аз соатҳои $6^{00}$то $7^{00}$, нисфирӯзӣ аз соатҳои $13^{00}$ то $14^{00}$, ва дар вақти шом соатҳои аз $18^{00}$ то $19^{00}$ як маротиба дар давоми 10 рӯз омӯхта шуд.

Натиҷаҳои динамикаи тағъирёбии нишондиҳандаҳо дар ҷадвали 3.8.1.1. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.8.1.1. - Баъзе нишондодҳои клиникии буққаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ)**

| Нишондодҳо | Вақт | Маҳалии беҳтаркардашуда | | | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Гузаронидани таҷрибаҳо, моҳ | | | Гузаронидани таҷрибаҳо, моҳ | | |
| | | Июл | Август | Сентябр | Июл | Август | Сентябр |
| Ҳарорати бадан, $^0C$ | Саҳарӣ | 37,5 | 38,0 | 39,0 | 38,0 | 38,5 | 38,5 |
| | Рӯзона | 38,0 | 38,5 | 38,5 | 39,5 | 38,5 | 38,8 |
| | Шабона | 37,5 | 38,2 | 39,0 | 38,5 | 38,7 | 39,2 |
| Таппиши дил, дар 1 дақиқа | Саҳарӣ | 77,0 | 78,0 | 78,5 | 77,5 | 78,0 | 78,7 |
| | Рӯзона | 78,0 | 78,5 | 77,8 | 78,3 | 78,8 | 79,2 |
| | Шабона | 78,1 | 78,5 | 78,5 | 78,5 | 78,3 | 79,1 |
| Нафаскашӣ, дар 1 дақиқа | Саҳарӣ | 25,5 | 26,0 | 25,8 | 25,6 | 25,7 | 26,0 |
| | Рӯзона | 26,0 | 26,5 | 26,0 | 26,2 | 26,2 | 26,2 |
| | Шабона | 25,8 | 26,3 | 25,6 | 25,9 | 26,5 | 26,0 |

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.8.1.1. бармеояд, ки ҳангоми муайян намудани ҳарорати бадан дар вақти субҳ ва шом байни буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) фарқияти ҷиддӣ муайян карда нашуд.

Баъзе афзоиши ҳарорати бадан дар нисфирӯзӣ дар муқоиса бо назорати вақтҳои субҳ ва шом муайян карда шуд. Дар гурӯҳи буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда нисбат ба дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) пасттар буд.

Бояд қайд намуд, ки дар таҷрибаҳои мо байни буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳалӣ) аз рӯи нишондодҳои ҳарорати бадан каме аз якдигар фарқ мекарданд, ки ин ба меъёрҳои физиологӣ алоқамандӣ доштанд.

Дар вақти санҷиши кори дил ва суръати нафаскашӣ ҳангоми хӯронидани меъёри хӯрокаи серғизо, ки дорои сафеда ва қанд буда муайян карда шуд, ки хӯронидани хӯрокаи серғизои ба тапиши дил ва суръати нафаскашӣ таъсири мусбат мерасонад.

Ҳангоми таҳлили новобаста аз меъёри хӯрока, дар вақти нисфирӯзӣ аз соати $13^{00}$ то $14^{00}$ суръати тапиши дил ҳангоми нафаскашӣ тағьир ёфт. Натиҷаҳо нишон доданд, ки дар ин ҳангом суръати нафаскашӣ ва тапиши дил зиёд шуд.

Ин афзоиш дар дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) нисбат ба буққаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда мушоҳида карда шуд. (расми. 3.8.1.1. ва 3.8.1.2.)

Натиҷаҳои расми 3.8.1.1. нишон доданд, ки суръати тапиши баланди дил дар дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X маҳалии беҳтаркардашуда) нисбат ба буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда мушоҳида карда шуд.

Дар аввали таҷриба (моҳи июл) дар дар буққачаҳои дурага нисбат




**Расми 3.8.1.1. - Суръати тапиши дил дар буққачаҳои таҷрибавӣ**

ба ҳамсолони худ 0,5,0,4 ва 0,3 маротиба баланд буд. Дар байни таҷриба моҳи август бошад дар вақти саҳар баробар буда, нисфирӯзӣ 0,2 кам ва шабона 0,2 зиёд ба назар мерасид. Дар охир таҷриба, шабона бошад (сентябр) мутаносибан 0,8 зиёд; 0,4 кам ва 0,4 зиёд аст.

Бояд қайд намуд, ки дар байни букқачаҳо фарқияти калон вуҷуд надошта бошад, ҳам таъсири гармии ҳаво ва хӯронидани пурбаҳо каме ҳам бошад таъсири худро мерасонад.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои суръати нафаскашӣ бошад, расми 3.8.1.2 маълум шуд, ки ҳангоми муайян кардани суръати нафаскашӣ дар давоми як дақиқа, суръати баландтарин дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X маҳалии беҳтаркардашуда) дар моҳи июл нисфирӯзӣ-26,5; дар моҳи август вақти шом – 26,5 ва дар моҳи сентябр вақти нисфирӯзӣ – 26,2 ба назар расид. Дар буққаҳои маҳалии беҳтаркардашуда бошад суръати баландтарин дар давраҳои моҳҳои июл, август ва сентябр дар як вақт,




**Расми 3.8.1.2. - Суръати нафаскашӣ дар буққачаҳои таҷрибавӣ**

яъне нисфирӯзӣ мутаносибан 26,0; 26,5 ва 26,0 муайян карда шуд. Дар байни буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) ва буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда дар суръати нафаскашӣ дар давоми як дақиқа фарқияти ҷиддӣ дида нашудааст.

Аз натиҷаи маълумотҳои бадастоварда гуфтан мумкин аст, ки дар парвариши буққачаҳо дар шароити ҳавои гармӣ, норасоии қанд ва сафедаи зиёд дар меъёри ҳӯрока боиси каме зиёд шудани тапиши дил (набз) ва суръати нафаскашӣ мегардад.

Дар рафти гузаронидани таҷриба натиҷаҳо нишон доданд, ки нишондодҳои клиникӣ дар организми буққачаҳо ҳангоми истифодаи дурусти меъёри хӯрокаи серсафеда ва дар иқлими гарму хушк парвариши буққачаҳо таъсири мусбат расонида, хусусан истифодаи хӯрокаи пурбаҳои серғизо, нишондиҳандаҳои клиникиро беҳтар мекунад.

### 3.8.2. Тағйирёбии нишондиҳандаҳои гематологӣ ва биохимиявӣ дар организми буққачаҳои таҷрибавӣ

Омухтани хуни чорво яке аз усулҳои ташхис ва муайян намудани хусусиятҳои физиологӣ ва таъсири он ба организми чорво мебошад. Хун шакли моеъ дошта, ки онро плазма меноманд узви дохилии организми чорво мебошад. Дар плазмаи хун ҳуҷайраҳои эритроситҳо, лейкоситҳо ва тромбоситҳо фаъолият менамоянд.

Барои муайян намудани фаъолияти таркиби плазмаи хун аз ҳар як гурӯҳи буққачаҳо 3 сарӣ дар давраи зимистон моҳи феврал ва дар моҳи августи фасли тобистон бо усулҳои умумии қабулшуда хун гирифта шуд.

Дар натиҷа миқдори эритроситҳо, лейкоситҳо, гемоглобин, сафедаи умумӣ, глобулинҳо ва албуминҳо дар зардоби хуни чорвоҳои таҷрибавӣ омӯхта шуд.

Дар давраи фаслҳои сол таркиби морфологии зардоби хуни буққачаҳои ҳарду гурӯҳ аз меъёрҳои физиологӣ берун набуда, бо таъсири ҳолатҳои мавсимӣ тағйирёбӣ дида шуд. (ҷадвали 3.8.2.1.)

Маълумотҳои ҷадвали 3.8.2.1. нишон медиҳад, ки миқдори гемоглобин дар давраи зимистон дар зардоби хуни буққачаҳои беҳтаркардашуда нисбат ба давраи тобистон 14,4% ва дар буққачаҳои

**Ҷадвали 3.8.2.1. - Нишондиҳандаҳои гематологии таркиби хуни буққачаҳои таҷрибавӣ дар синни 12 моҳагӣ**

| Нишондодҳо | Маҳаллии беҳтаркардашуда | | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X Популятсияи маҳаллӣ) | |
|---|---|---|---|---|
| | Фасли сол | | Фасли сол | |
| | Тобистон | Зимистон | Тобистон | Зимистон |
| Гемоглобинҳо, г/л | 100 | 114,4 | 104,4 | 112,2 |
| Эритроситҳо, $10^{12}$ /л | 6,25 | 6,10 | 6,05 | 5,95 |
| Лейкоситҳо, $10^{9}$ /л | 7,1 | 5,7 | 5,40 | 5,35 |
| Сафедаи умумӣ | 72,3 | 73,4 | 72,3 | 72,8 |
| Глобулинҳо | 41,8 | 37,6 | 41,8 | 39,6 |
| Албуминҳо | 28,6 | 28,9 | 37,8 | 38,0 |

дурага 7,5% зиёд аст.

Дар миқдори эритроситҳо ва лейкоситҳо тағйироти ҷиддӣ ба назар нарасидааст. Фақат дар глобулинҳои таркиби сафедаҳо дар давраи

тобистон нисбат ба давраи зимистон дар зардоби хуни буққачаҳои беҳтаркардашуда 11,2% ва дар зардоби хуни буққачаҳои дурага 5,5% зиёд дида мешавад.

Агар фарқияти байни буққачаҳои беҳтаркардашуда ва дурагаро нисбати нишондодҳои зардоби хун ба назар гирем, дар ин ҳолат бартарии буққачаҳои дурага нисбат ба буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда аз рӯи миқдори гемоглобин дар ин давра 4,4; г/л (P<0,05) - ро ташкил медиҳад. Дар фасли зимистон бошад чунин нишондод дар буққачаҳои дурага нисбат ба буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда 2,2 г/л пасттар аст.

Шумораи эритроситҳо ва лейкоситҳо дар хуни буққачаҳои беҳтаркардашуда нисбат ба дурагаҳои ҳамҷинс балантар аст.

Шумораи сафедаҳои умумӣ дар ҳарду гурӯҳ дар фасли тобистон баробар буда дар фасли зимистон дар буққачаҳои беҳтаркардашуда нисбат ба дурагаҳо 0,8 зиёд аст.

Дар синни 18 моҳагӣ низ таркиби хуни буққачаҳо санҷида шуд (ҷадвали 3.8.2.2.).

Аз нишондодҳои ҷадвали 3.8.2.2. бармеояд, ки аз рӯи миқдори эритроситҳо бошад дар хуни буққачаҳо аз рӯи мавсимҳои сол, ки дар

**Ҷадвали 3.8.2.2.- Нишондиҳандаҳои гематологии таркиби хуни буққачаҳои таҷрибавӣ дар синни 18 моҳагӣ**

| Нишондодҳо | Маҳаллии беҳтаркардашуда | | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) | |
|---|---|---|---|---|
| | Фасли сол | | Фасли сол | |
| | Тобистон | Зимистон | Тобистон | Зимистон |
| Гемоглобинҳо, г/л | 117,8 | 118,2 | 128,0 | 127,4 |
| Эритроситҳо, $10^{12}$ /л | 6,15 | 6,45 | 6,72 | 6,5 |
| Лейкоситҳо, $10^{9}$ /л | 7,1 | 7,3 | 6,9 | 7,0 |
| Сафедаи умумӣ | 82,4 | 83,6 | 90,6 | 92,2 |
| Глобулинҳо | 47,2 | 47,9 | 54,6 | 55,8 |
| Албуминҳо | 35,6 | 36,2 | 37,2 | 38,3 |

ҷадвал оварда шудааст аз меъёри физиологӣ фарқияти ҷиддӣ дида намешавад.

Аз рӯи миқдори лейкоситҳо, буққачаҳои маҳаллии беҳтаркарда-

шуда дар давраи тобистон нисбат ба ҳамсолони худ бартарӣ доштанд.

Дар миқдори сафедаҳои умумӣ бошад мутаносибан 9,9% дар фасли тобистон ва 10,3% дар буққачаҳои дурага нисбат ба букқачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда зиёд буд. Дар миқдори глобулинҳо ва албуминҳо низ дар буққачаҳои дурага нисбат ба букқачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда зиёд дида мешуд.

Дар синни 24 моҳагӣ дар нишондиҳандаҳои гемоглобинҳо ва сафедаҳои умумӣ фарқият дида мешавад (ҷадвали 3.8.2.3.).

**Ҷадвали 3.8.2.3. - Нишондиҳандаҳои гематологии таркиби хуни буққачаҳои таҷрибавӣ дар синни 24 моҳагӣ**

| Нишондодҳо | Маҳаллии беҳтаркардашуда | | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) | |
|---|---|---|---|---|
| | Фасли сол | | Фасли сол | |
| | Тобистон | Зимистон | Тобистон | Зимистон |
| Гемоглобинҳо, г/л | 123,2 | 125,2 | 128,9 | 129,6 |
| Эритроситҳо, $10^{12}$ /л | 6,15 | 6,45 | 6,45 | 6,80 |
| Лейкоситҳо, $10^{9}$ /л | 7,12 | 7,75 | 6,92 | 7,35 |
| Сафедаи умумӣ | 98,2 | 97,6 | 92,7 | 93,4 |
| Глобулинҳо | 57,2 | 56,5 | 58,3 | 57,7 |
| Албуминҳо | 36,6 | 37,3 | 38,2 | 39,9 |

Аз нишондодҳои ҷадвали 3.8.2.3. бармеояд, ки дар буққачаҳои дурага нисбат ба буққачаҳои беҳтаркардашуда дар давраи тобистон миқдори гемоглобинҳо 5,7 г/л ва дар давраи зимистон 4,4 г/л зиёд аст.

Дар миқдори эритроситҳо фарқият дида нашуда дар миқдори лейкоситҳо бошад дар буққачаҳои беҳтаркардашуда нисбат ба буққаҳои дурага дар давраи тобистон 2,9% ва дар давраи зимистон бошад 5,4% зиёд буд.

Эҳтимол аст, ки бо сабаби дар шароити баландкӯҳ нарасидани оксиген равандҳои метаболикӣ дар организми чорво сусттар анҷом ёбанд.

Таркиби сафедаҳои хун яке нишондодҳои ғайримустақим барои ташаккул ёфтани организм ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз омӯхтани сафедаи хун муҳим буда дар организми чорво нақши асосии биологиро мебозад.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.8.2.3. маълум мешавад, ки дар фасли тобистон миқдори умумии сафеда дар хуни буққачаҳои беҳтаркардашуда нисбат ба дурагаҳо дар фасли тобистон 5,9% ва дар фасли зимистон 4,5% зиёд аст. Чунин фарқиятҳо байни буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ва дурагаҳо бо он шарҳ дода мешавад, ки чорвои маҳаллии беҳтаркардашуда ба шароити баландкӯҳ ва бемориҳои зарраресони хунӣ тобовартаранд.

Дар тадқиқотҳо муайян карда шуд, ки аз ҳисоби глобулинҳо миқдори сафедаи умумӣ бо гузашти солҳо зиёд мешавад.

Аз рӯи маълумотҳои ҷадвал маълум мешавад, ки дар ҳарду гурӯҳҳои буққачаҳои тачрибавӣ миқдори глобулин дар фасли тобистон нисбат ба фасли зимистон камтар аст. Ин нишондиҳандаҳо дар давраи тобистон нисбат ба давраи зимистон мутаносибан 1,03 дар дурагаҳо ва 1,2% дар буққачаҳои беҳтаркардашуда фарқ мекунанд.

Дар давраҳои тобистону зимистон миқдори албуминҳо дар зардоби хуни буккачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) дар давраи зимистон нисбат ба давраи тобистон 4,4% баланд шудааст, ва баракс дар зардоби хуни буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 2,7% кам шудааст. Дар фасли тобистон байни буққачаҳои таҷрибавӣ дар миқдори албумин фарқияти зиёд мушоҳида нашудааст.

## 3.9. Таркиби хусусиятҳои пӯст, мӯй ва ҳаҷми он дар буққачаҳои таҷрибавӣ

Таркиб ва омӯзиши хусусиятҳои пӯст, мӯй ва ҳаҷми пӯсти чорвои калони шохдор, махсусан чорвои самти гӯштӣ аҳамяти хос дорад. Чунки пусти босифати гирифтаи чорвои гӯштӣ барои истифода дар соҳаи саноат барои тайёр кардани пойафзол, ҳар гуна анҷомҳои ба рӯзгор муносиб тайёр карда мешавад.

Аз ин сабаб барои баҳо додани пуст ҳамчун ашёи хом дар соҳаи

саноат барои фабрикаҳои пойафзолдӯзӣ омӯзиши таркиби пӯсти ҳамаи намуди чорво вобаста ба зотнокӣ ва намуди конститутсионалии онҳо аҳамияти калон дорад.

Аз нуқтаи назари олимон вазифаи асосии пӯст ва таркиби мӯйҳои он дар огранизми чорво хусусиятҳои ба танзимдарории ҳарорати ҳаво дар оргнизм вобаста ба дигаргуншавии боду ҳаво ва муҳофизат намудани организм ба ҳисоб меравад. Хусусиятҳои физиологии пӯст вобаста ба аклиматизатсия ва мутобиқшавӣ ба шароити муҳит ва иқлим дар чорвоҳои самти гӯштӣ аз зотнокӣ ва таркиби конститутсионалии он дар шароити минтақаҳои кӯҳӣ вобастагӣ дорад.

Аз ин лиҳоз сатҳу сифати пусти буққачаҳои ҳар ду гуруҳро вобаста ба ҳаҷми пӯст, майдон, гафсии пуст, таркиб, дарозӣ ва зичии мӯй вобата ба синну сол ва фаслҳои сол омӯхта шудаанд.

### 3.9. 1. Хусусиятҳои пӯсти буққачаҳои таҷрибавӣ

Пӯсти чорвои дурага ба стандарти навъҳои аввал ҷавобгӯ буда барои тайёр кардани чарми бехтар ва маҳсулоти арзишманди техникӣ мувофиқ аст.

Чунин дурагакунӣ имкон дод, ки на танҳо сифати гӯшти чорво, балки сифат ва маҳсулоти ашёи хоми пӯст, вазни пӯст, майдон ва ғафсии ашёи хоми пӯстро зиёд кунад (ҷадвали 3.9.1.1.).

**Ҷадвали 3.9.1.1. - Хусусиятҳои пӯсти буққачаҳои таҷрибавӣ**

| Зот ва зотнокӣ | Вазни зиндаи пеш аз забҳ, кг | Вазни пӯст, кг | Ҳаҷми пӯст | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | дарозӣ, см | паҳной, см | майдон, дм |
| Дар синни 18 моҳагӣ | | | | | |
| Маҳаллии беҳтаркардашуда | 262,4 | 21,6 | 184,0 | 153,0 | 279,85 |
| Дурагаҳо | 296,4 | 24,8 | 210,0 | 169,0 | 351,45 |
| Дар синни 24 моҳагӣ | | | | | |
| Маҳалии беҳтаркардашуда | 304,2 | 24,7 | 193,0 | 155,0 | 298,34 |
| Дурагаҳо | 352,0 | 27,8 | 212,0 | 174,0 | 366,65 |

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.8.1.1. маълум мешавад, ки бо зиёд шудани вазни зинда дар буккаҳои дурага, вазни пӯст низ вазнин буда, пусти ин буккаҳо дар синни 1,5 солагӣ ба 24,8 кг расида дар муқоиса бо 21,6 кг дар буққаҳои маҳаллӣ мебошад, ки мутаносибан 3,2 кг ва дар синни 24 моҳагӣ 3,1 кг зиёд аст.

Ва аз рӯи ченакҳои дигар (дарозӣ, паҳнӣ, ғафсӣ ва майдон) пӯсти буккаҳои дурага нисбат ба пӯсти буккаҳои бехтаркардашудаи маҳаллӣ бартарӣ доштанд.

### 3.9.2. Таркиб, дарозӣ ва зичии мӯй дар пӯсти буққачаҳои таҷрибавӣ

Дар пӯсти чорво асосан нақши мӯйро аз рӯи хосиятҳои тағирёбии ҳарорат дар фаслҳои сол муайян мекунанд. Дар таҷрибаҳо маълум карда шуд, ки дар давраҳои фаслҳои сол дар таркиби мӯйи буққачаҳои таҷрибавии ҳарду гурӯҳ тағъиротҳо мушоҳида карда шуд. Дар давраи зимистон нисбат ба давраи тобистон таркиби мӯй беҳтар инкишоф ёфтааст (Ҷадвали 3.9.2.1).

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.9.2.1. бармеояд, ки нишондиҳандаҳои фарққунандаи таркиби мӯй дар вазн, дарозӣ ва зичии он дар фасли зимистон дар гурӯҳи буққачаҳои дурага нисбат ба буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда мушоҳида карда шуд. Ин нишондиҳандаҳо дар ҳаҷми мӯйҳои дурагаҳо нисбат ба ҳамҷинсони худ 1,4 мг (1,7%), дарозӣ - 3,63 мм (16,13%), ва зичии 90 адад (5,5%) зиёд аст.

**Ҷадвали 3.9.2.1. - Нишондодҳои таркиби муй дар буққачаҳои таҷрибавӣ дар фаслҳои сол (зимистон)**

| Нишондодҳо | Зоту типҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Маҳаллии беҳтаркардашуда | | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) | |
| | M ±m | Cv | M ±m | Cv |
| Ҳаҷм, мг | 82,2±4,80 | 15,05 | 83,6±8,84 | 15,34 |
| Дарозӣ, мм | 22,5±5,44 | 15,75 | 26,13±6,35 | 15,68 |
| Зичӣ, шумора | 1640±135,7 | 15,32 | 1730±182,0 | 15,02 |

Дар давраи зимистон дар бадани чорвоҳои таҷрибавӣ таркиби мӯйҳо 1см$^2$ ғафс ва дарозтар шудаанд, ки асосан мӯйҳои асосӣ буда, хосиятҳои муҳофизатии пӯстро баланд мебардоранд.

Дар давраи тобистон бошад, баръакс, дар бадани пусти буққачаҳо таркиби мӯй нисбат ба давраи зимистон камтар, кӯтоҳтар ва тунуктар шуда, дар он мӯйҳои асосӣ нисбат ба дигар мӯйҳо бартарӣ доранд (ҷадвали 3.9.2.2.).

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур 3.9.2.2 маълум мешавад, ки дар фасли тобистон аз рӯи вазн ва дарозии мӯй дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ

**Ҷадвали 3.9.2.2. - Нишондодҳои таркибии пашми буққачаҳо дар фаслҳои сол (Тобистон)**

| Нишондодҳо | Маҳаллии беҳтаркардашуда | | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) | |
|---|---|---|---|---|
| | M±m | Cv | M±m | Cv |
| Вазн, мг | 18,3±6,45 | 15,45 | 21,4±6,54 | 15,48 |
| Дарозӣ, мм | 10,2±1,24 | 15,68 | 11,3±15,21 | 15,83 |
| Зиччӣ, дона | 720±143,1 | 15,65 | 1020±15,14 | 15,71 |

фарқияти ҷиддӣ мушоҳида нашудааст. Ва аз рӯи зичии он, хусусияти фарққунанда дар буққачаҳои дурага нисбат ба ҳамҷинсони худ 300 дона (41,7%) мушоҳида карда шуд.

Ҳангоми омӯзиши таркиб ва ҳаҷми мӯй дар буққачаҳо дар нишондиҳандаҳои миқдори қил дар давраи зимистон, нишондиҳандаҳои пасти миқдори ости мӯй дар буққаҳои дурага мушоҳида карда шуданд ва баръакс, мӯйҳои гузариш дар ин гурӯҳ нисбат ба дигар гурӯҳҳои маҳалии беҳтаркардашуда зиёдтар (13,5%) мебошанд (ҷадвали 3.9.2.3.).

**Ҷадвали 3.9.2.3. - Таркибии мӯи бадан буққачаҳо дар фаслҳои сол (Зимистон)**

| Гурӯҳ | Нишондодҳои таркибии муйҳои пӯст | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | қил | | гузаранда | | қат | |
| Таркиб, % | | | | | | |
| | M±m | Cv | M±m | Cv | M±m | Cv |
| Маҳаллии беҳтаркарда-шуда | 21,0±5,22 | 21,08 | 21,4±4,65 | 5,42 | 51,2±1,23 | 1,13 |
| Дурагаҳо | 13,0±5,71 | 39,18 | 24,3±1,08 | 5,04 | 62,1±1,17 | 1,65 |
| Андоза, мкм | | | | | | |
| Маҳалии беҳтаркарда-шуда | 67,2±1,27 | 1,75 | 41,7±1,06 | 5,51 | 28,1±1,22 | 5,35 |
| Дурагаҳо | 71,6±5,35 | 5,45 | 44,2±1,89 | 5,12 | 29,2±1,13 | 5,12 |

Дар нишондиҳандаҳои қат низ дурагаҳо бартарӣ доштанд. Дар миқдори қил дар гурӯҳи дурагаҳо нисбат буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда 21,3%, баланд аст.

Нишондиҳандаҳои таркиби мӯйи буққачаҳои таҷрибавӣ дар давраи тобистон дар ҷадвали 3.9.2.4. оварда шудааст.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.9.2.4. бармеояд, ки дар давраи тобистон шумораи қил ва мӯйҳои гузариш дар буқачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда нисбат ба дурагаҳо кам ба назар мерасид. Дар переходний ва пух фарқияти ҷиддӣ дида нашуд.

**Ҷадвали 3.9.2.4. - Таркибии мӯи бадан буққачаҳо дар фаслҳои сол (Тобистон)**

| Гурӯҳ | Нишондиҳандаҳои таркибии муйҳои пуст | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | қил | | гузаранда | | қат | |
| Таркиб, % | | | | | | |
| | M±m | Cv | M±m | Cv | M±m | Cv |
| Маҳаллии беҳтаркардашуда | 53,4±15,23 | 15,14 | 35,4±10,80 | 15,34 | 12,2±4,26 | 15,70 |
| Дурагаҳо | 43,2±15,24 | 15,15 | 38,6±10,23 | 15,18 | 13,1±4,32 | 15,56 |
| Андоза, мкм | | | | | | |
| Маҳалии беҳтаркардашуда | 61,2±15,35 | 15,64 | 40,1±10,17 | 15,13 | 25,2±5,45 | 15,48 |
| Дурагаҳо | 68,7±15,07 | 15,34 | 40,6±10,38 | 15,14 | 26,4±5,51 | 15,35 |

Дар давраи гузаронидани таҷрибаҳо аз рӯи нишондиҳандаҳои таркиби мӯй баъзе фарқиятҳои байниҷинсӣ муайян карда шуданд. Дар натиҷа, аз рӯи вазни мӯй бо майдони 1 $см^2$ дар давраи фасли зимистон, буққачаҳои гурӯҳи дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ х популятсияи маҳалӣ) нисбат ба буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда баландтар буданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар буққачаҳои дурага бо омилҳои хусусиятҳои зотӣ таркиби мӯй хубтар ва бештар инкишофтааст, ки ин асоси хусусиятҳои биологии зот буда дар шароити парвариш дар ҷараёни афзоиши мукаммали зот ташкил шудааст.

Хулоса аз рӯи нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда гуфтан мумкин аст, ки бадани ҳам буққачаҳои беҳтаркардашуда ва ҳам буққачаҳои дурага дорои мӯйҳои хубтар инкишофёфта буданд, ки ин яке

аз нишонаҳои муҳофизатӣ ва мутобиқшавии организми чорво дар давраи зимистон арзёбӣ мешавад.

## 1.9. Самаранокии иқтисодии парвариши буккахои дурага ва маҳалии беҳтаркардашуда

Яке аз чорабиниҳои асосии самти парвариши чорвои гӯштӣ ин муайян намудани самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ мебошад.

Аз рӯи натиҷаҳои парвариши буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ х популятсияи маҳалӣ) ва букқачаҳои беҳтаркардашудаи маҳалӣ сохтори хароҷот ва самаранокии иқтисодӣ барои ҳар як букка муайян карда шуд. Арзиши буккачахо ҳангоми таваллуд ва хароҷоти чорӣ дар ҳарду гурӯҳ якхела буд (ҷадвал.3.10.1.).

**Ҷадвали 3.10.1. - Самаранокии иқтисодии парвариши буққаҳои маҳаллии беҳтпаркардашуда ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) дар синни 18 моҳагӣ ва фурӯши гӯшт.**

| Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Зоту типҳо | |
|---|---|---|---|
| | | маҳаллии беҳтар-кардашуда | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) |
| Вазни зинда | кг | 285,0 | 320,0 |
| Вазни зинда пеш аз забҳ | кг | 262,4 | 296,4 |
| Хароҷот дар парвариш | сомонӣ | 6130 | 6410 |
| Даромад аз фурӯш бо нархи 40 сомонӣ дар 1кг вазни зинда | сомонӣ | 10496 | 11856 |
| Даромад | сомонӣ | 4366 | 5446 |
| Арзиши аслӣ 1 с. | сомонӣ | 2336 | 2163 |
| Меъёри даромаднокӣ | % | 71 | 85 |

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.10.1. бармеояд, ки хароҷотҳо дар парвариши як буққаи таҷрибавӣ то синни 18 моҳагӣ дар буққачаҳои беҳтаркардашуда 6130 сомонӣ ва дар буққачаҳои дурага (сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) 6410 сомониро ташкил намудааст. Дар натиҷаи фуруши буққачаҳо бо вазни зинда, даромади онҳо мутаносибан 4366 ва 5446 сомониро ташкил додаст. Арзиши аслии ба 1 сомонӣ

сарфшуда дар буққачаҳои беҳтаркардашуда 2336 сомонӣ ва 2163 сомониро дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) ташкил додаст, ки меъёри даромаднокӣ мутаносибан 71% ва 85% мерасад.

Дар самти чорвои гӯшти барои гирифтани миқдори баланди гӯшт чорвои ба гӯшт равонакардашударо то синни 24 моҳагӣ парвариш менамоянд. (ҷадвали 3.10.2.).

**Ҷадвали 3.10.2. - Самаранокии иқтисодии парвариши буққаҳои маҳаллии беҳтпаркардашуда ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) то синни 24 моҳагӣ ва фурӯши гӯшт.**

| Нишондодҳо | Воҳиди ченак | 24 моҳагӣ | |
|---|---|---|---|
| | | маҳаллии беҳтар-кардашуда | Дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) |
| Вазни зинда | кг | 318,4 | 380,5 |
| Вазни зинда пеш аз забҳ | кг | 304,2 | 352,0 |
| Хароҷот дар парвариш | сомонӣ | 8173 | 8546 |
| Даромад аз фурӯш бо нархи 40 сомонӣ дар 1кг вазни зинда | сомонӣ | 12168 | 14080 |
| Даромад | сомонӣ | 3995 | 5534 |
| Арзиши аслӣ 1 с. | сомонӣ | 2686 | 2428 |
| Меъёри даромаднокӣ | % | 49 | 65 |

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.10.2. бармеояд, ки вазни зиндаи пеш аз забҳ дар синни 24 моҳагӣ дар буққачаҳои беҳтаркардашуда 304,2 кг ва дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) 352 кг-ро ташкил дода, хароҷоти сарфшуда мутаносибан ба 8173 ва 8546 сомонӣ расидааст. Дар натиҷаи фуруши буққачаҳо бо вазни зинда, даромади онҳо мутаносибан 3995 ва 5534 сомониро ташкил додаст.

Арзиши аслӣ бошад, ба 1 сомонӣ сарфшуда дар буққачаҳои беҳтаркардашуда 2686 сомонӣ ва 2428 сомониро дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) ташкил додааст, ки меъёри даромаднокӣ мутаносибан ба 49% ва 65% мерасад.

Даромади ҳар як буққачаи дурага дар синни 18 моҳагӣ дар муқоиса бо буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 24,7% зиёдтар буд. Дар синни 24 моҳагӣ фарқият мутаносибан ба 38,5% расид.

Дар ҷамъбасти натиҷаҳои таҳлилшуда, метавон гуфт, ки дурагакунии говҳои популятсияи маҳаллӣ бо буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ, ки дар шароити якхелаи хуронидан ва нигоҳубин бо чорвоҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ буданд, афзалиятҳои баландтарро таъмин карда, пардохти ками сарфи хӯрока, гӯшти босифати баланд ва дар айни замон, нархи арзонтарро таъмин менамояд.

# БОБИ 4. БАРРАСИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳӣ мебошад. Қариб 93% қаламрави ҷумҳуриро минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ фаро гирифтааст. Табиист, ки амалӣ истифодаи оқилона бурдани чунин минтақаҳо, ба монанди минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ, танҳо тавассути парвариши чорвои калон ва хурд ба роҳ монда мешавад.

Барои ташаккули соҳаи чорвои гӯштӣ ба хоҷагиҳои минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ ворид кардани чорвои зоти тозаи махсуси гӯштӣ дар солҳои панҷоҳуми асри гузашта оғоз ёфт.

Зоти чорвои гӯштии овардашуда (қазоқии сарсафед, қалмиқӣ, абердин-ангусӣ) ҳангоми мутобиқшавӣ ва парвариш дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ бо зудрасӣ, тобоварӣ бо маҳсулнокии баланди гӯштӣ, сарфаи ками хӯрок, зуд фарбеҳ шудан ва нигоҳубин, бо истифодаи самараноки чарогоҳҳои табиии кӯҳӣ хосро нишон дод.

Тадқиқотҳои илмӣ ба ташаккули минтақаҳои чорводории гӯштӣ, афзоиши шумораи чорво, баланд бардоштани сифатҳои наслӣ ва истеҳсолӣ имконияти хубедоданд.

Олимон дар соҳаи чорводорӣ, самтҳои гӯштӣ ва ширӣ дурагакунии байни зотҳоро амалӣ намуда, сифатҳои хоҷагидорию биологӣ ва сифатҳои маҳсулнокии ҷавонаҳои дурагаи омехтаи чорвои гӯштиро омӯхтанд. Ба даст овардани шумораи зиёди чорвои дурага ва ҳамзамон афзоиши саршумори чорвои сермаҳсули гӯштӣ, ки ба шароити кӯҳӣ хуб мутобиқ карда шудаанд, ба афзоиши истеҳсоли гӯшти гов дар кишвар мусоидат намуд.

Дар таҳияи чунин масъалаҳо, аз ҷумла давраҳои парвариши зоти сарсафеди қазоқӣ, сифатҳои хоҷагидорию биологӣ, маҳсулнокӣ, ва истифодаи онҳо барои гирифтани маҳсулоти гӯштии хушсифати аз ҷиҳати биологӣ тоза саҳми олимони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла А.Б. Қарақулов [73, С. 56- 59; 76, С. 125 – 128]; В.И. Косилов [82, С.91]; А.Н.

Норов [104, С. 143]; А.А. Салихов [114, С. 16-19]; Х.А. Амерханов [5, С.33-35]; А.А. Арбобов [9, С. 34 - 36]; Э.Н. Доротюк [43, С. 10-13]; И.П. Заднепрянский [54, С.41-44]; Т.А. Иргашев [63, С. 155 -156]; А.В. Харламов [122, С. 13-14] ва дигар селексионерҳо назаррас аст.

Истифодаи пурраи иқтидори генетикии чорво ҳангоми ҷойгиркунии оқилона ва парвариш аз нуқтаи илмӣ асосноки зотҳо имкон пазираст. Дар минтақаҳои баландкӯҳҳои ҷумҳурӣ дар баробари қутосҳо, сифатҳои хоҷагидорӣ зоти қалмиқӣ, ва дар минтақаҳои миёнаи кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ зоти қазоқии сарсафед хуб зоҳир мешаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ–тадқиқоти селексионӣ оид ба баровардани типу зотҳои нави чорвои кишоварзӣ ва таҳкими фонди миллии генетики чорводории кишвар диққати махсус медиҳад.

Дар таркиби подаҳои хоҷагиҳои чорводорӣ дар самти парвариши чорводории гӯштӣ чорвои маҳаллии беҳтаркардашуда, ки бо сифатҳои пасти маҳсулнокӣ хос мебошанд, мавқеи хоси худро ишғол менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки асоснокии илмии мақсаднокии парвариш ва дурагакунии ин ё он зот ва типии чорвои гӯштӣ ба таври кофи вуҷуд надошта, масъалаҳои селексияи онҳо ба таври кофӣ ҳал нашудаанд ва истифодаи чорвои сарсафеди қазоқӣ ва дурага намудани он бо чорвои беҳтаршудаи маҳаллӣ дар асоси селексия дурагаҳои нави чорвои гӯштӣ ба роҳ монда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар тулии ҳазорсолаҳо аз 50 000 намуди ҳайвоноти ширхур 36 намуди онро, ки ба мардум маҳсулотҳои серғизо медиҳанд, барои истифода хонагӣ карда шудаанд. Аз ин шумора 18 намуди он ба чорво ва 18 намуди дигар ба парандаҳо мансуб мебошанд.

Аз 18 намуди чорво, ки ҳам чорвои калони шохдор ва ҳам чорвои майдаи шохдоро ташкил менамояд, мавқеъи асосиро чорвои майдаи шохдор ишғол менамояд. Аз саршумор ва зотҳои чорвоҳои ба

дастовардашудаи олимон ва мутахассисон дар ҷаҳон 25%, яъне 1229 зотро зотҳои гӯсфандон ташкил менамоянд [38, С. 604; 41, С. 495].

Яке аз масъалаҳои асосӣ ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо ғизои хушсифат ин истеҳсоли маҳсулоти гӯшти мебошад.

Яке аз давлатҳои истеҳсоли баланди гӯшт Хитой ба ҳисоб меравад, ки зиёда аз 81 123,1 ҳазор тонна гушт дар соли 2012 истеҳсол намудааст, ки дар истеҳсоли гӯшти ҷаҳон 26,8%-ро ташкил намудааст. Баъди давлати Хитой, Америка бо истеҳсоли 42548,4 ҳазор тонна (14,1%) ва Бразилия 24961,3 ҳазор тонна (8,3%) истеҳсол намудаанд. Давлати Русия бошад дар ҷои панҷум меистад, ки истеҳсоли 8137,3 ҳазор тонна (2,7%)-ро дар бар мегирад [51, С. 2-5].

Олимон бар он ақидаанд, ки натанҳо чорвои гӯштӣ барои истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ истифода мешаванд [2, С 149; 50, С.2-5], махсусан дар Федератсияи Русия, ки қисми зиёди истеҳсоли маҳсулоти гӯштиро дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди шуравӣ ташкил медод [50, С.2-5; 51, С. 2-5; 96, с. 478], балки баровардани зоту типҳои сермаҳсули чорвоҳои генотипашон гуногун низ дар истеҳсоли гӯшт саҳми худро мегузоранд [101, С. 57; 103, С. 195]. Лекин олимон дар он ақидаанд, ки ҳиссаи чорвои гӯштӣ дар истеҳсоли гӯшт бояд аз 45 то 85%-ро ташкил диҳад [135, С. 198-204; 136, С. 4; 137, С. 53-58; 139, С.102-180].

Парвариши чорвои гӯштӣ асосан дар чарогоҳҳои куҳию наздикуҳии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ба роҳ монда шуда дар давоми сол ба чарогоҳҳои тобистона ба дигар минтақаҳои чарогоҳии ҷумҳурӣ интиқол дода мешаванд.

Барои тақвият бахшидани соҳаи чорводорӣ, асосан чорвои гӯштӣ ва таъмини аҳолӣ ба гӯшти хушсифати аз ҷиҳати экологӣ дар солҳои 70-уми асри гузашта зотҳои махсусгардонидашудаи самти гӯштӣ (зоти сарсафеди қазоқӣ, зоти абердин ангусс ва зоти қалмиқӣ) оварда шуданд.

Дар ин давом дар натиҷаи тадқиқотҳои олимон чорвоҳои махсус -

гардонидашуда дар шароити чарогоҳҳои куҳию наздикуҳи хуб мутобиқ шуда, ба якдигар ва чорвоҳои маҳалӣ дурага намуда наслҳои ба шароити ҷумҳурӣ мувофиқ ба даст оварда шуданд [14, С.180; 52, С. 18-20; 63, С. 155 -156; 73, С. 56- 59; 76, С. 125 – 128].

Дар натиҷаи омӯзиш ва гузаронидани тадкиқотҳо дар чорвоҳои гӯштии мазкур бо истифодаи интихоби дурусти чорвои сермаҳсул ва ҷудо намудани чорвоҳои зотӣ барои гузаронидани корҳои селексинӣ олимони ҷумҳурӣ ва берун аз он барои дар оянда парвариш ва ба роҳ мондани самти чорвои гӯштӣ типу дурагаҳои нави мутобиқ ба шароити чарогоҳҳо ва иқлими Тоҷикистон баровардаанд [43, С. 10-13; 64, С. 154-155; 70, С.3-8; 90, С. 48-53; С. 105,С. 95; 106, С.43-44; 120, С. 2-6].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 саршумори чорвои калони шохдор 2 млн. 544 ҳазор сар расидааст, ки қариб 1 млн. 322 ҳазорашро модаговҳо ташкил менамоянд. Аз ин шумора қариб 0,3% - ро чорвои гӯшти ташкил менамояд. Истеҳсоли гӯшт бошад дар соли 2023 ба 300 ҳазор тонна расидааст, ки ба ҳар як сари аҳолии мамлакат дар давоми сол то 30 кг бо вазни зиндаро дар бар мегирад. [116, С. 100-111].

Аз соли 1958 сар карда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зоти сарсафеди қазоқӣ ҷиҳати беҳтар намудани сифатҳои гӯштии чорвоҳои маҳаллӣ ворид карда шудааст. То ба ин давра, зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити баландкӯҳҳои ҷумҳурӣ хуб мутобиқ шуд.

Насли сарсафеди қазоқӣ дар ин давом истеҳсоли баланди маҳсулнокии гӯштии аз ҷиҳати экологи тозаро нишон дода ба шароити нигоҳубин дар минтақаҳои кӯҳию наздикуҳии ҷумҳурӣ ба хунукӣ ва гармӣ хуб мутобиқ шудааст [4, С.29 -32; 7, С.50; 26, С. 185-244; 54, С.41-44; 59, С. 214; 82, С.91].

Зоти қазоқии сарсафеди ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуда дар ин давом дар шароит ва муҳити минтақаҳои куҳию наздикуҳӣ хуб мутобиқ шуда, дар гирифтани дурагаҳои хушсифат бо чорвои

маҳалӣ истифодашаванда мавқеъи хоси худро ёфтааст.

Олимони соҳаи чорводорӣ дар мақолаю асарҳои илмии худ қайд менамоянд, ки зоти қазоқии сарсафед худро ҳамчун чорвои мутобиқшудаи зудрас дар шароити куҳию наздикуҳӣ нишон дода аз рӯи хусусиятҳои генетикӣ гӯсолаҳо бо модарашон хеле хуб инкишоф меёбанд ва дар синни 8-моҳагӣ вазни онҳо ба 220-250 кг мерасад. Дар сини якунимсолагӣ бошад бо вазни зиндаи 450-480 кг барои истеҳсоли гӯшт равона карда мешавад [84, С. 45-47; 114, С. 16-19].

Асосан аз рӯи ақидаи олимону мутахассисон чорвои калони шохдор аз рӯи вазни зинда ва калонҷуссагӣ ба аз ҳамма калонҷусса, калонҷусса ва миёна тақсим мешавад. Зоти сарсафеди қазоқӣ ба зотҳои калонҷусса дохил мешавад. Дар қатори ин зот дигар зотҳо низ аз қабили зотҳои сиёҳ-ало, голштинофризӣ, курганӣ, бестужевӣ, герефордӣ ва дурагаҳои он, санта-гертруда ва дурагаҳои он, шортгорнӣ ва дуругаҳои он ва зоти қалмиқӣ дохил мешаванд [104, С. 99].

Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон давлатҳое мебошанд, ки дар онҳо чорвои маҳалии зебушакл парвариш карда мешаванд. Дар давлатҳои мазкур ҳаво одатан гарму хушк ва боришоти кам ба қайд гирифта шудааст.

Хамин тариқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чорвои популятсияи маҳалӣ фисади зиёди саршумори чорворо ташкил менамояд. Чорвои маҳалӣ ба шароити номусодии боду ҳаво ва тағъирёбии иқлими минтақаҳои ҷумҳурӣ хуб мутобиқ буда, ба касалиҳои инвазионӣ ва паразитии чорво нисбат ба чорвоҳои маданӣ тобоваранд.

Аз ин лиҳоз аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ барои дурага намудани чорвои маҳалӣ бо зотҳои махсусгардонидашудаи гӯштӣ ва ба воситаи онҳо гирифтани насли дурага барои давом додани корҳои селексионӣ ва истеҳсоли гӯшт корҳои илмию таҳқиқотӣ гузаронида истодаанд [9, С. 34 -36; 72, С. 45-59].

Олимон бисёртар барои беҳтар намудани маҳсулнокӣ чорвои популятсияи маҳалиро бо дигар зотҳои мувофиқи баландмаҳсул дурага намуда, ба ин восита маҳсулнокии онҳоро беҳтар менамоянд. Инчунин аз тарафи олимон типи сиёҳ-алои тоҷикӣ [13, С. 11 -23; 14, с.180; 68, С. 131 -136], типи чорвои сергӯшти тоҷикӣ [64, С. 154-155] типи фархории зоти гӯсфанди ҳисорӣ ва экотипи зарафшонии қутосҳои помирӣ ба вуҷуд оварда шуданд. [9, С. 34 -36; 73, С. 56- 59; 76, С. 125 – 128; 77, с. 360; 78, С. 3- 10; 104, с. 143; 105, С. 95].

Барои гузаронидани усули дурагакунии чорвои популятсияи маҳаллӣ бо буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ бо мақсади ба даст овардани дурагаҳо ва муқоисаи давомнокии давраи инкишофи ҷанинӣ, вазни зинда, ирсиятнокӣ, андозагирии қисмҳои берунӣ (экстерер), хусусиятҳои химиявию морфологии гӯшт, равғани дохилӣ ва самаранокии иқтисодӣ бо насли гирифташудаи буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ бо говҳои популятсияи маҳаллӣ дар хоҷагии кооперативии «Файзобод»-и ноҳияи Темурмалик гурӯҳҳои таҷрибавӣ ташкил карда шуд.

Ҳамин тариқ, ба буққаҳои зотии сарсафеди қазоқӣ 25 сар чорвои (гови) популятсияи маҳаллӣ ва ба буққаҳои чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 20 сар вобаста карда шуд. Ҳар гове, ки бо буққаҳои зотӣ вобасташуда зотнокӣ, вазни зинда, беҳдошти саломатӣ, синну сол, ҳолати зоиш ва маҳсулнокӣ ба назар гирифта шуд.

Вазни зиндаи миёнаи говҳое, ки аз ҷониби буққаҳои зотии сарсафеди қазоқӣ вобаста шудаанд - 325 кг ва вазни миёнаи говҳое, ки ба буққаҳои чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ вобаста шуда, мутаносибан ба ҳисоби миёна 320 кг-ро ташкил намуд.

Чорвоҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ дар шароити якхелаи хӯрокдиҳӣ ва нигоҳубин қарор доштанд. Меъёри ҳурокаи кофӣ бо хӯрокиҳои босифати ғизонок истифода бурда шуд.

Таркиби меъёри хӯрока ва ғизонокии онҳо дар ҳаммаи гурӯҳҳо якхела буд. Гӯсолаҳои гирифташуда аз синни 70 рӯзагӣ бо шир пурра, (аз 20 рӯз то 6 моҳагӣ) пурра таъмин карда шуд. Онҳо аз синни 15-рӯзагӣ ба хӯроки растанӣ мутобиқ карда шуданд. Дар сини 18 ва 24 моҳагӣ меъёрҳои иловагӣ таъмин карда шуд.

Дар таркиби умумии меъёри хӯрока то 18 моҳагӣ вазни хоси хӯроки сабз ва хӯрокиҳои сершира нисбат ба хурокаи умумӣ - 30,5-34,2%; хӯрокаҳои дурушт (коҳи юнучқа, боқимондаҳо ва пӯчоқи пахта) 28,7-31,3%; еми серғизо - 32,6-33,9; ширӣ - 8,2-9,4%-ро ташкил дод. Дар 18 моҳагӣ, ба ҳисоби миёна ба ҳар як сар чорвои маҳаллии беҳтаркардашуда - 1942,6 воҳиди хӯрока ва 280,0 кг протеини ҳазмшуда, ва дар зоти сарсафеди қазоқӣ - 2161,6 воҳиди хӯрока ва 295,2 кг протеини ҳазмшуда таъмин карда шуд.

Барои гирифтани маҳсулоти гӯшти босифат дар синни 24 моҳагӣ хӯрокаи серғизо аз рӯи меъёри шабонарӯзӣ таъмин карда шуд.

Хулоса дар давоми 24 моҳ 32,1-35,1% ҳурокиҳои ширадор, 29,3-32,1% хӯрокиҳои дурушт, еми серғизо -32,3-37,7: ширадор - 5,8-6,8%. Хӯрокиҳои ширадор ва дурушт дар ҳар ду гурӯҳ 61,4 - 67,2% – ро ташкил дод, ва дар давоми 24 моҳ мутаносибан 2873, 5 ва 403,9 кг ва 3164,6 воҳиди хӯрока ва 430,0 кг протеини ҳазмшуда таъмин карда шуд.

Ҳамин тариқ, хӯронидани чорвоҳои таҳқиқшаванда бо назардошти зотнокӣ, синну сол, ҳолати физиологӣ, дараҷаи маҳсулнокӣ ва тартиб додани меъёри хӯрока (хӯрокиҳои ширадор, дурушт, серғизо) ҳамон тавре, ки барои чорвои гӯштӣ барои гирифтани маҳсулоти босифати гӯштӣ муқаррар карда мешавад, хос буд.

Муайян карда шудааст, ки гӯсолаҳое, ки давраи нисбатан инкишофи кӯтоҳи эмбрионалӣ доранд, бо энергияи баланди афзоиш пас аз таваллуд дар муқоиса бо гӯсолаҳое, ки дар марҳилаҳои нисбатан дар давраи охири рушд таваллуд шудаанд, фарқ мекунанд.

Омӯзиши давомнокии бордоршавӣ ва инкишофи ҷанин дар давраи ҳомилагӣ вобаста ба зоти падарӣ нишон дод, ки он дар говҳои популятсияи маҳаллӣ, ки бо буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ бордор карда шудаанд, тӯлонитар буда нисбат ба инкишофи дохилибатнии насли бо зоти сарсафеди қазоқӣ, ки давраи кӯтоҳтарро ташкил намуд.

Давомнокии инкишофи ҷанин дар давраи ҳомилагӣ на танҳо вобаста аз модар, балки аз тарафи падари низ вобастагӣ дорад. Маълум аст, ки дар чунин зотҳо, ба монанди абердин – ангус, герефорд, сарсафеди қазоқӣ, ҷейсерӣ, давраи инкишофи ҷанинӣ дар аксари ҳолатҳо нисбат ба ҷинсҳои симменталӣ, швитсӣ ва гурӯҳҳои маҳаллии чорво кӯтоҳтар аст.

Муайян карда шудааст, ки байни вазни зиндаи гӯсолаҳо ҳангоми таваллуд гирифта шуда ва вазни онҳо дар синни балоғат алоқамандии мусбӣ вуҷуд дорад. Ба чунин аломатҳо аҳамияти муайяни селексионӣ дода мешавад, ва байни вазни модар ва давраи ҳомилагӣ ва ҳангоми таваллуд вобастагӣ вуҷуд дорад.

Бо таъсири дурагакунии чорвои маҳаллӣ бо зотҳои гӯштӣ, на танҳо вазни мутлақи гӯсолаҳо ҳангоми таваллуд, балки вазни нисбии модарон низ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Дар дурагаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ вазни зиндаи онҳо ҳангоми таваллуд нисбат ба вазни модар 7,3%, ва дар беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 6,9% – ро ташкил дод.

Таъсири дурагакунӣ дар давраи бошиддати афзоиши ҷанин аллакай дар давраи эмбриогенез зоҳир шуд. Дар вақти таваллуд дурагаҳои гирифташуда нисбат ба таваллуди ҳамчинсони беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 21,0% вазнинтар буд. Пас аз таваллуд низ, дурагаҳо беҳтар инкишоф ёфтанд. Дар шаш моҳи аввали инкишоф вазни зиндаи буққачаҳои бертаркардашудаи маҳаллӣ 4,7 маротиба, ва вазни буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ х популятсияи маҳаллӣ) 5,1

маротиба афзудааст. Афзоиши зиёди вазни дурагаҳои сарсафеди қазоқӣ бо вазни баланди ин гӯсолаҳо ҳангоми таваллуд алоқамандӣ дорад.

Дар ҷавонаҳои дурага (қазоқии сарсафед х популятсияи маҳаллӣ) вазни зинда дар синни 12 моҳагӣ, мутаносибан аз буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 21,14% зиёдтар буд. Дар синни 1,5 солагӣ бошад, буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 281 кг вазн доштанд, ки барои чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ ин вазни хуб буд, чунки агар ба назар гирем, ки ҳангоми супоридани гӯшт вазни зиндаи чорвои калонсолони маҳаллӣ дар дигар хоҷагиҳо 220 кг мебошад.

Буққачаҳои дурага (сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) то 1,5 солагӣ вазни зиндаашон 319,5 ва дар 24 моҳагӣ мутаносибан - 377,6 кг –ро ташкил дод. Чунин ба назар мерасад, ки энергияи баланди афзоиш, ки ба чорвои насли сарсафеди қазоқӣ хос буда, дар шароити иқлими гарм пурра зоҳир шуда наметавонист. Бо вуҷуди ин дар ҳолати табиии афзоиши шиддатнок аз синни 18 то 24 моҳагӣ, ин чорвоҳо ҳамчун чорвоҳои зудрас, аз ҷиҳати афзоиш аз ҳамсолони маҳаллӣ 38,5-58,8 кг зиёдтар вазн доштанд.

Афзоиши мутлақ дар давраи парвариш (то 18 ва то 24 моҳагӣ) дар гурӯҳи дурагаҳои насли сарсафеди қазоқӣ 298,2 ва 356,3кг, ва дар гурӯҳи буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 263,4 ва 301,2кг-ро ташкил дод.

Вазнафзуншавии миёнаи шабонарӯзии баланд дар буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ дар синни 12, 15 ва 18 моҳагӣ мутаносибан 593; 573 ва 626 гр. - ро ташкил намудааст. Дар буққаҳои дурагаи гирифташуда вазнафзуншавии шабонарӯзӣ аз ҳамма баланд дар синни 9 моҳагӣ 714 гр мушоҳида карда шуд, ва дар синни 15 моҳагӣ ба 550 гр. паст шуда, боз дар синни 18 моҳагӣ мутаносибан ба 626 гр боло меравад. Вазнафзуншавии миёнаи шабонарӯзӣ дар дурагаҳо нисбат ба буққаҳои беҳтаркардашуда дар 18-моҳагӣ 6,5%, ва 24-моҳагӣ 11,2% зиёдтар ба назар мерасад.

Мо суръати нисбии афзоиши ҷавонахоро аз оғози таваллуд то давраи 24 моҳагӣ муайян кардем.Суръати нисбии афзоиш дар давраи аз таваллуд то 24 моҳагӣ дар байни буққаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) нисбат ба беҳтаркардашудаи маҳаллӣ баландтар буд.

Дурагаҳое, ки байни говҳои маҳаллӣ бо буққаҳои зоти гӯштӣ ба даст оварда шудаанд, дар шароити хоҷагие, ки ба нигоҳубин ва хуронидани худ хоси минтақа ҳаст нисбат ба ҳамсолони маҳаллии худ беҳтар инкишоф ёфтаанд. Ҳама гӯсолаҳои дурагаи гирифташуда чолок ва пурқувват буданд. Ин далели он аст, ки нақши мусбати дурагакунӣ дар баланд бардоштани махсулнокии чорвои маҳаллӣ гузоштааст.

Яке аз корҳои асосии зотпарварӣ муайян намудани ченакҳои бадани чорво мебошад. Дар натиҷаи муайян намудании ченакҳои бадан, парвариши мусбати чорвоҳои парваришёбандаро дар оянда муайян менамояд.

Дар натиҷаи омӯзиши ченакҳои бадани буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популяцияи маҳаллӣ) нишон дод, ки буққаҳои дурага аз рӯи ченакҳои асосии бадан аз чорвои маҳаллии беҳтаркардашуда афзалият доштанд. Дар ҳамаи давраҳои синну сол, дурагаҳо бо рушди баланди ченакҳои бадан, ки дар онҳо навъҳои беҳтари маҳсулнокии гӯшт ташкил мешавад, фарқ мекарданд: онҳо синаи васеътар, пушт, чорбанд ва қабатҳои зиёди ташкилёбии мушакҳо дар ин қисмҳо доштанд.

Ченакҳои бадани буққачаҳо баъди таваллуд дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) нисбат ба буққачаҳои беҳтаркардашуда фарқ мекунад. Буққачаҳои дурага нисбат ба ҳамсолони худ қариб дар ҳаммаи ченакҳои бадан, аз ҷумла баланди то куҳон (ёл) – 2,6см, баланди то пушт –2,8, чуқурии қафаси сина – 2,4, паҳноии қафаси сина – 3,0, паҳноии камарбанд – 3,0, хати каҷи бадан – 5,1, ва гирди

қафаси сина – 5,2см бардарӣ нишон додаанд.

Бояд қайд намуд, ки он ченакҳои бадане, ки ба афзоиши чорвои гӯштӣ мутаалиқанд ҳамчун чуқурии қафаси сина – 10,7%, паҳноии қафаси сина – 27,5%, паҳноии камарбанд - 21,6% дар буққачаҳои дурага нисбатан ба ҳамсолони худ бештар нишон дода шудааст.

Оиди ченакҳои бадани буққачаҳои таҷрибавӣ дар 6 моҳагӣ нишон медиҳад, ки бартарӣ дар буққачаҳои дурага нисбат ба буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ дар ченакҳои баланди то куҳон (ёл) – 5,9 см, баланди то пушт – 5,0, чуқурии қафаси сина – 3,3, паҳноии қафаси сина – 3,6, паҳноии камарбанд – 2,9, хати каҷи бадан – 2,9, ва гирди қафаси сина – 4,8см бартарӣ нишон дода бошад ҳам, лекин дар ченакҳои мутаалиқ ба чорвои гӯштӣ, (паҳноии қафаси сина – 14,1, паҳноии камарбанд – 12,1%) 13,4% ва 9,5% нисбати давраи баъди таваллуд дар букқачаҳои дурага дар давраи 6 – моҳагӣ паст шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ дида бароем дар муқоисаи давоми 6 – моҳ нисбат ба давраи таввалуд паҳноии қафаси сина – 94,5% ва паҳноии камарбанд – 71,9% нисбат ба дурагаҳо, ки дар давоми 6 – моҳ нисбат ба давраи таввалуд паҳноии қафаси сина – 78,4% ва паҳноии камарбанд – 56,2% нишонд дода шудааст, афзуншавии зиёд дида мешавад.

Хулоса дар муқоисаи ченакҳои асосӣ дар марҳилаҳои аввали инкишофи чорво ҳангоми таваллуд ва нимсолаи аввал ба даст овардашуда нишон медиҳад, ки дар байни дурагаҳо афзоиши баланд, алахусус дар чуқурии кафаси сина, нисбат ба чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ то 6 моҳагӣ 9,2%, инчунин паҳноии сина 17,0% зиёд шуда, фарогирии қафаси сина мутаносибан 4,9% зиёд шудааст. Бояд қайд намуд, ки дурагаи насли сарсафеди қазоқӣ бо популятсияи маҳаллӣ аз дигар буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ дар ченакҳои дигар низ бартарӣ доштанд.

Дар синни 12 – моҳагӣ, ҳамаи хатти ченакҳои бадани дурагаҳои насли сарсафеди қазоқӣ аз нишондиҳандаҳои дахлдори буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ баландтар буданд.

Натиҷаҳои ченаки бадани буққачаҳои таҷрибавӣ дар синни 12 моҳагӣ нишон медиҳад, ки бартарӣ дар буққачаҳои дурага нисбат ба буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ дар ченакҳои баланди то кӯҳон (ёл) – 4,3%, баланди то пушт – 7,1%, чуқурии қафаси сина – 14,4, паҳноии қафаси сина – 14,0, паҳноии камарбанд – 18,4, хати каҷи бадан – 9,6, ва гирди қафаси сина – 4,8% бартарӣ нишон додааст.

Дар синни 18-моҳагӣ бошад аллакай, дурагаҳо ба ташаккули бадани муайяни ки барои чорвои гӯштӣ хос аст, табдил ёфтанд.

Натиҷаҳои ченакҳои бадани буққачаҳои таҷрибавӣ дар синни 18 моҳагӣ нишон медиҳад, ки бартарӣ дар буққачаҳои дурага нисбат ба буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ ба назар мерасад. Лекин агар мо афзоиши бадани бӯққачаҳои ҳар ду гуруҳро ба синни 12 моҳагӣ нисбат диҳем, дар буққачаҳои дурага дар ченакҳои баланди то кӯҳон (ёл) – 7,7%, баланди то пушт – 6,4%, чуқурии қафаси сина – 3,4, паҳноии қафаси сина – 9,8, паҳноии камарбанд – 9,2, хати каҷи бадан – 8,5, ва гирди қафаси сина – 13,5% - ро ташкил намуда, дар буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ бошад  дар ченакҳои баланди то кӯҳон (ёл) – 5,8%, баланди то пушт – 5,7%, чуқурии қафаси сина – 11,5, паҳноии қафаси сина – 15,3, паҳноии камарбанд – 15,7, хати каҷи бадан – 6,8, ва гирди қафаси сина – 8,7% - ро ташкил додааст.

Дар ин ҷо дар муқоисаи синни 18 моҳа бо синни 6 моҳа, буққачаҳои дурага нисбат ба буққачаҳои беҳтаркардашуда дар ченакҳои баланди то кӯҳон (ёл) – 1,9%, баланди то пушт – 0,7%, хати каҷи бадан – 1,7, ва гирди қафаси сина – 4,8% бартарӣ нишон дода бошад, лекин дар ченакҳои чуқурии қафаси сина – 8,1, паҳноии қафаси сина – 5,5, паҳноии камарбанд – 6,5% зиёд бартарӣ ченакҳои бадани буққачаҳои беҳтар -

кардашудаи маҳаллиро нишон додааст.

Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки дар буққачаҳои беҳтаркардашуда афзоиши ченакҳои бадан дар синни аз 6 то 18 моҳагӣ пайдо мешавад.

Афзоиши ченакҳои бадан дар синни ниҳоии парвариши буққачаҳо, яъне 24 моҳагӣ  аз нишондодҳо дар муқоиса ба ченакҳои бадани ҳар ду гурӯҳ аз давраи таваллуд то 24 моҳагӣ нишон дод, ки афзоиши баланд дар байни дурагаҳо аз давраи таваллуд то дусолагӣ аз рӯи ченакҳое, ки асосан дар давраи пас аз инкишофи эмбрионалӣ меёбанд, мушоҳида карда шуда паҳноии қафаси сина аз қафои  шонаҳо 3,6 ва 3,2 маротиба, паҳнои қафо дар устухони чорбанд 3,1 ва 2,6 маротиба афзудааст. Ченакҳои баландӣ, ки дар давраи эмбрионалӣ ба андозаи баланд ба назар мерасад, камтар афзоиш ёфтаанд. Афзоиши баланди ҳамаи ченакҳо дар ҳарду гурӯҳ бо гузашти синну сол бо мурури афзоиш каме коҳиш ёфтаанд.

Хулоса ченакҳои муайяни ташаккулёбии бадан нишон дод, ки буққаҳои дурага ба худ нишондиҳандаҳои баландтари калонҷӯсагӣ, фурӯтанӣ, паҳноии бадан, паҳноии қафоро доштанд, ки аломатҳои чорвои гӯштиро муайян менамуданд.

Дар корҳои зотпарварӣ бо зотҳои чорвои гӯштӣ баҳо додани сифати зотии буққаҳои наслдиҳанда аҳамияти хоса дорад. Мо барои баҳо додани бӯққаҳои истифодашаванда ва наслҳои гирифташудаи онҳо омӯзиши сифати зотии буққаҳо аз рӯи наслашон ва ба насли гирифташуда баҳо додани сифатҳои маҳсулнокии онҳо таҷрибаҳо гузаронидем.

Маълум карда шуд, ки буққаҳои истифодашудаи зоти сарсафеди қазоқӣ ва буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳалӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии 100 балла ба класси элита рекорд  (буққаи сарсафеди қазоқӣ) ва класси 1-ум (буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳалӣ) дохил мешаванд.

Мувофиқи корҳои зотпарварӣ барои баҳо додани сифати насл, аз

рӯи наслҳои додашудаи буққаҳои зотӣ ҳам нарина ва ҳам модина, ки хусусиятҳои хосӣ, ирсӣ, генетикию маҳсулнокиро доранд, барои дар оянда пеш бурдани корҳои селексионӣ истифода бурда мешаванд. Парвариши босуръати ҷавонаҳо аз синни 8 то 15 моҳагӣ гузаронида мешавад. Чунин бояд нақша гирифт, ки ҳаҷми умумии ҳуронидан бояд барои гирифтани вазни шабонарузии буққачаҳо то 1000 г. ва барои гусолаҳои модина то 750 г. суръат гирад.

Бо ин мақсад, мо барои муайян намудани иқтидори маҳсулнокии буққаҳо барои дар оянда нигоҳ доштани буққаҳо ҳамчун бӯққаҳои наслдиҳанда дар гирифтани насли зотӣ истифода бурда мешаванд.

Мувофиқи нақшаи илмӣ омӯзиши букқаҳои ба дастовардаро аз таввалуд то синни 24 моҳагӣ вазни шабонарӯзиашонро ба роҳ мондем.

Маълум карда шуд, ки вазнафзуншавии букқачаҳои ҷудокардашуда ба ҳисоби миёна дар буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда 463г. ва дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) ба ҳисоби миёна 700 граммро ташкил додааст.

Агар дар алоҳидагӣ дида бароем дар байни буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда буққачаҳои бо рақами 2124 ба нишондоди вазнафзуншавии шабонарӯзӣ 530г., бо рақами 2128-540г. ва бо рақами 2140-550 грамм нисбат ба дигар буққачаҳои гурӯҳ баланд аст. Аз ҳамма кам дар буққачаи рақами 2138-410 г. ва то 435г. дар буққачаи рақами 2132 дида мешавад.

Дар гурӯҳи буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) вазнафзуншавии шабонарӯзӣ дар бӯққачаҳои рақами 4042-900г., рақами 4044 - 845г. ва рақами 4048-845г.-ро ташкил додаст. Аз ҳамма кам дар буққачаи рақами 4056 – 600г. то 650 г. дар буққачаи рақами 4046 ба назар мерасад.

Маълум карда шуд, ки вазнафзуншавии букқачаҳои. ҷудокардашуда дар синни 15 моҳагӣ, ба ҳисоби миёна дар буққачаҳои

маҳаллии беҳтаркардашуда 590г. ва дар buққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) ба ҳисоби миёна 650 граммро ташкил додааст. Маълум карда шуд, ки вазнафзуншавии шабонарӯзиӣ дар синни 15 моҳагӣ нисбат ба синни 8 моҳагӣ дар буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда зиёдтар буда (590г. муқобили 463г.), дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) мутаносибан вазнафзуншавии шабонарӯзӣ дар синни 15 моҳагӣ нисбат ба синни 8 моҳагӣ камтар (650 г. муқобили 700 г.) ба назар мерасад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда иқтидори ирсии маҳалии худро нисбат ба муҳит гум накардаанд.

Дар алоҳидагӣ бошад дар байни буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда буққачаҳои бо рақами 2124 ба нишондоди вазнафзуншавии шабонарӯзӣ 680г., бо рақами 2128-670г. ва бо рақами 2140-660 грамм иқтидори потенсиалии ирсиро гум накарда вазн гирифтаанд ва мутаносибан 150г. (2124), 130г. (2128), 110 г. (2140) зиёд аст.

Дар гурӯҳи буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) вазнафзуншавии шабонарӯзӣ дар бӯққачаҳои рақами 4042-900г., рақами 4044 - 845г. ва рақами 4048-845г.- ро ташкил дода, мутаносибан 150г. (4042), 125 г. (4044), 110 г. (4048) паст шудааст.

Бо мақсади равшан намудани вазнафзуншавии шабонарӯзии буққачаҳо вазнафзуншавии шабонарӯзии буққачаҳое, ки вазнафзуншавиашон нисбат ба ҳамсолони худ дар ҳарду гурӯҳ баланд аст, дар давоми аз 8 моҳа то 15 моҳагӣ вазнафзуншавии буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) дар давраи аз синни аз 8 то 15 моҳагӣ мутаносибан аз ҳамма баланд дар синни 10 моҳагӣ 970г. (4042), 950 г. (4044), 910 г. (4048) ва то синни 15 моҳагӣ паст фуромада ба 750г. (4042), 730 г. (4044), 710 г. (4048) расидааст. Аз ҳамма вазафзуншавии баланд дар байни буққачаҳо дар буққачаи рақами

4042 дида мешавад.

Вазнафзуншавии шабонарӯзии буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда дар давраи аз синни 8 то 15 моҳагӣ мутаносибан аз ҳамма баланд дар синни 12 моҳагӣ 720 г. (2124), 700 г. (2128), 690 г. (2140) ва то синни 15 моҳагӣ паст фуромада ба 680г. (2124), 665 г. (2128), 660г. (2140) расидааст. Аз ҳамма вазафзуншавии баланд дар байни буққачаҳо дар буққачаи рақами 2124 дида мешавад.

Маълум карда шуд, ки дурагаҳои гирифташуда бо вазнафзуншавии шабонарузии ба ҳисоби миёнаи аз синни 8 моҳа то 15 моҳагӣ аз 808,1 то 860,6 нисбат ба вазафзуншавии миёнаи буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда 201,8 ва 163,1 г. зиёд аст.

Аз нишондодҳо маълум карда шуд, ки вазни зиндаи буққачаҳои ҷудокардашудаи маҳаллии беҳтаркардашуда ба ҳисоби миёна 300,2 кг ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) бо вазни миёнаи 357 кг., дар синни 18 моҳагӣ муайян карда шуд, ки вазни миёнаи буққачаҳои дурага нисбат ба маҳалӣ 56,8 кг зиёд аст.

Дар синни 24 моҳагӣ бошад вазни зиндаи миёнаи дурагаҳо нисбат ба маҳалии беҳтаркардашуда 58,6 кг мерасад.

Байни буққачаҳои дурага аз ҳамма вазни баланд рақами 4048 – 381кг ва дар буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда рақами 2124 – 320кг вазн гирифтаанд.

Хулоса бояд қайд намуд, ки бо дурага намудани буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ бо чорвои популятсияи маҳаллӣ ба гирифтани насли миёнаи сермаҳсули гӯштӣ муяссар мешавад, ки дар истифодаи ояндаи зотпарварӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади ба роҳ мондани корҳои селексионӣ буққаҳои дурагаи рақами 4042 бо вазнафзуншавии шабонарӯзии аз 750 то 970г., рақами 4044 аз 730 то 950 г. ва рақами 4048 аз 710 то 910 г. барои дар оянда дар истифодаи корҳои селексионӣ барои гирифтани насли сермаҳсул

пешниҳод шуданд.

Дар соҳаи чорвои гӯштӣ аз хамма нишондодҳои асосӣ, ин маҳсулнокии гӯштӣ мебошад, ки аз рӯи махсулнокӣ, таносуби гӯшти лаҳм ва устухон, инчунин баромади гӯшт, равған ва самаранокии забҳ муайян карда мешавад.

Бо мақсади омӯзиши сифатҳои гӯштии буққаҳои таҳқиқшаванда дар синни 18 ва 24 моҳагӣ забҳи назоратӣ гузаронида шуд.

Дар натиҷа дар синни 18 моҳагӣ вазни гӯшти ҷуфти байни дурагаҳои сарсафеди қазоқӣ нисбат ба ҳамсолони беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 28,7 кг (22,0%) баландтар буд.

Чунин таносубият дар синни 24 моҳагӣ мутаносибан ба 28,5 кг (16,8%) расидааст.

Маълум мешавад, ки ҳам дар синни 18 моҳагӣ ва ҳам дар синни 24 моҳагӣ буққаҳои ба воситаи дурага гирифташуда аз ҳамсолони худ, яъне буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ нисбати маҳсулнокии гӯштӣ бартарият нишон додаанд.

Аз ҷумла, баромади гӯшти холис ва равғани дохилиро агар муқоиса кунем баромади гӯшти буққачаҳо дар синни 18 моҳагӣ, аз маҳалии беҳтаркардашуда ба 50,76 ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) бошад ба 54,82% мерасад.

Таносуби равғани дохилӣ бошад, мутаносибан 2,11 ва 2,45%-ро ташкил мекунад.

Дар муқоисаи байни гуруҳҳо ҳам дар баромади гӯшти холис ва равғани дохилӣ дар буққачаҳои дурагаи сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ нисбат ба буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда бо 4,06% (баромади гӯшт) ва 0,34 % (равғани дохилӣ) зиёд аст.

Дар синни 24 моҳагӣ бошад таносубияти баромади гӯшт дар буққа чаҳои маҳалии беҳтаркардашуда 55,88 % (5,12% зиёд нисбат ба синни 18 моҳагӣ) ва дар буққачаҳои дурагаи сарсафеди қазоқӣ X популятсияи

маҳаллӣ ба 56,39% (1,57% зиёд нисбат ба синни 18 моҳагӣ) мерасад.

Нисбати равғани дохилӣ бошад мутаносибан дар синни 24 моҳагӣ бошад таносубияти баромади равғани дохилӣ дар буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда 2,76% (0,65% зиёд нисбат ба синни 18 моҳагӣ) ва дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) ба 4,22% (1,77% зиёд нисбат ба синни 18 моҳагӣ) мерасад.

Агар мо натичаҳои баромади гӯшти холис ва равғани дохилиро нисбат ба баромади гӯшти кушташуда дар буққачаҳои беҳтаркардашуда дида бароем, аз маълумотҳои бадастоварда маълум карда мешавад, ки дар синни 18 моҳагӣ вазни гӯшти ҷуфти байни дурагаҳои сарсафеди қазоқӣ нисбат ба ҳамсолони беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 28,7 кг (22,0%) ва дар синни 24 моҳаги мутаносибан 28,5 кг (16,8%) баландтар буд.

Ба ҳамин монанд, гӯшти гирифташуда аз рӯи баромади забҳ, ки дар байни дурагаҳо нисбат ба буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ баландтар буд.

Тақсими гӯшти чорвои таҳқиқшаванда тибқи Меъёри давлатии (ГОСТ) № 7595-55 «Тақсими гӯшти чорвои калони шохдор барои савдои чакана» ба роҳ монда шуд.

Дар натиҷа аз 133,2 кг гӯшти ҷудокардашудаи буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда, ба гӯшти навъи 1-ум 93,5% яъне 124,5 кг, навъи 2-юм 5,9% (7,76 кг) рост омадааст.

Фарқияти байни буққачаҳои дурага ва маҳаллии беҳтаркардашуда дар истеҳсоли гӯшти навъи 1-м 4,3%, 2-юм 3,8 % дар буққачаҳои дурага нисбат ба ҳамҷинсони худ баланд аст.

Чунин тақсимот дар синни 24 моҳагӣ баъди парвариш гузаронида

шуда, баъди забҳи буққачаҳои таҷрибавӣ аз 170 кг гӯшти ҷудокардашудаи буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда, ба гӯшти навъи 1-ум 96,2 % яъне 163,5 кг, навъи 2-юм 3,33% (5,7 кг) ва дар дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) мутаносибан 96,0 % (156,0 кг),

3% ва 3,8% рост омадааст.

Фарқияти байни буққачаҳои дурага ва маҳалии беҳтаркардашуда дар синни 24 моҳагӣ, истеҳсоли гӯшти навъи 1-м 4,3% (10,3 кг), дар буққачаҳои дурага нисбат ба ҳамҷинсони худ зиёд аст. Дар гӯшти навъҳои 2-юм ва 3-юм ба миқдори фоизи байни гӯшти лаҳм дар чорвои дурага нисбат ба ҳамҷинсони худ паст ҳам бошад лекин дар миқдори гӯшт зиёд аст.

Барои муайян кардани маззаи гӯшт, таъми гӯшти пухтаи буққаҳо дар шӯрбо мушоҳида гузаронида шуд. Баҳодиҳии хӯрокҳо аз рӯи системаи 5 – балла дар комбинати гӯшт гузаронида шуд.

Беҳтарин гӯшт дар синни 18 ва 24 моҳагӣ дар насли дурагаҳои сарсафеди қазоқӣ (4,5 ва 4,5 балл) дониста шуд. Он боллазату шаҳдбор, мулоим, хушбӯй бо бӯи махсуси гӯштӣ буд. Гӯшти пухтаи қайлаи дурагаҳои насли сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ (4,3 ва 4,3 балл) низ, аъло буд. Гӯшти буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ, ҳам дар шакли пухта ва ҳам дар шакли қайла, инчунин шӯрбо дар доираи 3,7-3,7 балл арзёбӣ карда шуд.

Хулоса дар натиҷаи баҳодиҳии муқоисавии нишондодҳои забҳи буққачаҳои дурага ва маҳаллии беҳтаркардашуда ва сифати гушти бадани онҳо муайян карда шуд, ки бо усули дурагакунии байни зоти сарсафеди қазоқӣ ва чорвои популятсияи маҳаллӣ, буққачаҳои гирифташуда нишондодҳои беҳтарро нисбати буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ҳам дар вазни зинда, маҳсулнокӣ ва тақсими гӯшти лаҳми онҳо бо сортҳои мувофиқ нишон додаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки зоти мутамарказонидашудаи сарсафеди қазоқӣ дар беҳтар намудани сифати чорвои маҳалии беҳтаршуда саҳми худро гузоштааст.

Дар таркиби гӯшти чорво бофтаҳои мушакӣ, бофтаҳои равғанӣ, бофтаҳои пайвасткунанда ва бофтаҳои устухонӣ фаъолият менамоянд, ки хусусиятҳо ва сифатҳои равғаннокӣ, гӯшти лаҳм ва қиммати гӯштро

муайян менамоянд.

Баъди забҳи буққачаҳои таҷрибавӣ таркиби морфологии гӯшти буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) дар синни 18 моҳагӣ таҳлил ва муайян карда шуд.

Маълум карда мешавад, ки миқдори гӯшту равған дар нимтанаи хунуккардашудаи буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда 74,7% (49,7кг), устухонҳо бошад 20,5% (13,6кг) ва тағояк 4,2 % (2,8кг) - ро ташкил менамояд.

Дар букқачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) бошад миқдори гӯшту равған 78,7 % (63,9 кг), устухонҳо 17,2 % (13,5 кг) ва тағояк 3,8% (3,0 кг) – ро ташкил намуд.

Дар байни буққачаҳо бошад, дурагаҳо аз ҳисоби гӯшту равған нисбат ба буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда 4,0% (14,2 кг) бартарӣ дошта, аз ҳисоби устухонҳо 3,3% кам аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда аз сифати танумандӣ ба конститутсияи нимдағал дохил мешаванд ва устухонҳои вазнин доранд.

Чунин таҳлил ва муайян намудани таркиби морфологии гӯшти буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) дар синни 24 моҳагӣ баъди забҳ ба роҳ монда шуд.

Маълум карда мешавад, ки миқдори гӯшту равған дар нимтанаи хунуккардашудаи буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда дар давраи синни 24 моҳагӣ 76,40% (65,0 кг), устухонҳо бошад 19,3% (16,4 кг) ва тағояк 3,87 % (3,3 кг)-ро ташкил менамояд.

Дар букқачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) бошад миқдори гӯшту равған 79,11 % (78,5 кг), устухонҳо 17,7 % (17,5 кг) ва тағояк 3,0% (2,9 кг) – ро ташкил намуд.

Дар байни буққачаҳо бошад, дурагаҳо аз ҳисоби гӯшту равған

нисбат ба буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда 2,7% (13,5 кг) бартарӣ дошта, аз ҳисоби устухонҳо қариб, ки баробаранд.

Буққаҳои дурага дар муқоиса бо буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ, баромади баланди истеҳсоли гӯшт ва равған буда дар 1 кг устухон дар 18 моҳагӣ 4,57 ва дар 24 моҳагӣ -4,47 кг мутаносибан ба 3,71 ва 3,96 кг беҳтар ба назар расид.

Олимон бар он ақидаанд, ки нишондиҳандаҳои клиникӣ дар чорво аз қабили ҳарорати бадан, набз ва нафаскашӣ дар мубодилаи моддаҳои организм аҳамияти басо муҳим доранд.

Дар ҳолатҳои муқаррарӣ ҳарорати бадани чорвои калони шохдор 39$^0$С бо тағъирёбии 37,5-39,5$^0$С ва тапиши дили чорво дар давоми 1 дақиқа аз 65 то 75 зарба муайян карда шудааст. Шумораи нафаскашӣ дар 1 дақиқа дар чорвои муқаррарӣ аз 15 то 20 ва дар чорвоҳои сермаҳсул то 30 маротиба нафаскаширо нишон медиҳад.

Дар давраи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ нишондиҳандаҳои клиникии буққачаҳои таҷрибавиро бо назардошти таъсири муҳит, чаронидан, таъсири ҳарорат, хӯронидан, суръати нафаскашӣ ва тапиши дил ба роҳ монда шуд.

Нишондиҳандаҳои ҳарорати бадан, тапиши дил ва нафаскашӣ дар буққачаҳои таҷрибавӣ дар вақти субҳ аз соатҳои 6$^{00}$то 7$^{00}$, нисфирӯзӣ аз соатҳои 13$^{00}$ то 14$^{00}$, ва дар вақти шом соатҳои аз 18$^{00}$ то 19$^{00}$ як маротиба дар давоми 10 рӯз омӯхта шуд.

Натиҷаҳои динамикаи тағъирёбии нишондиҳандаҳо ҳангоми муайян намудани ҳарорати бадан дар вақти субҳ ва шом байни буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) фарқияти ҷиддӣ муайян карда нашуд.

Баъзе афзоиши ҳарорати бадан дар нисфирӯзӣ дар муқоиса бо назорати вақтҳои субҳ ва шом муайян карда шуд. Дар гурӯҳи буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда нисбат ба дурагаҳо (зоти

сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) пасттар буд.

Бояд қайд намуд, ки дар таҷрибаҳои мо байни буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда ва дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) аз рӯи нишондодҳои ҳарорати бадан каме аз якдигар фарқ мекарданд, ки ин ба меъёрҳои физиологӣ алоқамандӣ доранд.

Дар вақти санчиши кори дил ва суръати нафаскашӣ ҳангоми хӯронидани меъёри хӯрокаи серғизо, ки дорои сафеда ва қанд буда муайян карда шуд, ки хӯронидани хӯрокаи серғизои ба тапиши дил ва суръати нафаскашӣ таъсири мусбат мерасонад.

Ҳангоми таҳлили новобаста аз меъёри хӯрока, дар вақти нисфирӯзӣ аз соати $13^{00}$ то $14^{00}$ суръати тапиши дил ҳангоми нафаскашӣ тағъир ёфт. Натиҷаҳо нишон доданд, ки дар ин ҳангом суръати нафаскаши ва таппиши дил зиёд шуд. Ин афзоиш дар дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) нисбат ба буққаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда мушоҳида карда шуд.

Натиҷаҳо нишон доданд, ки суръати таппиши баланди дил дар дурагаҳо (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) нисбат ба буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда мушоҳида карда шуд. Дар аввали таҷриба (моҳи июл) дар дар буққачаҳои дурага нисбат ба ҳамсолони худ 0,5,0,4 ва 0,3 маротиба баланд буд. Дар байни таҷриба моҳи август бошад дар вақти саҳар баробар буда, нисфирӯзӣ 0,2 маротиба кам ва шабона 0,2 маротиба зиёд ба назар мерасид. Дар охир таҷриба, шабона бошад (сентябр) мутаносибан 0,8 маротиба зиёд, 0,4 маротиба кам ва 0,4 маротиба зиёд аст.

Бояд қайд намуд, ки дар байни буққачаҳо фарқияти калон вуҷуд надошта бошад, ҳам таъсири гармии ҳаво ва хӯронидани пурбаҳо каме ҳам бошад таъсири худро мерасонад.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои суръати нафаскашӣ бошад, маълум шуд,

